Силсилаи «Моликияти зеҳнӣ барои фаъолияти тиҷоратӣ»

Рақами: 4

МАФҲУМИ ЭҶОДӢ

Сарсухан ба ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он барои корхонаҳои хурд ва миёна

Маркази миллии патенту иттилоот

Нашр дар силсилаи «Моликияти зеҳнӣ барои тиҷорат»:

1. Эҷоди (офаридани) нишон: Муқаддима ба мавзӯи «Тамғаҳои молӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 900.

2. Кушиш ба камолот: Муқаддима ба мавзӯи «Намунаҳои саноатӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 498.

3. Ояндаро ихтироъ намуда: Муқаддима ба мавзӯи «Патентҳо барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 917.

4. Ибораи эҷодкунанда: Муқаддима ба мавзӯи «Ҳуқуқи муаллифӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 918.

Ҳамаи нашрияҳо дар мағозаи китоби электронии СУМЗ дар сайти: www.wipo.int/ebookshop мавҷуданд.

Эзоҳ: Иттилооте, ки дар дастурамали мазкур вуҷуд дорад, мақсади ба даст овардани маслиҳатҳои ҳуқуқии касбиро надорад. Мақсади асосии он бо пешниҳоди иттилооти хусусияташон умумӣ маҳдуд карда мешавад.

Ин китобча бо иҷозати пешакии расмии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ), дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба матни аслии англисӣ, ки дар сомонаи **www.wipo.int/sme/en/documents/guides./** дастрас аст, мувофиқ ва интишор шудааст.

Бинобар ин СУМЗ барои дақиқ ва дурустии матни мувофиқшуда ҷавобгар нест, чунки ин ҷавобгарӣ бар дӯши Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

©ММПИ (с.2011)
СУМЗ дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба тафсири англисизабонии аслӣ (с.2006) мебошад.
Ягон қисме аз нашрияи мазкур наметавонад интишор гардад ва ё бо ягон шакле ва ё бо ягон воситаи электронӣ ва ё механикӣ бидуни иҷозати хаттии дорандаи ҳуқуқи муаллиф вогузор карда шавад, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст.

Пешгуфтор

Ин нашрияи чорум аз силсилаи дастурамал доир ба «Моликияти зеҳнӣ барои корчалонӣ». Ин нашрия аз муқаддима ба ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он барои корчалонҳо-менеҷерҳо ва соҳибкорон иборат аст. Дар он бо забони оддӣ бештар ҳамон ҷанбаҳои қонунгузорӣ ва таҷриба доир ба ҳуқуқҳои муаллифие шарҳ дода мешаванд, ки онҳо ба стратегияи корчалонии муассиса таъсир мерасонанд..

Одатан аз ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он муассисаҳое вобастаанд, ки ба корҳои нашриявӣ, фаъолияти ноширӣ, эҷодиёти аудиовизуалӣ (синамо, телевизион), реклама, алоқа ва маркетинг, косибӣ, санъати тасвирӣ ва иҷрокунандагӣ, ороишӣ ва мода, инчунин пахши телевизионӣ маш ғуланд. Дар ду даҳсолаи охир таъминоти барномавӣ, мултимедиа ва қариб ҳамаи соҳаҳое, ки аз маҳсулот ва хизматрасониҳои рақамӣ, чӣ дар Интернететак ва берун аз он, вобастаанд, ҳамчунин ба ҳифзи самараноки ҳуқуқҳои муаллиф, махсусан бо назардошти инқилоби дар бозиҳои рақамӣ ва маркетинг ба амал омада, рӯ оварда истодаанд.

Дар натиҷа дар рӯзи корӣ соҳибкор ва ё кормандони кирояи аксарияти корхонаҳо метавонанд маводҳоеро, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳифз карда мешаванд, эҷод намоянд ва ё истифода баранд.

Ин дастур мақсади чунин кӯмакрасониро хусусан ба корхонаҳои хурд ва миёна дорад:

– undeомӯхтани чи тавр ҳифз кардани ҳуқуқҳои асарҳои эҷодшудаи онҳо ва ё асарҳое, ки ҳуқуқҳои онҳоро доранд;
– ба даст овардани манфиати зиёдтарин аз ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба онҳо; ва
– канора ҷустан аз ҳуқуқвайронкуниҳои муаллифии шахсони дигар.

МУНДАРИҶА

		Саҳ.
1.	Ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он	3
2.	Ҳаҷм ва мӯҳлати эътибори ҳифз	8
3.	Ҳифзи асари аслии шумо	24
4.	Дорандагии ҳуқуқии муаллифӣ	31
5.	Ба даст овардани манфиат аз ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он	35
6.	Истифодабарии асаре, ки ба дигар шахсон дахл доранд	44
7.	Ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ	52

1. Ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он

Ҳуқуқҳои муаллифӣ чист?

Ҳуқуқҳои муаллифӣ ба муаллифон, оҳангсозон, барномасозҳои компютерӣ, ороишгорони веб-сайтҳо ва дигар эҷодгарон ҳифзи ҳуқуқии эҷодиёти адабӣ, бадеӣ, драмавӣ ва дигар намудҳои асарҳояшонро, ки одатан «асар» номида мешаванд, пешниҳод менамояд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ба асарҳои гуногуни аслӣ, ба мисли китобҳо, мақаллаҳо, рӯзномаҳо, мусиқӣ, тасвирҳо, суратҳо, ҳайкалтарошҳо, лоиҳаҳои меъморӣ, филмҳо, барномаҳои компютерӣ, бозиҳои видеоӣ ва базаи маълумотии аслӣ (номгӯи муфассалтарро ниг. ба саҳ 8) паҳн карда мешавад.

Ҳуқуқи муаллиф ба муаллиф ва ё эҷодгари асар маҷмӯи гуногуни ҳуқуқҳои истисноиро ба асари он ба муддати маҳдуд, вале давраи хеле давомнок, пешниҳод менамояд. Ин ҳуқуқҳо ба муаллиф имкон медиҳад, ки истифодабарии иқтисодии асарашро бо роҳҳои гуногун назорат барад ва аз он мабла ғ ба даст орад. Ҳуқуқи муаллифӣ инчунин «ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ»-ро, ки ғайр аз ин шӯҳрат ва обрӯи муаллифро ҳифз мекунанд, пешниҳод менамояд.

Дастурамал доир ба истифодабарї ва муаррифї бо ҳуқуқҳои муаллифї ҳифз карда мешаванд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ

Дар аксарияти ширкатҳо баъзе аз ҷанбаҳои фаъолияти соҳибкории онҳо бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда мешаванд. Мисол: барномаҳои компютерӣ ва ё таъминоти барномавӣ; маводҳои веб-сайтҳо; феҳристҳои маҳсулот; хабарномаҳои иттилоотӣ; дастурамали чопӣ ва ё дастурамал доир ба истифодабарии мошинҳо ва ё молҳои истеъмолӣ; дастурамали истифодабарӣ ва ё таъмирӣ барои намудҳои гуногуни таҷҳизот; асарҳои санъат ва матнҳои иттилоотӣ доир ба молҳо, там ғаҳо ва ё бастаҳо; маводҳои маркетинкӣ ва ё рекламавӣ дар қ о ғаз, лавҳаҳои рекламавӣ, веб-сайтҳо ва ғайра. Дар аксарияти кишварҳо ҳуқуқи муаллифӣ инчунин эскизҳо, нақшаҳо ва ё ороиши молҳои саноатиро ҳифз мекунад.

Ҳуқуқҳои вобаста ба он чист?

«Ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба гурӯҳи ҳуқуқҳое дохил мешаванд, ки ба иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкили пахши барномаҳо пешниҳод мешаванд. Дар аксарияти кишварҳо, ба монанди ИМА ва Британияи Кабир ин ҳуқуқҳо танҳо ба ҳуқуқҳои муаллифӣ дохил карда шудаанд. Дигар кишварҳо, ба мисли Олмон ва Франсия, ин ҳуқуқҳоро ҳамчун гурӯҳи алоҳида, бо ном «ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳифз мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳуқуқҳои вобаста ба он» категорияи алоҳида мебошад ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (с.1998) танзим менамояд.

Се намуди «ҳуқуқҳои вобаста ба он» вуҷуд доранд:

- **Ҳуқуқи иҷрокунандагон** (масалан, актерҳо, мусиқинавозон) барои иҷрои кори худ. Онҳо аз иҷрои зиндаи асари аллакай мавҷудаи бадеӣ, драмавӣ ва ё мусиқӣ ва ё асари мусиқӣ ва ё нақли зинда ва ё хониши асари аллакай мавҷудаи адабӣ иборатанд. Асари иҷрошаванда шарт нест, ки пештар бо кадом воситае ва ё дар кадом шакле ба қайд гирифта шуда бошад ва мумкин аст дар соҳаи дастовардҳои ҷамъиятӣ ва ё бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда шаванд. Иҷрокунӣ мумкин аст инчунин бадеҳатан, чӣ аслӣ ва чӣ дар заминаи асари аллакай вуҷуд дошта бошад.
- **Ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагони сабти овозҳо** (ва ё «фонограммаҳо») барои сабти худ (масалан, ихчам-гирдаҳо); ва
- **Ҳуқуқи ташкили пахши барномаҳо дар барномаҳои радио ва телевизионии** худ ва дар баъзе кишварҳо, ҳуқуқҳо ба пахши асарҳо тариқи системаи кабелӣ (бо ном пахши кабелӣ) (Иттилооти иловагӣ доир ба ҳуқуқҳои вобаста ба онниг. ба саҳ 17).

Ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он асарҳои гурӯҳи гуногуни дорандагони ҳуқуқро ҳифз менамояд. Он гоҳ ҳуқуқҳои муаллифӣ асарҳои худи муаллифонро ҳифз карда, ҳуқуқҳои вобаста ба он ба гурӯҳи муайяни шахсон ва ё муассисаҳо пешниҳод карда мешавад, ки дар иҷрои расмӣ, хабар ва ё паҳнкунии асарҳо, ки ҳуқуқҳои муаллифиро ҳифз карда метавонанд ва ё наметавонанд, мақоми хосро мебозанд.

Мисол: Дар ҳолати суруд, ҳуқуқи муаллифӣ мусиқии оҳангсоз ва сатрҳои муаллиф (шоир ва ё нависанда) –ро ҳифз мекунад. Ҳуқуқҳои вобаста ба он истифода бурда мешавад ба:

- Баромади мусиқанавозон ва сарояндагон, ки сурудро иҷро менамоянд;;
- Сабти овози истеҳсолкунандагони фонограмма, ки дар он суруд дохил карда шудааст; ва
- Барномаҳои телевизионии ташкилот, ки барномаҳои суруддорро истеҳсол ва пахш менамояд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба фаъолияти кории шумо чӣ муносибат дорад?

Ҳуқуқҳои муаллифӣ унсурҳои драмавӣ ва ё дигар унсурҳои эҷодии мол ва ё дигар хизматрасониҳоро ҳимоя менамояд, ки тариқи он дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ метавонад истифодабарии ин унсурҳоро аз ҷониби дигар шахсон пешгирӣ намояд.Ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба корхона имкон медиҳад::

- **Истифодабарии тиҷоратии асарҳои аслиро назорат барад:** ба мисли китобҳо, мусиқӣ, филмҳои синамо, барномаҳои компютерӣ, базаҳои аслии маълумот, маводҳои рекламавӣ, иттилооти веб-сайтҳо, бозиҳои видеоӣ, сабти овоз, барномаҳои радио ва телевизионӣ ва ё ҳаргуна асарҳои эҷодӣ. Асарҳое, ки бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳифз карда мешаванд, наметавонанд аз ҷониби дигар шахсон бидуни иҷозати пешакии дорандаи ҳуқуқ нусхабардорӣ карда шаванд ва ё бо мақсади тиҷоратӣ истифода бурда шаванд. Чунин истисно ҳангоми истифодабарии ҳуқуқҳои муаллифӣ, ки асарҳоро ҳифз менамояд, ба муассиса барои гирифтани даромад кӯмак расонида дараҷаи рақобатпазириро дар бозор устувор мегардонад.
- **Ба даст овардани даромад:** Ба мисли дорандаи моликият, дорандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он ба асар метавонад онро тариқи фурӯш, тӯҳфа кардан ва ё ба мерос додан истифода барад ва ё бегона намояд. Усулҳои гуногуни тиҷорати ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он вуҷуд доранд. Яке аз имкониятҳо истеҳсол ва фурӯши миқдори зиёди нусхаҳои асаре, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он (масалан, суратҳои чопӣ) ҳифз карда мешавад, иборат аст; дигар имконият аз фурӯши (вогузории) ҳуқуқи муаллифии шумо ба дигар шахсон ва ё ширкат иборат аст. Ниҳоят, имконияти сеюм, аксар вақт варианти беҳтарин аз литсензиякунонӣ, яъне додани иҷозати истифодабарии асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшавандаи шумо ба дигар шахс ва ё ширкат дар иваз ба пардохт бо шартҳои дутарафаи мувофиқшудаи шартномавӣ (ниг. ба саҳ. 36), иборат аст.
- **Сафарбаркунии сармоя:** Ширкатҳое, ки дар намуди ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он (масалан, портфели ҳуқуқҳои дистрибютерӣ ба як қатор наворҳои филмҳои синамо) активҳо доранд, метавонанд аз муассисаҳои молия, пакетҳои ҳуқуқии худро ҳамчун гарав истифода бурда мабла ғ қарз гиранд ва бо ин роҳ ба сармоягузорон ва қарздиҳандагон имконияти гирифтани «ҳуқуқи қарзӣ»-ро барои онҳо, диҳанд.
- **Истифодаи чораҳои ҷазо нисбати вайронкунандагон:** Ҳуқуқи муаллифӣ ба дорандагони ҳуқуқ имконияти таъқиби судии ҳар як шахсро, ки ҳуқуқи истисноии дорандаи ҳуқуқи муаллифиро бо мақсади гирифтани ҷуброн, нобуд кардани нусхаҳои қалбакӣ ва пардохти хизматрасонии ҳимоячӣ поймол мекунад (бо забони ҳуқуқӣ вайронкунанда), медиҳад

Дар баъзе кишварҳо, аз ҷумла дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои қасдан вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ метавонанд ҷазои ҷиноӣ пешбинӣ намоянд.

- **Истифодабарии асаре, ки ба дигар шахсон тааллуқ дорад:** Истифодабарии асарҳо бо мақсади тиҷоратӣ, ки ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба дигар шахсон тааллуқ дорад, метавонад қиммат ва ё самаранокии корчалонӣ, аз ҷумла нархи бренди шуморо баланд бардорад. Масалан, садо додани мусиқӣ дар тарабхона, барҳо, ма ғозаҳои чакана ва ё дар хатҳои ҳавоӣ таассуроти мусбии мизоҷро дар вақти истифодабарии хизматрасонӣ ва ё ташрифи ма ғоза қавитар мегардонад.

  Дар аксарияти кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои истифодабарии мусиқӣ бо чунин тарз ҳатман аз дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он тариқи иҷозатнома барои истифодабарии мусиқӣ бо мақсадҳои муайян бояд пешакӣ иҷозат гирифта шавад.

  Фаҳмиши қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба шумо имкон медиҳад, ки донед, кай иҷозатнома талаб карда мешавад ва барои гирифтани он чи бояд кард.

Аксарияти муассисаҳо китобчаҳо чоп мекунанд ва ё маводҳои рекламавӣ нашр мекунанд, ки аз иттилооти бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифзшуда асос ёфтаанд..

Гирифтани иҷозатнома аз дорандаи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он барои истифодабарии асар бо мақсадҳои муайян аксар вақт усули беҳтарини дурӣ ҷустан аз баҳсҳо ба ҳисоб меравад, ки дар акси ҳол, метавонад ба баҳсҳои дурударози номуайян ва гаронбаҳо оварда расонад..

Ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро бо кадом роҳ ба даст меоранд?

Қариб тамоми кишварҳои ҷаҳон як ва ё якчанд қонуни миллӣ доранд, ки ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дахл доранд. Азбаски дар байни қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба они кишварҳои гуногун фарқияти муҳим вуҷуд доранд, тавсия дода мешавад, ки ба ба қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуҳои вобаста ба он муроҷиат намоянд ва ё аз мутахассиси дахлдор, пеш аз он ки ягон қарори асосии корӣ, ки ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро дахл мекунад, маслиҳати ҳуқуқӣ гирифта шавад.

Аксарияти кишварҳо як қатор шартномаҳои муҳими байналмилалиро имзо намуданд, ки то андозае барои ҳамоҳангсозии сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар байни кишварҳо, мусоидат намоянд.

Дар аксарияти кишварҳо, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин имконияти гирифтани даромадро аз асарҳое, ки бо ҳуқуқҳои муаллиф ҳифз карда мешаванд, бидуни кадом як расмият ва ё талаботи бақайдгирӣ, фароҳам меорад.

Номгӯи шартномаҳои асосии байналмилалӣ дар Замимаи III дода шудааст.

Оё воситаҳои дигари ҳуқуқии ҳифзи асари аслии шумо вуҷуд дорад?

Вобаста аз хусусияти асаратон, шумо метавонед аз як ва ё якчанд намуди зерини ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ барои ҳифзи манфиатҳои тиҷоратии худ, истифода баред.

- **Тамғаҳои молӣ.** Там ғаи молӣ хосияти там ғаро таъмин менамояд (ба монанди калима, логотип, ранг ва ё тобиши онҳо), ки барои фарқ кардани маҳсулоти корхона аз молҳои монанди дигар корхона кӯмак мерасонад.
- **Патентҳо ба намунаҳои саноатӣ.** Хусусияти ороишӣ ва ё зебогии маҳсулотро мумкин аст тариқи ҳифзи намунаҳои саноатӣ, ки дар баъзе кишварҳо ҳамчун «патентҳо ба намунаҳои саноатӣ» машҳуранд, ноил шудан мумкин аст.
- **Патентҳо.** Патентҳо метавонанд ихтироотро ҳифз намоянд, ки ба дараҷаи навӣ, сатҳи ихтироъкорӣ ва дар саноат истифодабарӣ мувофиқат намояд.
- **Махфияти иттилооти корӣ**, ки қиммати тиҷоратӣ доранд, метавонад ҳамчун сирри тиҷоратӣ то вақте ҳифз карда шаванд, ки доранда барои нигоҳдории ингуна иттилооти махфӣ чораҳои боақлона андешад.
- Қонунгузорӣ доир ба **ҳифзи рақобати бевиҷдонона** ба шумо имконияти шикоятро зидди фаъолияти тиҷоратии бевиҷдононаи рақибон медиҳад. Ҳифз дар доираи ҳуқуқи рақобати бевиҷдонона аксар вақт метавонад ҳифзи иловагиро аз нусхабардории ҷанбаҳои гуногуни молҳо зиёдтар аз он, ки дар асоси намудҳои гуногуни ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ имкон дорад, таъмин намояд. Дар баробари ин, ба пуррагӣ, ҳифз дар доираи қонунгузорӣ, ки намудҳои гуногуни махсуси ҳуқуқи моликияти зеҳниро танзим мекунад, устувортар ба ҳисоб меравад, назар ба ҳифзе, ки қонунгузории умумии миллӣ доир ба мубориза зидди рақобати бевиҷдонона пешниҳод менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамғаҳои молӣ, намунаҳои саноатӣ, ихтироъ, инчунин номи маҳалли пайдоиши мол ва топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд (нигаред ба веб сайт www.tjpat.org).

Рақобати беинсофона аз тарафи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» идора карда мешавад



Баъзан барои њифзи моликияти зењнї якчанд объектњоро (дар як ваќт ё пай дар пай) истифода мебаранд. Масъалан, Микки Маус њамчун объекти њуќуќи муаллиф ва њамчун тамѓаи молї њифз карда мешавад ' Disney Enterprises, Inc. *Бо иљозати The Walt Disney Company.*

2. ҲАҶМ ВА МӮҲЛАТИ АМАЛИ ҲИФЗ

Кадом дараҷа ва ё намуди асар бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад?

Дар аксарияти кишвар таърихи ҳуқуқҳои муаллифӣ аз васеъшавии тадриҷии намудҳои асарҳо, ки зери ҳимояи он қарор дорад, иборат аст. Гарчанде қонунҳои миллӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ одатан номгӯи пурраи асарро надоранд, онҳо як қатор гурӯҳи асарҳоро, ки аксар вақт аҳамияти васеъ доранд ва комилан устуворанд, номбар менамоянд. Гурӯҳ ва ё намуди асаре, ки дар аксарияти кишвар, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифз карда мешаванд, дар бар мегиранд:

- асарҳои шифоҳӣ (суханрониҳо, лексияҳо, маърӯзаҳо ва ғ.);
- асараҳои адабиёт (адабию бадеӣ, илмӣ, таълимӣ, публитсистӣ ва ғайра, ҳамчунин тамоми намуди барномаҳо барои МЭҲ (ниг. саҳ. 9), аз ҷумла барномаҳои амалӣ ва системаҳои амалиётие, ки метавонанд дар ҳар забон ва дар ҳар шакл, инчунин дар матни ибтидоӣ ва рамзи объектӣ таҷассум гарданд); (қҷт аз 03.03.06 №162);
- асарҳои драмавӣ ва мусиқиву драмавӣ, асарҳои сенарӣ;
- асарҳои хореографӣ ва пантомима;
- асарҳои мусиқӣ бо матн ва бе он;
- асарҳои аудиовизуалӣ (ниг.ба саҳ. 24);
- асарҳои тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ, графикӣ, санъати ороишию амалӣ, дизайнӣ, ҳикояҳои тасвирӣ, комиксҳо ва дигар асарҳои санъати тасвирӣ;
- асарҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ ва санъати боғпарварӣ;
- асарҳои суратнигорӣ ва дигар асарҳое, ки бо усулҳои ба он монанд офарида мешаванд;
- харита, нақша, ангора, тарҳҳои чуғрофӣ, геологӣ, заминшиносӣ ва дигар асарҳои пластикӣ, ки ба ҷуғрофия, топография ва илмҳои дигар марбутанд;
- асарҳои маҳсулӣ (тарҷума, таҳрир, хулоса, реферат, резюме, шарҳу тавзеҳ, саҳнагузорӣ ва дигар коркардҳои асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат);
- маҷмӯаҳо (энсиклопедияҳо, тазкираҳо, манбаъҳои маълумот (ниг. саҳ.11)) ва дигар асарҳои таркибӣ, ки натиҷаи меҳнати эҷодӣ буда, ба аломатҳои дар моддаи 5 ҳамин Қонун мутобиқат доранд;
- қисматҳои асар (аз ҷумла номи он, қаҳрамонҳо ва унсурҳои дигар), ки талаботи қисми якуми моддаи 5-ро қонеъ мегардонанд ва метавонанд дар алоҳидагӣ истифода шаванд. «қҷт 03.12.09 №573».

Ин асарҳо объекти ҳуқуқи муаллиф нестанд асарҳои эҷодиёти халқ (ниг. саҳ 14).

Ҳуқуқҳои муаллиф асарҳоеро ҳифз мекунад, ки дар шакли чопӣ ифода ёфтаанд, инчунин дар муҳити электронӣ ва ё рақамӣ нигоҳ дошта мешаванд. Далели он, ки асар дар шакли рақамӣ танҳо бо ёрии компютерҳо хонда мешаванд (чунки он танҳо аз нол ва воҳид иборат аст) ба ҳифҳи ҳуқуқи муаллифии он таъсир намерасонад..



тарҳҳои чуғрофӣ

мусиқӣ ва видео

Ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва таъминоти барномавӣ

Аз мавқеи пешниҳоди рақамии иттилоот, дар байни матн, овоз, графика, суратҳо, мусиқӣ, мултфилмҳо, сабтҳои овозӣ, графикаҳо ва таъминоти барномавӣ мутлақо ягон фарқият вуҷуд надорад. Дар барномаҳои компютерӣ як фарқи муҳим аз дигар асарҳои боқимонда вуҷуд дорад. Дар он вақте, ки матн, овоз, графика ва ғайра одатан ғайрифаъол ба ҳисоб мераванд, барномаҳо аз якдигар бо он фарқ мекунанд, ки онҳо, аз рӯи табиати худ, фаъоланд. Бинобар ин баҳсҳои зиёде доир ба эътиборнокии қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф барои ҳифзи барномаҳои компютерӣ рафта истодаанд.
In practice, there are many ways to protect different elements of a computer program:

- Ҳуқуқи муаллифӣ ифодаи аслии муаллифро дар барномаи компютерӣ ҳамчун «асари адабӣ» ҳифз менамояд. Рамзи содиротӣ мумкин аст ҳамчун асари адабӣ, ки барои одам хонданибоб буда, андешаҳои муҳандисон-барномасозонро, ки муаллифи он ба ҳисоб мераванд, баррасӣ карда шавад. На танҳо дастурамал, барои одамон хонданибоб (рамзи содиротӣ), балки инчунин дастурамали дугонаи мошинхон (рамзи объектӣ), ҳамчун асари адабӣ ва ё «ифодаҳои хаттӣ» ва мувофиқи он, инчунин бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад. Аммо қиммати иқтисодии бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифзкунии рамзи объектӣ аз натиҷаҳои функционалӣ пурра вобаста аст, ки ба даст овардани онҳо бо ёрии таъминоти барномавӣ сабук карда мешавад. Рамзи объективӣ - чунин аст, ки фаъолияти компютерро таъмин менамояд ва расман дар бозор дар шакли таъминоти барномавӣ барои истифодабарандагони ниҳоӣ паҳн карда мешавад. Бозори таъминоти барномавӣ дар шакли нусхаҳои алоҳидаи басташуда натиҷаи бурдҳоро аз рӯи вақт намоиш медиҳад. Ин чунин маъно дорад, ки истеҳсолкунандагон вақтро, ки дар муддати он онҳо метавонанд аз болои рақибон бартарӣ дошта бошанд, бурд намоянд. Қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ натиҷаҳои табии бурдҳоро аз рӯи вақт, ки дар муддати ҳифзи муқаррарнамудаи қонун, бо роҳи ба муаллиф пешниҳод намудани ҳуқуқҳои истисноӣ барои сохтани асарҳои ҳосилавӣ амал мекунад, васеъ мегардонад.
- Дар баъзе аз кишварҳо унсурҳои функсионалии барномаҳои компютерӣ (яъне ихтирооти ба он дахлдор) метавонанд бо патент ҳифз карда шаванд, вақте ки дар дигар кишварҳо ҳамаи намуди таъминоти барномавӣ аз ҳифзи патентӣ хориҷ гардидаанд..
- Таҷрибаи оддии тиҷоратӣ нигоҳдории рамзи содиротии барномаҳои компютерӣ ба мисли сирри тиҷоратӣ дар илова ба ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ба ҳисоб меравад..
- Унсурҳои муайяне, ки бо барномаҳои компютерӣ сохта мешаванд, ба мисли иконкаҳо дар мониторҳои компютерӣ, дар баъзе кишварҳо метавонад ҳамчун намунаи саноатӣ ҳифз карда шаванд..
- Созишномае, ки бо ҳуқуқи шартномавӣ танзим карда мешавад, шакли марказии ҳифзи ҳуқуқӣ, иловакунанда ва ё мумкин аст, ҳатто ивазкунандаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ боқӣ мемонад. Бисёр вақт чунин ҳифзи иловагӣ тариқи созишномаи/шартномаи литсензионӣ «ҳуқуқи муаллифии олӣ» номида мешавад. Ҷои тааҷҷуб нест, ки чунин ҳифзи иловагӣ аксар вақт диққати номатлубро ҷалб менамояд, чунки он

метавонад ҳамчун сӯистеъмол аз ҳолати бартаридошта баррасӣ карда шавад.

- Дар солҳои охир аксарияти кишварҳо ҳуқуқҳои чиноиро барои танзими дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла таъминоти барномавӣ, васеътар истифода мебаранд..
- Ғайр аз ҳифзи ҳуқуқӣ, ҷанбаи нави ҳифзи таъминоти барномавӣ бо худи технологияҳо таъмин карда мешавад, масалан, тариқи барномаҳои бандкунанда ва истифодабарии усулҳои рамзгузорӣ. Пас, технология ба истеҳсолкунандагони доно омода намудани ҳифзи худии иловагии ҳуқуқиро имкон медиҳад. Масалан, истеҳсолкунандаи бозиҳои видеоӣ метавонад ба технологияи бандкунанда ва ё қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ барои ҳифзи рамзи худи объектӣ такя намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алгоритмҳо ва барномаҳои мошинҳои ҳисоббарорӣ ихтироъ ҳисобида намешаванд

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки баъзе аз ҷанбаҳои таъминоти барномавӣ наметавонанд ба ҳифзи ҳуқуқии муаллифӣ дахл дошта бошанд. Усулҳои кор (масалан, амрҳои номгӯйҳо (меню) одатан бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда намешаванд, агар онҳо унсурҳои фардӣ ва ё бадеиро қатъиян надошта бошанд. Ҳамин тариқ ба интерфейси графикии истифодабарандагӣ ҳифзи ҳуқуқӣ дода намешавад, агар вай унсурҳое надошта бошанд, ки ифодаҳои аслӣ дошта бошанд.

Ҳифзи унсурҳои аслии таъминоти барномавии компютерӣ бо ёрии ҳуқуқҳои муаллифӣ:

- Бақайдгириро талаб намекунад (ниг. саҳ.24);
- Пас, ба даст овардани он гаронбаҳо ба ҳисоб намеравад;
- Муддати дуру дароз давом мекунад (ниг. саҳ. 23);
- Ҳифзи маҳдудро пешниҳод менамояд, чунки он танҳо усули хосро фаро мегирад, ки бо ёрии он андешаҳо, системаҳо ва равандҳои дар таъминоти барномавӣ амалишаванда дар он ифода ёфтаанд (ниг. саҳ.13);
- Андеша, система ва ё равандро ҳифз намекунад. Бо дигар истилоҳ, ҳуқуқи муаллифӣ аз нусхабардории беиҷозат ва ё истифодабарии рамзи ибтидоӣ, рамзи объектӣ, ки барнома иҷро менамояд, интерфейс ва дастур бо дастурамали истифодабаранда, аммо на функсияҳои асосгузорӣ, андешаҳо, тартибҳо, равандҳо, алгоритмҳо, усулҳои корҳо ва ё мантиқҳо, ки дар таъминоти барномавӣ истифода бурда мешаванд, ҳифз менамояд. Баъзан ҳифзи онҳо бо патентҳо ва ё нигоҳдории барномаҳо ҳамчун сирри тиҷоратӣ мумкин аст..

Дар қисмати чорабиниҳои технологии ҳифз, дурнамои ҳозира ба истеҳсолкунандагони таъминоти барномавӣ имконияти ба даст овардани ҳифзи беназири молҳои онҳоро медиҳад ба шарте, ки онҳо ба дарк ва истифодабарии он ҳамчун қисми стратегияи мустақили тиҷоратӣ кӯшиш намоянд. Инчунин масъалаи вобастабуда вуҷуд дорад. Нусхаи иҷрошудаи асари рақамӣ мумкин аст эҷод шуда ва ба тамоми ҷаҳон бо ёрии якчанд мартиба зер намудани мушакҳо ва ё тугмачаҳо дар компютерҳои фардӣ, ки ба шабакаи Интернет пайваст аст, фиристода шаванд.

www.wipo.int/sme/

Бояд қайд намуд, ки аксарияти қонунвайронкуниҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ дар барномаҳои ҳозиразамони калони мураккаби компютерӣ аз нусхабардории дақиқ ва ё фурӯши ғайриқонунии барномаҳои компютерӣ иборат аст. Бинобар ин дар аксарияти ин ҳолатҳо баррасии масъалае, ки оё ягон унсури монанд ифода (бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшаванда) ва ё функсия (бо ҳуқуқи муаллиф ҳифзнашаванда) ба ҳисоб меравад, зарурият надорад.

Ҳифзи базаи маълумот

Базаи маълумот интихоби иттилоот ба ҳисоб меравад, ки барои дастрасии осон ва таҳлил бо тартиб ташкил карда шудааст. Ин база метавонад дар шакли қ ғазӣ ва ё электронӣ қарор гирад. Қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллиф воситаи беҳтарини ҳифзи ҳуқуқии базаи маълумот ба ҳисоб меравад. Аммо на ҳамаи базаи маълумот бо ҳуқуқҳои муаллиф ҳифз карда мешаванд, ҳатто ҳамонҳое, ки ҳифз карда мешаванд, ҳифзи маҳдуд доранд.

- Дар баъзе кишварҳо (масалан, ИМА, аз ӣумла дар Иуміурии Тоӣикистон,) ҳуқуқи муаллифӣ базаи маълумотро танҳо дар ҳолате ҳифз менамояд, ки агар он интихоб шуда, ба низом даровар-да шавад ва ё чунин ташкил карда шавад, ки дар ҳақиқат аслӣ ба ҳисоб меравад. Аммо базаи маълумотии баохиррасида ва базаи маълумотҳое, ки онҳо тибқи қоидаҳои базавӣ гурӯҳбандӣ шудаанд (масалан, бо тартиби алифбой, ба мисли маълумот-номаи телефонӣ), одатан бо қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ дар ингуна кишварҳо ҳифз карда намешаванд (аммо баъзан метавонанд дар доираи рақобати бевиҷдонона ҳифз карда шаванд).
- Дар дигар кишварҳо, асосан, дар Аврупо, базаи ғайриаслии маълумот бо ҳуқуқҳои махсус ҳифз карда мешаванд (sui generis), ки ҳуқуқ ба базаи маълумот номида мешавад. Ин базаи маълумотро бо ҳифзи боэътимод таъмин менамояд. Ин ба истеҳсолкунандагони базаи маълумот имкон медиҳад, ки ҳангоми саҳмгузории зиёд дар маҷлис, интихоб ва ё пешниҳоди муҳтавои базаи маълумот, муқобили рақибон шикоят пешниҳод намояд, агар онҳо қисми базаи маълумотро (миқдоран ва сифатан) гиранд ва ё такроран истифода баранд. Агар базаи маълумот дараҷаи кофии аслӣ дар сохтори худ дошта бошад, вай низ бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда мешаванд.

Вақте ки базаи маълумот бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда мешавад, ин ҳифз танҳо барои тарзи интихоб ва пешниҳоди муҳтавои базаи маълумот, вале на барои худи муҳтаво паҳн карда мешавад.

Асар бояд ба кадом дараҷа ҷавобгӯ бошад, ки шартҳои ҳифзро қаноатбахш намояд?

Барои он ки шартҳои ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ қаноатбахш карда шавад, асар бояд аслӣ бошад. Асари аслӣ гуфта чунин асареро меноманд, ки дар ифодаи худ аз муаллиф «бармеояд», яъне асар мустақилона офарида шудааст ва аз асари дигар шахс ва ё маводҳо, ки дар фазои дастрасии умум қарор дорад, нусхабардорӣ нашудааст. Аҳамияти дақиқи дараҷаи аслӣ вобаста ба қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ аз ин ё он кишвар вобаста аст. Дар ҳар ҳолат аслӣ ба шакли ифода, на балки ба андешаи асосгузории асар дахл дорад (ниг. саҳ. 13).

Баъзе кишварҳо, аз ӣумла дар Ӣуміурии Тоӣикистон, талаб менамоянд, ки асар бояд дар шакли муайяни моддӣ ба қайд гирифта шавад. Масалан, бақайдгирии асар аз навиштани онро дар қ ғаз, сабт дар гирда, тасвир дар катон ва ё сабт дар навор иборат аст. Пас, асарҳои хореографӣ, нутқҳои бадеҳагӯӣ ва барномаҳои мусиқӣ, ки ҳуҷҷатгузорӣ ва ё сабт нашудаанд, ҳифз карда намешаванд. Мафҳуми бақайдгирӣ одатан таҷдиди гузарандаро хориҷ мекунад, масалан, тез намоиш додан дар экран, дар шакли электронӣ дар телевизор ва таҷҳизоти ҳаммонанд намоиш додан ва ё дар як лаҳза сабти он дар «хотира»-и компютер. Асар мумкин аст аз ҷониби муаллиф ва ё бо иҷозати муаллиф ба қайд гирифта шавад. Намоиши асар, ки овоз ва ё тасвир дорад, «бақайдгирифташуда» ҳисобида мешавад, агар бақайдгирии асар дар як вақт бо намоиш иҷро карда шавад. Чунин асар мумкин аст бо ду намуди объектҳои моддӣ: фонограммаҳо ва ё нусхаҳо ба қайд гирифта шаванд. Нусха метавонад физикӣ (дар муҳити чопӣ ва ё ғайричопӣ, ба мисли чипи компютерӣ) ва ё рақамӣ (барномаҳои компютерӣ ва ё компилятсияи базаи маълумотӣ) бошад.

В РТ объект авторского права может быть представлен в любой форме, допускающей восприятие произведений.

Ҳуқуқи муаллиф чи асари нашршуда ва чи асари нашрнашударо ҳифз мекунад.

Эҷоди асари аслӣ аз меҳнат, ҳунар, вақт, ихтироъкорӣ, интихоб ва ё кӯшиши ақлӣ иборат аст. Ҳатто ҳангоми ин шароитҳо асар ҳуқуқи муаллифиро новобаста аз унсурҳои эҷодӣ, сифат ва ё қимматнокӣ ба даст меорад ва набояд ягон хел арзиши адабӣ ва ё бадеӣ дошта бошад. Ҳуқуқи муаллифӣ инчунин истифода бурда мешавад, масалан, дар там ғаҳо дар бандинаҳо, дастурҳо, танҳо маълумотномаҳои техникӣ, дастурамал доир ба истифодабарӣ ва ё нақшаҳои муҳандисӣ дар ҳамон сатҳ, ба мисли расмҳо, масалан расми кӯдаки сесола.

Эскизҳо ва нақшаҳои техникӣ барои асарҳои меъморӣ, сохтаҳои нақшавӣ, мошин, бозичаҳо, либос ва гайра бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда мешаванд.

Кадом ҷанбаҳои асарҳо бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда намешаванд?

- **Ғояҳо ва ё консепсияҳо.** Қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ танҳо усулро ҳифз мекунад, ки дар онҳо ғояҳо ва ё консепсияҳо дар кори алоҳида ифода ёфтаанд. Қонунгузорӣ ғояи асосгузорӣ, консепсия, кашфиёт, усули корҳо, принсип, тартиб, раванд ва ё системаро новобаста аз шакл, ки дар он онҳо тавсиф шудаанд ва ё дар асар ифода ёфтаанд, ҳифз намекунад. Гарчанде консепсия ва ё усули ягон амал объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ба ҳисоб намеравад, дастурамали хаттӣ ва ё эскизҳо, ки консепсия ва ё усулро шарҳ медиҳад ва ё намоиш медиҳад, бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад.

Мисол: Ширкати Шумо ба дастурамали технологӣ ҳуқуқи муаллифӣ дорад, ки он таҷҳизотро барои пивопазӣ тавсиф менамояд. Ҳуқуқи муаллиф барои дастурамал ба шумо имкон медиҳад, ки нусхабардории усулро, ки ба он шумо дастурамал, ибора навиштед ва тасвир кашидед ва истифода бурдед, аз ҷониби дигар шахс пешгирӣ намояд. Аммо ҳуқуқи муаллифӣ ба шумо ягон ҳуқуқро барои пешгирӣ намудани истифодабарии (а) таҷҳизот, равандҳо ва усулҳои фурӯши молро, ки дар дастурамал тавсиф шудааст ва ё (б) навиштаҷоти дигар дастурамал барои пивопазӣ, пешниҳод намекунад.

- Далелҳо ва ё иттилоот. Ҳуқуқҳои муаллиф на далел ва ё иттилоотро (илмӣ, таърихӣ, биографӣ ва ё навигариҳо) ҳифз мекунад, балки танҳо усулро, ки ба он чунин далелҳо ва ё иттилоот ифода ёфтаанд, интихоб шудаанд ва ташкил карда шудаанд (ниг. инчунин саҳ. 11 доир ба базаи маълумот)..

Мисол: Биография аз далелҳои зиёд дар бораи одамон иборат аст. Муаллиф метавонад вақт ва қувваи зиёдро сарф намояд, то ки ҳодисаҳоеро, ки пештар маълум набуданд, кушояд. Ва дигар шахсон низ метавонад озодона ин далелҳоро истифода баранд, агар онҳо усули хосро, ки дар онҳо ин далелҳо ифода ёфтаанд, истифода набаранд. Ба чунин тарз мумкин аст иттилоот дар дастур истифода бурда шавад, то ки хӯрок тайёр карда шавад, аммо нусхабардории дастур бе иҷозат мумкин нест.

- Номҳо, номгӯйҳо, шиорҳо ва дигар ибораҳои кӯтоҳ одатан аз ҳуқуқҳои муаллифӣ хориҷ карда мешаванд. Аммо баъзе кишварҳо ба чунин ҳифз роҳ медиҳанд, агар объектҳои дар боло номбаршуда хусусияти эҷодӣ дошта бошанд. Номгӯи молҳо ва ё шиори рекламавӣ одатан бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда намешаванд, аммо метавонанд дар доираи там ғаҳои молӣ (ниг. саҳ 7) ва ё рақобати бевиҷдонона ҳифз карда шаванд. Логотип, баръакс, мумкин аст бо ҳуқуқҳои муаллифӣ, инчунин қонун дар бораи там ғаҳои молӣ ҳифз карда шаванд, агар талаботи дахлдор барои чунин ҳифз қаноатбахш бошанд.
- **Асарҳои расмии давлатӣ** (масалан, нусхаи оинномаҳо ва ё қарори суд) дар баъзе кишварҳо бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда намешаванд (ниг. саҳ 32).

www.wipo.int/sme/

- Асарҳои санъати амалӣ. Дар баъзе кишварҳо ҳифз бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ба асарҳои амалӣ пешниҳод карда намешавад. Дар ин кишварҳо ҷанбаҳои ороишии асарҳо метавонанд ҳамчун намунаи саноатӣ тибқи қонунгузорӣ доир ба патентҳо ба намунаҳои саноатӣ (ниг. ба ҷумлаи поён) ҳифз карда шаванд. Аммо ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифиро унсурҳои тасвирӣ, графикӣ ва ё ҳайкалтарошӣ, ки метавонанд «алоҳида аз ҷанбаҳои амалӣ шинохта шаванд» фаро гиранд.

What rights does copyright protection provide?

Ҳуқуҳои муаллифӣ ду намуд ва интихоби ҳуқуқро пешниҳод менамояд. Ҳуқуқҳои молумулкӣ манфиатҳои иқтисодии муаллиф ва ё дорандаи онро ба манфиатҳои имконпазирии тиҷоратӣ ҳифз мекунад. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ обрӯи эҷодӣ ва шӯҳрати муаллифро, ки дар асар ифода ёфтаанд, ҳифз мекунад.

Ҳуқуқҳои молумулкӣ чист?

Ҳуқуқҳои молумулкӣ ба доранда/соҳиби ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳуқуқҳои истисноиро барои иҷозат ва ё манъи истифодабарии муайяни асар пешниҳод менамояд. Истисноӣ маънои онро дорад, ки ҳеҷ кас наметавонад ин ҳуқуқҳоро бидуни иҷозати пешакии дорандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ амалӣ намояд. Ҳаҷми ин ҳуқуқҳо ва маҳдудият ва манъи онҳо аз намуди асари баррасишуда ва қонунгузории дахлдори миллӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ вобаста аст. Ҳуқуқҳои муаллифӣ назар ба «ҳуқуқҳо барои нусхабардорӣ» васеътаранд, гап дар сари на танҳо ин ҳуқуқ, балки инчунин дар бораи якчанд ҳуқуқҳои гуногун барои пешгирии бевиҷдонона гирифтани манфиатҳои дигар шахсон аз асарҳои эҷодии дорандаи аввалаи ҳуқуқҳои муаллифӣ меравад. Одатан ҳуқуқҳои молумулкӣ аз чунин ҳуқуқҳои истисноӣ иборат аст:

Асари санъати амалӣ - қисман мувофиқ ҳамчун ҳуқуқҳои муаллифӣ бо ҳуқуқҳои намунаҳои саноатӣ.

Асарҳои санъати амалӣ асарҳои бадеӣ ба ҳисоб мераванд, ки бо мақсадҳои саноатӣ бо роҳи дохилкунии онҳо дар молҳои ҳаррӯза истифода бурда мешаванд. Мисоли оддӣ ҷавоҳирот, чаро ғҳо ва мебелҳо ба ҳисоб мераванд. Асарҳои санъати амалӣ табиати дугона доранд: онҳо мумкин аст ҳамчун асари бадеӣ баррасӣ карда шаванд, аммо истифодабарии онҳо на дар бозорҳои махсуси маҳсулоти таъиноташон фаҳангӣ, балки дар бозорҳои молҳои таъиноташон умумӣ, ҷой доранд. Ин онҳоро дар байни ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои намунаҳои саноатӣ мегузорад. Ҳифзе, ки барои асарҳои санъати амалӣ пешниҳод мешаванд, бештар дар кишварҳои гуногун фарқ мекунанд. Гарчанде дар баъзе кишварҳо мумкин аст ду намуди ҳифз вуҷуд дошта бошанд, ки ин барои ҳамаи кишварҳо хос нест. Пас, маслиҳат намудан бо коршиноси миллӣ доир ба моликияти зеҳнӣ тавсия дода мешавад, то ки ҳолат дар кишвари муайян фаҳмида гирифта шавад.

www.wipo.int/sme/

- **Таҷдиди асар тариқи сохтани** нусхаҳои асарҳо дар шаклҳои гуногун. Масалан, нусхабардории ихчам-гирдаҳо, нусхабардории китобҳо, навиштани барномаҳои компютерӣ, рақамгузорӣ ва нигоҳдории суратҳо дар гирдаҳои сахт, сканер кардани матнҳо, чопи персонажи мултфилмҳо дар футболкаҳо ва ё дохилкунии қисми суруд ба суруди нав. Ин яке аз ҳуқуқҳои бештар муҳимест, ки ҳуқуқҳои муаллифӣ пешниҳод менамояд..
- **Паҳн намудани нусхаҳои асарҳо ба намояндагони омма.** Ҳуқуқҳои муаллифӣ ба дорандаи он имконияти аз ҷониби дигар шахсон фурӯхтан, ба лизинг додан, литсензиякунонии нусхаҳои ғайриқонунии асарро медиҳад. Аммо истиснои муҳиме вуҷуд дорад: дар аксарияти кишварҳо ҳуқуқ ба паҳнкунӣ ҳангоми фурӯши аввал ва ё вогузории моликият барои нусхаи алоҳидаи асар манъ карда мешавад. Дигар карда гӯем, дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ метавонад танҳо «фурӯши аввал»-и нусхаи асарро, аз ҷумла шартҳои муваққатӣ ва дигар шартҳои шартномавиро, назорат намояд. Аммо агар нусхаи алоҳида аллакай фурӯхта шуда бошад, дорандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ наметавонад ба усули дар оянда фурӯши ин нусхаро дар ҳудуди кишвари дахлдор (кишварҳои дахлдор) таъсир расонад. Харидор метавонад нусхаро харида фурӯшад, бегона намояд, аммо наметавонад ягон хел нусха созад ва ё асарҳои сохтаро дар асоси он офарад (ниг. ба поён).
- **Киро намудани нусхаҳои асар.** Ин ҳуқуқ одатан танҳо ба намуди муайяни асарҳо истифода бурда мешавад, ба мисли асарҳои синамогарӣ, асарҳои мусиқӣ ва ё барномаҳои компютерӣ. Аммо ин ҳуқуқ ба барномаҳои компютерӣ, ки ҷузъи молҳои саноатӣ аст, паҳн карда намешавад, масалан, барномае, ки бакорандозии автомобилро назорат бурда ба иҷора дода мешавад.
- **Иҷрои тарҷумаҳо ва ё мувофиқгардонии асарҳо.** Чунин асарҳо инчунин асарҳои ҳосилавие номида мешаванд, ки асарҳои нави дар заминаи асарҳои ҳифзшаванда ба ҳисоб мераванд. Масалан, тарҷумаи дастурамали технологӣ аз забони англисӣ ба дигар забон, намоиши роман, яъне офаридан дар заминаи филмҳои видеоӣ (кинофилмҳо), тарҷумаи барномаи компютерӣ ба дигар забони компютерӣ, офаридани аранжировкаи гуногуни мусиқӣ ва ё сохтани бозичаҳо дар заминаи персонажи мултипликатсионӣ. Аммо дар аксар кишварҳо истисноии муҳим аз ҳуқуқҳои истисноӣ барои сохтани асарҳои амалӣ вуҷуд доранд; масалан, агар шумо қонунан дорои нусхаи барномаи компютерӣ бошед, шумо метавонед онро танҳо барои истифодабарии мақсаднок мувофиқ гардонед ва ё модификатсия намоед..
- **Иҷрои расмӣ ва хабари асар то ба маълумоти омма.** Дар ин ҷо ҳуқуқҳои истисноӣ барои хабар додани асар то ба маълуоти омма тариқи иҷрои расмӣ, иқтибос намудан, дар телевизион намоиш додан ва пахши он тариқи радио, каналҳои кабелӣ, мадорӣ ва ё телевизион (ТВ) ва ё ирсол тариқи

Интернет, дохил карда шудаанд. Асар расман иҷро карда мешавад, вақте ки дар ҷои кушод барои омма ва ё вақте доираи калони тамошобин, назар ба хешовандони наздик ва дӯстон иштирок менамоянд. Ҳуқуқ барои иҷро танҳо ба асарҳои адабӣ, мусиқӣ ва аудиовизуалӣ истифода бурда мешавад, аммо ҳуқуқ то ба маълумоти омма – барои ҳамаи дараҷаҳои асарҳо.

- **Гирифтани ҳисса аз нархи фурӯш дар ҳолати аз нав фурӯхтани асар.** Ин ба ҳуқуқи азнавфурӯшӣ ва ё droit de suite (ҳуқуқи пайгирӣ) дахл дорад. Ин ҳуқуқ танҳо дар баъзе кишварҳо истифода бурда мешавад ва одатан бо намуди муайяни асарҳо (масалан, суратҳо, нақшаҳо, расмҳо, коллажҳо, ҳайкалҳо, кандакориҳо, гобеленҳо, сафолҳо, сохтаҳои шишагӣ, дастхатҳои аслӣ ва ғайра) маҳдуд карда мешаванд. Ҳуқуқҳои азнавфурӯшӣ ба офарандагон ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи мукофотҳоро аз азнавфурӯшии асарҳо ба шарте медиҳад, ки азнавфурӯшӣ бо усули муайян ба ҷо оварда шавад. Чунин ҳисса одатан аз 2 то 5% аз нархи умумии фурӯш та ғйир меёбад.
- **Расонидани асар то ба маълумоти омма тариқи Интернет** бо чунин роҳ аст, ки ҳар як шахс метавонад асарро аз ҳар ҷо ва ҳар вақт аз рӯи интихоби мустақил дастрас намояд. Ин аз ҷумла коммуникатсияи интерактивиро аз рӯи дархост тариқи Интернет фаро мегирад..

Ҳар як шахс ва ё ширкат, ки хоҳиши истифодабарии асарҳои ҳифзшавандаро бо ҳар як аз мақсадҳои дар боло номбаршуда дошта бошад, одатан бояд иҷозати пешакиро аз дорандаи (дорандагон) ҳуқуқҳои муаллифӣ гирифта бошад. Гарчанде ҳуқуқҳои дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ истисноӣ ба ҳисоб мераванд, онҳо аз рӯи вақт маҳдуданд (ниг. саҳ. 23) ва бо баъзе истисноҳои муҳим ва маҳдудиятҳо шарҳ дода мешаванд. (ниг. саҳ 47).

Ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсӣ чист?

Ин ҳуқуқҳо дар заминаи урфу одатҳои ҳуқуқи муаллифии франсавӣ droit d'auteur, ки асарҳои зеҳниро ҳамчун таҷассумгари руҳ ва ё ҷони офарандагони онҳо баррасӣ менамояд, асос ёфтаанд. Урфу одати ҳуқуқи умумии англо-саксонӣ ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро ҳамчун ҳуқуқҳои пурра ва оддии моликият баррасӣ менамоянд, ки маънои онро дорад, ки ҳар як эҷодкорӣ мумкин аст харида, фурӯхта шаванд ва ба иҷора дода шаванд, дар аксар ҳолатҳо ба ҳамин тарз, ба мисли хона ва ё автомобил..

Аксарияти кишварҳо ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро эътироф менамоянд, аммо ҳаҷми ин ҳуқуқҳо васеъ та ғйир меёбад ва на ҳамаи кишварҳо онҳоро дар доираи қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқи муаллифӣ пешниҳод менамоянд. Аксарияти кишварҳо ба қадри ҳол ду намуди ҳуқуқҳои ғайримолумулкии зеринро эътироф менамоянд.

- **Ҳуқуқи эътирофи муаллиф асарро** («ҳуқуқи муаллиф». Вақте ки асари муаллиф таҷдид, нашр ва ба маълумоти омма расонида мешавад ва ё паҳн мегардад ва ё барои оммаи барои ин амалҳо ҷавобгар пешниҳод мегардад, бояд дар бораи он андеша намоем, ки ному насаби муаллиф дар асар нишон дода шавад ва ё нисбати он, ҷое ки мақсаднок бошад; ва
- Ҳуқуқ ба ҳифзи асар аз таҳриф Он даровардани ягон хел та ғйиротро дар асар, ки метавонад ба обрӯ ва шӯҳрати муаллиф зарар расонад, манъ менамояд.

Дар фарқият аз ҳуқуқҳои молумулкӣ, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ наметавонад ба дигар шахс дода шавад, чунки онҳо барои офаранда шахсӣ ба ҳисоб мераванд (вале онҳо метавонанд ба меросхӯрони муаллиф вогузор карда шаванд). Ҳатто агар ҳуқуқҳои молумулкӣ барои асар ба дигар шахс фурӯхта шаванд, ҳуқуқҳои ғайримулкии шахсӣ ба асар дар муаллиф боқӣ мемонад. Аммо дар баъзе кишварҳо муаллиф ва ё офаранда метавонад аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкии худ дар созишномаи хаттӣ даст кашад, ки аз рӯи он ӯҳдадор мешавад баъзе ва ё ҳамаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии худро иҷро накунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷро-кунандагон барои иҷрои он ҳуқуқ дода мешавад.

Миқдори кишварҳое, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии худро ба иҷрокунандагон барои иҷро намудан пешниҳод менамоянд, доимо меафзояд. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии иҷрокунанда нисбати баромади он дар назди омма ва баромадҳое, ки дар фонограмма сабт гаштаанд, баъд аз вогузории ҳуқуқҳои мулкӣ эътибор доранд ва дар бар мегиранд:

- Ҳуқуқи иҷрои худро эътироф намудани иҷрокунанда, ғайр аз ҳолатҳое, ки паснишинӣ бо усули истифодабарии иҷро ҳукм шудааст; ва
- Ҳуқуқи эътироф зидди ҳар як таҳриф ва ё дигар та ғйироти иҷрои худ, ки метавонад ба шӯҳрати он халал расонад.

Кадом ҳуқуқҳо «бо ҳуқуқҳои вобаста ба он» таъмин карда мешаванд??

Иҷрокунандагон (масалан, актерҳо, мусиқачиҳо, раққосон) ҳуқуқи истисноиро барои бақайдгирӣ (сабт) дар ҳар шакл, ба омма хабар додан, пахши эфирӣ ва ё кабелии баромади сабтнашудаи худ ва ё қисми зиёди он, инчунин таҷдиди баромади худ, ки дар фонограммаҳо сабт шудаанд, доранд. Баъзе кишварҳо, ба монанди давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ, ҳамчунин ба иҷрокунандагон ҳуқуқи истисноии иҷозат додан ва ё манъи ба иҷорадиҳӣ ва ба муассисаҳои расмӣ барои истифодабарии муваққатии ғайритиҷоратӣ истифодабарии сабти овозҳо (фонограммаҳо) ва асарҳои аудиовизуалиро, ки дар он баромадҳои зинда доранд, пешниҳод менамояд.

Дар аксарияти кишварҳо, вақте ки фонограмма бо мақсади пахши эфирӣ ва ё ба маълумоти омма расонидан истифода бурда мешавад, ба иҷрокунандагон ва ё истеҳсолкунандагони фонограмма мукофоти яквақтаи боадолатона пардохт карда мешавад.

Дар аксарияти кишварҳо ҳуқуқи иҷрокунанда метавонад пурра ва ё қисман ба дигар шахс вогузор карда шавад. Ҳатто баъд аз чунин вогузоркунӣ ва ё вогузории литсензионии ҳуқуқ иҷрокунанда имкон дорад, вобаста аз қонугузории миллӣ, офаридан, фурӯш ва содир намудани баромадҳои ғайриқонунӣ ва « ғоратгарӣ»-и сабти онро ба кишвар, манъ намояд.

Истеҳсолкунандагони фонограмма (продюсерҳо ва ё истеҳсолкунандагони сабтҳо) ҳуқуқи истисноӣ доранд таҷдид, истифодабарӣ ва ё паҳнкунии сабтҳои худро иҷозат диҳанд ва ё манъ намоянд. Ҳуқуқи бештар муҳим ҳуқуқи назорати таҷдиди фонограммаҳои худ ба ҳисоб мераванд. Дар байни дигар ҳуқуқҳо мумкин аст ҳуқуқи гирифтани мукофоти боадолатона ҳангоми намоиши фонограмма дар эфир, ҳуқуқи расонидани асар то ба маълумоти омма (ба ҳамин тариқ, ки намояндагони омма метавонанд ба асар аз ҳар ҷо ва дар ҳар вақт аз рӯи интихоби худ дастрас шаванд) ва ё ҳуқуқи умумии расонидан ба маълумоти омма бошад. Дар аксарияти кишварҳо истеҳсолкунандагон инчунин метавонанд воридот ва фурӯши фонограммаҳои худро манъ намоянд. Дар баъзе кишварҳо онҳо инчунин барои гирифтани нисфи мукофот барои иҷрои расмӣ ва ё пахши сабти овоз дар эфир, ки ҳуқуқҳоро ба онҳо доранд..

Ҳуқуқи истеҳсолкунандагони сабтҳои овоз ва ё дигар сабтҳо

Дар аксарияти кишварҳо истеҳсолкунандагони сабтҳои овоз ва дигар сабтҳо наметавонанд намоиши ин асарҳоро дар эфир манъ намоянд, аммо танҳо ҳуқуқ доранд мукофоти ҳуқуқи муаллифиро аз ташкили пахши эфирӣ ва кабелӣ ба даст оранд..

Дар кишварҳое, ки дар онҷо ҳуқуқ эътироф карда мешавад, ташкилкунандаи барнома на танҳо ба бастакор барои ҳуқуқи пахши композитсия дар эфир ва истеҳсолкунандаи сабти овоз барои ба даст овардани ин сабт, балки ба истеҳсолкунандаи сабти овоз барои ҳуқуқи пахши ин сабт овоз дар эфир мукофотпулӣ диҳад.

Вақте ки кишвар ба Конвенсияи Рим, СУС (Созишномаи ТРИПС) ва ё Шартномаи СУМЗ доир ба иҷрокунӣ ва фонограммаҳо ҳамроҳ мешавад, он метавонад эзоҳ диҳад дар бораи он, ки ташкилкунандаи пахш дар ин кишвар барои додани мукофот ба истеҳсолкунандаи фонограммаҳо ӯҳдадор нестанд.

Ташкилкунандагони пахш барои сигналҳои тариқи алоқаи бесимӣ ирсолкунанда ҳуқуқҳои истисноӣ доранд, яъне ҳуқуқи пахш ва қабули сигнал ва ё таҷдиди ҳар як қабули сигнал, ҳатто агар ин бе розигии ташкилкунандаи пахш иҷро шуда бошад..

Дар баъзе кишварҳо ташкилкунандаи пахш ҳуқуқ доранд пахши бақайдгирии барномаҳои худро дар низоми дархост ба обуначиёни алоҳида ва ба омма пешниҳоди дастрасиро ба барномаҳое, ки дар базаҳои маълумотии компютерӣ тариқи шабакаҳои интерактивӣ дохил карда шудаанд, иҷозат ва ё манъ намоянд. Ҳамзамон аксарияти дигар кишварҳо силсилаи аудио ва видеоро дар Интернет ҳамчун пахш дар доираи қонунгузории амалкунандаи онҳо доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он баррасӣ намекунанд. Дар баъзе кишварҳо ташкилкунандаи пахш низ ҳуқуқи иҷозат ва ё манъ кардани ирсоли кабелии барномаҳои худро дорад. Аммо дар баъзеи дигар кишварҳо ташкилкунандагони пахши кабелӣ ба ҳар ҳол имконияти қабули сигналҳоро тариқи кабел бидуни иҷозат ва ё пардохт доранд.

Ҳуқуқе, ки ташкилкунандаи пахши барномаҳо пешниҳод менамояд, аз ҳуқуқи муаллифӣ барои пахши филмҳо, мусиқиҳо ва дигар маводҳо фарқ мекунад..

Дар аксарияти кишварҳо ташкилоти барномаҳои телевизионӣ ҳуқуқи истисноиро барои иҷозат ва ё манъ кардани расонидани барномаҳо ба маълумоти омма доранд, масалан, расонидани барномаҳо ба маълумоти омма дар ҷойҳои истироҳатии пулакӣ.

Ҳуқуқи иҷозат ва ё манъ намудани барномаҳои пахши кабелиро одатан тариқи ташкилоти идоракунии коллективӣ (ниг. саҳ 40) иҷро менамоянд, ғайр аз ҳолатҳое, ки онҳо нисбати барномаҳои хусусии худ тариқи ташкили пахши мавҷҳо иҷро менамоянд.

Нисбати офаридан ва ирсоли контент дар Интернет бошад, тавсия дода мешавад, ки бо коршиноси соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ дар кишвари дахлдор маслиҳат карда шавад, чунки қонунгузорӣ дар ин соҳа дар айни замон босуръат рушд дорад.

Амалӣ намудани ҳуқуқҳои вобаста ба он дар ягон ҳолат ба ҳифзи асосгузории ҳуқуқҳои муаллиф халал ва зарар намерасонад, аган чунин ҳолат дар асарҳои иҷрошаванда, сабтшаванда ва ё пахшшаванда дар Интернет вуҷуд дошта бошад.

Ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба асарҳои мусиқӣ

Ин метавонад ба муассиса барои ба даст овардани бартариятҳои рақибона аз болои рақибони худ кӯмак расонад, шароити хуби кории кормандонро таъмин намояд, гурӯҳи устувори мизоҷони хушмуомиларо офарад ва ҳатто бренди худро қабул намудани од.

Литсензиякунонии иҷрокунии расмӣ ва ё истифодабарии мусиқиро шабакаҳои асосии телевизион, телевизиони маҳаллӣ ва радиостансияҳо, шабакаҳои кабелӣ ва мадорӣ ва системаҳои телевизионҳои давлатӣ, вебсайтҳои Интернет, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо, клубҳои шабона, тарабхонаҳо, хадамоти мусиқиҳои савтӣ, фитнес-клубҳо ва марказҳои тандурурстӣ, меҳмонхонаҳо, намоишгоҳҳои тиҷоратӣ, ташкилкунандагони консертҳо, марказҳои садо, бо ғҳои фаро ғатӣ, хатҳои ҳавоӣ ва шунавандагони мусиқӣ дар диапазонҳои васеи дигар соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи алоқаи телефонӣ (ринтгонҳо) пардохт мекунанд.

Ҳифзи асарҳои мусиқӣ бо ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он аксар вақт аз ҷалби яквақтаи як қатор ҳуқуқҳо ва дорандагони ҳуқуқ/маъмурият, аз ҷумла шоирон, бастакорон, ноширони партитураҳое, ки ширкатҳо сабт мекунанд, ташкилти пахши эфирӣ, дорандагони веб-сайтҳо ва ҷамъияти идоракунии коллективии ҳуқуқҳои муаллиф, вобастагӣ дорад.

Агар мусиқӣ ва матни сурудро ду нафари гуногун эҷод намуда бошанд, он гоҳ, эҳтимол, тибқи қонунгузории миллӣ суруд ҳамчун ду асари таркибӣ - асари мусиқӣ ва асари адабӣ баррасӣ карда шавад. Аммо дар аксарияти ҳолатҳо иҷозатномаро аз як ташкилоти идоракунии коллективӣ (ниг. саҳ.40) барои пахси суруд ба пуррагӣ ба даст овардани мумкин аст.

Ҳуқуқи нашри асари мусиқӣ аз ҳуқуқи сабт, ҳуқуқи иҷро, ҳуқуқи таҷдид ва ҳуқуқи дохилкунии асар ба асари нав ва ё дигар асар, ки баъзан асари ҳосилавӣ номида мешавад, иборат аст. Барои осонкунии истифодабарии тиҷоратӣ аксарияти муаллифони ҳуқуқ вогузории ҳуқуқро ба нашри асари мусиқии ташкилот, ки «ношир» номида мешавад, тибқи созишнома дар бораи нашри асари мусиқӣ, ки аз рӯи он ба ношир ҳуқуқи истисноӣ ва ҳуқуқ ба идоракунии ҳуқуқҳои истисноӣ вогузор карда мешавад, афзалтар медонанд..



Ба аксарияти намудҳои ҳуқуқ, ки бо асарҳои мусиқӣ вобастаанд, ҳуқуқ барои иҷро, ҳуқуқ ба нусхаҳои чопӣ, ҳуқуқ ба таҷдиди механикӣ ва ҳуқуқ ба синхронизатсия дахл доранд. Онҳо дар поён мухтасар шарҳ дода мешаванд:

Ҳуқуқ ба иҷрои расмӣ - одатан сарчашмаи даромадтарин барои муаллифони асар мебошад. Дар баъзе аз кишварҳо ҳуқуқ ба иҷрои расмӣ ба сабти овоз (ва ё фонограммаҳо) пешниҳод карда намешавад, балки танҳо ба пахши рақамӣ дар эфир дода мешавад. Дар чунин кишварҳо, хусусан дар ИМА гирифтани иҷозатнома барои иҷрои сабти овози берақамӣ талаб карда намешавад, аммо он барои дохилкунии суруд ба сифати асос дар сабти овоз зарур аст.

Ҳуқуқи чопкунӣ ва фурӯши суруд-сингл, албоми сурудҳо ва ё нусхаҳои сурудҳои алоҳида аз албоми мусиқӣ ҳуқуқ ба нусхаҳои чопӣ ба ҳисоб меравад, ки тариқи иҷозатнома ба ношир пешниҳод карда мешавад.

Ҳуқуқи «Механикӣ» (mechanical right) ҳуқуқи сабт, таҷдид ва паҳнкунии асари мусиқии бо ҳуқуқҳои муаллиф ҳифзшавандаро дар барандаҳои овозӣ дар назар дорад (ки онҳо аз гирдаҳои аудио, ихчам-гирдаҳо ва дигар объектҳои моддӣ, ки дар он овозҳо сабт шудаанд, ғайр аз онҳое, ки наворҳои синамо ва дигар асарҳои аудиовизиуалиро ҳамроҳӣ мекунанд). Иҷозатномаҳое, ки ба истифодабарандагон ҳуқуқҳои механикиро пешниҳод менамоянд, **иҷозатномаҳои механикӣ** (mechanical licenses) номида мешаванд.

Ҳуқуқи сабти композитсияҳои мусиқӣ дар синхронизатсия бо кадрҳо ва ё тасвирҳо дар маҳсулоти аудиовизуалӣ, ба мисли филмҳои синамо, барномаҳои телевизионӣ, барномаи тиҷоратӣ бо реклама ва ё маҳсулоти видеоӣ, **ҳуқуқ ба синхронизатсия** («синхросигнал») (a synchronization (“synch”) right) номида мешавад. **Литсензия ба синхронизатсия** (a synchronization license) барои бақайдгирии асари мусиқӣ дар сабти аудиовизуалӣ талаб карда мешавад. Пешниҳоди ин иҷозатнома ба истеҳсолкунанда иҷозат медиҳад, ки қисми алоҳидаи асари мусиқиро дар асари аудиовизуалӣ дохил намояд. Иҷозатномаро одатан продюсери телевизион тариқи гуфтушуниди мустақим бо бастакорон ва муаллифони шеърҳо ва ё аксар вақт, ноширони онҳо, ба даст меорад.

Ғайр аз иҷозатнома, ки бояд аз бастакор барои истифодабарии асари мусиқӣ дар сабти аудиовизуалӣ ба даст оварда шавад, иҷозатномаи алоҳида ба

«синхронизатсия» аз дорандаи ҳуқуқи сабти овоз, ки асари мумсиқӣ дорад, зарур аст.

Истилоҳи «сабти асосӣ» (master recording) (ва ё мухтасар асос (master)) маънои сабти ибтидоиро дорад (дар навори магнитӣ ва ё дигар баррандаҳои маълумот), ки бо он истеҳсолкунандаи фонограмма ва ё продюсер ихчам-гирдаҳо ва ё кассетаҳоро тайёр карда ба омма мефурӯшад. Ҳуқуқ ба сабти асосӣ ва ё ҳуқуқ ба истифодабарандаи он барои таҷдид ва паҳни сабти овоз талаб карда мешавад, ки аз иҷрои муайяни композитсияи мусиқии артисти муайян иборат аст. Соҳаи босуръат инкишофёбандаи истифодабарии мусиқӣ чунин асарҳои мусиқӣ ба ҳисоб мераванд, ба мисли рингтонҳои мобилӣ. Онҳо усулҳои шавқовартарин ва бениҳоят

шавқовари фардикунонии телефонҳои мобилӣ гардидаанд. Шӯҳрати рингтонҳо бештар васеътар ва устувортар гардидааст, назар ба онҳое, ки пештар интизор буданд ва ба шакли нави истифодабарии мусиқӣ Рингтон файли рамзи дугона ба ҳисоб меравад, ки ба таҷҳизоти мобилӣ тариқи SMS ва ё WAP фиристода мешавад. Иҷозатнома ба

By permission of Nokia

рингтонҳо одатан офаридан ва бурда расонидани чи рингтонҳои «монофонӣ» ва чи «полифонӣ»-ро фаро мегирад.

Асбобҳо ва системаҳои «Идоракунӣ бо ҳуқуқҳои рақамӣ (ниг. саҳ. 26) дар идоракунии онлайнӣ фурӯши асарҳои мусиқӣ барои пешгирии ғаратгарӣ мақоми муҳимро мебозад. Масалан, технологияи FairPlay ширкати Apple ва Windows Media ширкати Microsoft ба мусиқии рақамӣ маҳдудият мегузорад бо мақсади он ки дорандагони ҳуқуқҳои муаллифӣ барои фурӯш ҷуброн гиранд ва истеҳсоли нусхаҳои рақамиро ихтисор намоянд.

Мӯҳлати эътибори ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он чанд аст?

Барои аксарияти асарҳо ва дар аксарияти кишварҳо ҳифзи ҳуқуқҳои мулкӣ ба мӯҳлати тамоми ҳаёти муаллиф ва иловагӣ на камтар аз 50 сол амал мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи муаллиф дар давоми тамоми ҳаёти муаллиф эътибор дорад, ба мерос мегузарад ва дар ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, дар давоми панҷоҳ соли пас аз фавти муаллиф амал мекунад.

Дар як қатор кишварҳо ин мӯҳлат зиёдтар аст (масалан, 70 сол баъд аз марги муаллиф дар Европа, ИМА ва якчанд дигар давлатҳо). Пас, аз асар на танҳо муаллиф, балки меросхӯри он ҳам манфиат мегирад. Агар дар эҷоди асар якчанд муаллиф ширкат варзанд (асари ҳаммуаллифӣ), мӯҳлати ҳифз баъд аз марги ҳаммуаллифи охирин ҳисоб карда мешавад. Вақте ки ҳифзи асар аз рӯи ҳуқуқи муаллифӣ ба охир мерасад, он ба гурӯҳи «дастрасии умум» (ниг. саҳ 46.) дохил мешавад..

Вобаста аз қонунгузории миллӣ ба гурӯҳи муайяни асарҳо мумкин аст муқаррароти махсус истифода бурда шавад, махсусан нисбат ба::

- Асарҳое, ки кормандон ва ё бо дархост офарида шудааст (масалан, мӯҳлати амал мумкин аст 95 сол аз лаҳзаи нашр ва ё 120 сол аз лаҳзаи офаридан бошад);
- Асарҳое, ки дар ҳаммуаллифӣ эҷод шудаанд;
- Асарҳои синамогарӣ; Асарҳое, ки бе имзо ва ё таҳти тахаллус нашр шудаанд;
- Асарҳои суратгирӣ ва асарҳои санъати амалӣ (ки баъзан мӯҳлати кӯтоҳтарини ҳифз доранд;
- Асарҳое, ки ҳукумат офаридааст (баъзе аз онҳо ва ё ҳама мумкин аст аз ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ хориҷ карда шаванд);
- Асарҳое, ки баъд аз марги муаллиф нашр гардидаанд; ва
- Ҷобаҷогузории матбаавӣ.

Мӯҳлати ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ фарқ мекунанд. Дар баъзе аз кишварҳо мӯҳлати амали ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ бе маҳдуданд. Дар дигар кишварҳо онҳо якҷоя бо ҳуқуқҳои мулкӣ ва ё бо марги муаллиф амалашонро қатъ мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи муаллифият, ҳуқуқи ном ва ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф бемӯҳлат ҳифз мешавад.

Мӯҳлати амали ҳуқуқҳои вобаста ба он одатан назар ба ҳуқуқҳои муаллифӣ кӯтоҳтар аст. Дар баъзе аз кишварҳо ҳуқуқҳои муаллиф дар муддати 20 сол баъд аз баохиррасии соли тақвимӣ, ки дар он ба қайд гирифта шудааст ва ё иҷро ва ё пахш карда шудааст, ҳифз карда мешаванд. Бисёре аз кишварҳо, вале, ҳуқуқҳои муаллифиро ба муддати 50 сол баъд аз баохиррасии соли тақвимӣ, ки дар он иҷро, бақайдгирӣ ва пахш ба амал омадааст, вобаста аз шароит, ҳифз мекунанд..

Дар баъзе аз кишварҳо суратҳо танҳо ба муддати 5 ва ё 15 сол аз рӯзи нашр ҳифз карда мешаванд.
Courtesy: Lien Verbauwhede

3. ҲИФЗИ АСАРҲОИ АСЛИ ШУМО

Шумо барои ба даст овардани ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ ва ё ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба он кадом амалҳои заруриро бояд андешед?

Ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он бидуни ягон тартиби расмӣ пешниҳод карда мешавад. Асар ҳамон замон аз лаҳзаи офариданаш, бидуни ягон бақайдгирии махсус, ба нигоҳдорӣ додан, пардохт ва дигар талаботи расмӣ ҳифз карда мешавад, гарчанде баъзе аз давлатҳо талаб доранд, ки асар дар шакли муайяни моддӣ ба қайд гирифта шаванд (ниг. болотар саҳ. 12).

Шумо чи гуна метавонед исбот намоед, ки дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ ҳастед?

Системаи ҳифз бидуни расмӣ метавонад як қатор мушкилиҳоро ҳангоми ҳифзи ҳуқуқи шумо дар ҳолати баҳс ба миён орад. Ғайр аз ин, агар ягон шахс шикоят намояд , ки шумо асари ӯро нусхабардорӣ намудед, он гоҳ шумо чи гуна метавонед исбот намоед, ки шумо муаллифи аввалин ҳастед? Шумо метавонед як қатор чорабиниҳои пешгирикунандаро бинед, ки онҳо исботи шуморо дар бораи он ки шумо асарро дар лаҳзаи муайян офаридаед, таъмин намояд. Масалан:

- Баъзе аз кишварҳо идораи давлатии муаллифию ҳуқуқӣ доранд, ки имконияти бойгонӣ намудан ва ё бақайдгирии асари шуморо ба шарти пардохти дахлдор медиҳад (ниг. Замимаи II, ки дар он номг\и веб-сайтҳои баъзе аз идораҳои давлатии муаллифию ҳуқуқӣ оварда шудааст). Иҷрои ин амал исботи мавҷудияти даъвои қонуниро ба ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Дар баъзеи ин кишварҳо шумо метавонед ҳифзи судиро зидди вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ самарок истифода баред, агар шумо асарро дар идораи муаллифию ҳуқуқӣ ба қайд гирифта бошед. Пас, дар чунин кишварҳо бақайдгирии пешакии ихтиёрӣ қатъиян тавсия дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба вуҷуд омадан ва амалӣ сохтани ҳуқуқи муаллиф бақайдгирӣ, ба таври махсус ба расмият даровардани асар ё риояи ин ё он расмиятгароӣ шарт нест
- Шумо метавонед нусхаи асари худро дар бонк ва ё ҳуқуқшинос бойгонӣ намоед. Ба сифати алтернатив шумо метавонед барои худ нусхаи асари худро тариқи почтаи миёнаравӣ дар лифофаи (дар ҳамоне ки мӯҳри равшан бо таърихи рӯз гузошта шудааст) мӯҳрзадашуда фиристо-нед ва лифофаро баъди гирифтан накушода бо худ нигоҳ доред. Аммо на ҳамаи кишварҳо ин тачрибаро ҳамчун исботе, ки қувваи ҳуқуқӣ дорад, қабул мекунанд. Асари нашршударо бо там ғаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ қайд намудан тавсия дода мешавад (ниг. саҳ. 29).
- Инчунин тавсия дода мешавад, ки асари шумо бо системаҳои махсуси стандартии ҳаммонанд-кунии рақамӣ, ба мисли рақами байналмилалии стандартии китобҳо (ISBN) барои китобҳо, рамзи байналмилалии стандартии сабт (ISRC) барои сабти овоз, рақами байналмилалии стандартии асари мусиқӣ (ISMN) барои нашрияҳои чопии мусиқӣ, рамзи байналмилалии асари мусиқӣ, ки дар репертуари асасан ташкилоти идоракунии коллективӣ назоратбаранда, қарор дорад, аломатгузорӣ карда шавад. Рақами байналмилалии стандартии асари аудиовизуалӣ (ISAN) барои асарҳои аудиовизуалӣ ва ғайра.

Шумо асари худро дар шакли электронӣ ва ё рақамӣ чи гуна ҳифз менамоед?

Асари дар шакли электронӣ ва ё рақамӣ (масалан, ихчам-гирдаҳо, DVD, матн дар низоми он-лайн, мусиқӣ, видеофилмҳо) махсусан ба вайронкунӣ ҳассосанд, чунки онҳо осонакак нусхабардорӣ карда мешаванд ва тариқи Интернет фиристода мешаванд, баъзан бидуни ягон аз даст додани сифат ва ё бидуни он. Чораҳои дар боло нишондодашуда, аз ҷумла бақайдгирӣ ва ё бойгонӣ кардашуда дар идораи давлатии муаллифию ҳуқуқӣ низ ба чунин асарҳо истифода бурда мешавад.

Вақте ки корчалонҳо асарҳои бо ҳуқуқҳои муаллифии ҳифзшударо дар низоми он-лайн пешниҳод менамоянд, чунин пешниҳодот одатан « бо шартнома аз рӯи зер намудани «мушак» (mouse-click contract) (бо номи «кликрэп бо шартномаи), ки мақсад дорад он чиро маҳдуд намояд, ки истифода-баранда метавонад бо контент чи бояд кунад, ба тартиб даровардa мешавад. Чунин маҳдудият одатан истифодабарии танҳо барои як истифодабарандаро маҳдуд менамояд ва ба ин истифодабаран-да танҳо хондан/шунидани нусхаи ягонаро иҷозат медиҳад. Паҳнкунии оянда ва ё истифодабарии бисёркарата одатан манъ аст.

Ғайр аз ин, аксарияти корчалонҳо чораҳои техникиро барои ҳифзи ҳуқуқи муаллифии худ дар контенти рақамӣ истифода мебаранд. Чунин чораҳо одатан олот ва системаҳои «Идоракунии ҳуқуқҳои рақамӣ номида мешаванд. Онҳо барои муайян намудан, пайгирӣ намудан ва чораҳои муҳофизатӣ нисбати иҷозатномаҳо ва шартҳо тариқи воситаҳои электронӣ ва дар муддати мӯҳлати истифодабарии контент, истифода бурда мешаванд.

Ҳифзи муаллифию ҳуқуқии маҳсулоти мултимедӣ

Маҳсулоти «Мултимедӣ» аз якчанд намуди асар, аксар вақт бо ҳам якҷоя кардани воситаи ягонаи фиксатсия, ҳамин гуна мисли «диски сахт»-и компьютер ё компакт-диск иборат аст. Мисоли маҳсулоти мултимедӣ бозиҳои видеоӣ, дӯконҳои иттилоотӣ ва веб-сайтҳои интерактивӣ ба ҳисоб мераванд. Унсурҳое, ки метавонанд маҳсулоти мултимедиро муттаҳид созанд, аз мусиқӣ, матн, суратҳо, клипҳои бадеӣ, графика, таъминоти барномавӣ ва видеои пуррракадрӣ иборат аст. Ҳар яки ин унсур дар

алоҳидагӣ метавонад объекти мустақили ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ бошад. Ғайр аз ин компилятсия ва ё муттаҳидкунии ин асарҳо, яъне бевосита маҳсулоти мултимедӣ, метавонанд ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ ба даст оранд, агар дар натиҷаи ин раванд маҳсулоте офарида шавад, ки ба талаботи аслӣ ҷавобгӯ бошад.

www.wipo.int/sme/

Ду усуле вуҷуд дорад, ки бо ёрии онҳо олотҳо ва системаҳои «Идоракунии ҳуқуқҳои рақамӣ» метавонанд ҳуқуқҳои муаллифиро ба асарҳои рақамӣ назорат баранд:

- Гузоштани аломат ба асарҳои рақамӣ бо иттилоот дар бораи ҳифзи муаллифию ҳуқуқии онҳо, соҳибмулк ва ғайра, ки «иттилоот дар бораи идоракунии ҳуқуқҳо номида мешавад»; ва
- ҷорӣ намудани «чораҳои техникии ҳимоя»(ҲЧТ), ки ба назорати дастрасӣ ва ё истифодабрии асарҳои рақамӣ кӯмак (иҷозат ва ё манъ менамоянд) мерасонанд. Вақте ки ҲЧТ-ро нисбати намудҳои гуногуни асарҳое, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, истифода мебаранд, онҳо метаво-нанд имконияти истифодабаран-даро дидан, шунидан, та ғйир додан, навиштан, қисмашро гирифтан, тарҷума кардан, то давраи муайян нигоҳ доштан, фиристодан, нусхабардорӣ намудан, чоп намудан ва ғайраро тибқи қонунгузории ҷорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он назорат баранд. ҲЧТ инчунин махфият, бехатарӣ ва пуррагии контентро таъмин менамояд.

Интихоби дурусти «Идоракунии ҳуқуқҳои рақамӣ».

Усулҳои зиёде вуҷуд доранд, ки метавонанд барои пасткунии имконияти вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ тариқи истифодабарии механизмҳо ва системаҳои «Идоракунии ҳуқуқҳои рақамӣ» истифода баранд.Ҳар яки он бартарият ва камбудиҳои зиёд, инчунин нархи харид, ҷорикунӣ ва истифодабарӣ дорад. Выбор специального метода лучше всего определяется вашей оценкой уровня риска, связанного с использованием произведения.

Иттилоот дар бораи идоракунии ҳуқуқҳо

Усулҳои гуногуни аломатгузории маводи шумо, к ибо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, вуҷуд доранд:

- Шумо метавонед ба асари рақамӣ бортам ға часпонед, масалан, бо там ғаи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё бортам ға бо огоҳии зерин: «Таҳдид танҳо бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ иҷозат дода мешавад» Таҷрибаи хуб инчунин дохилкунии тасвия дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар ҳар як саҳифаи веб-сайти тиҷоратии шумо, ки шарту муқаррароти истифодабарии контентро дар ин саҳифа шарҳ медиҳад, ба ҳисоб меравад.
- Ҳаммонандкунандаи объекти рақамӣ - ин система барои муайянкунии асар, к ибо ҳуқуқи муаллифӣ дар муҳити рақамӣ ҳифз карда мешавад. Ҳаммонандкунандаи объекти рақамӣ - ин теги/номҳои рақамӣ, ки ба асар дар шакли рақамӣ барои истифодабарӣ дар Интернет дода шудааст. Онҳо барои таъмини иттилооти ҷорӣ, аз ҷумла суро ға, ки аз рӯи он асарро дар Интернет ёфтан мумкин аст, истифода бурда мешавад. Иттилоот дар бораи асарҳои рақамӣ метавонад бо гузашти замон та ғйир ёбад, аз ҷумла суро ғаи ҷойгиршавии он, аммо ҳаммонандкунандаи объекти рақамӣ та ғйир намеёбад (ниг. www.doi.org)..
- Бақайдгирии вақт бортам ғаи ба контенти рақамӣ часпонида шуда ба ҳисоб меравад, ки (ба асарҳо) метавонад ҳолати котентро дар айни замон исбот намояд. Вақт унсури бениҳоят муҳим ҳангоми исботи вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ ба ҳисоб меравад: мактуби мушаххас тариқи почтаи электронӣ кадом вақт фиристода шуда буд, кадом вақт шартнома баста шуд, кадом вақт асари моликияти зеҳнӣ офарида шуда буд ва ё та ғйир дода шуда буд ва ё кай исботи рақамӣ ба даст оварда шуд. Хизматрасонии махсус бақайдгирии вақт мумкин аст барои тасдиқи вақти офаридани ҳуҷҷат истифода бурда шавад.
- Тамғаҳои рақамии обӣ таъминоти барномавиро барои дохилкунии итилоот дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар худи асарҳои рақамӣ истифода мебаранд.Тамғаи рақамии обӣ мумкин аст шакли хуб дидашавандаро, ки там ғаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифиро дар майдонҳои суратгирӣ ба ёд меорад, дошта боша два ё мумкин аст дар мӯҳтавои ҳуҷҷат, ба монанди ҳамон ҳуҷҷатҳои дар қо ғаз бо тамғаҳои обӣ чопшаванда дохил карда шаванд. Аксар вақт там ға чунин сохта шудааст, ки ҳангоми хондани оддӣ он дида намешавад. Вақте ки там ғаҳои обии дидашаванда барои тобоварӣ муфид бошад, там ғаҳои молӣ диданашаванда барои исботи дуздӣ ва пайгирӣ дар низоми онлайн, истифодабрии асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшаванда муфид аст..

Чораҳои техникии ҳифз

Баъзе аз ширкатҳо истифодабарии технологияи маҳдудкунии дастрасиро ба асарҳои худ ва иҷозат додан танҳо ба мизоҷонро, ки шартҳои муайян ва муқаррароти истифодабарии асарро қабул намудаанд, эътироф менамоянд. Чунин чораҷӯи иборат аст аз:

- **Рамзгузорӣ** аксар вақт барои ҳифзи воситаҳои барномавӣ, фонограмма ва асарҳои аудиовизуалӣ аз ғайриқонунӣ истифодабарӣ, истифода бурда мешавад. Масалан, вақте мизоҷ асарро ворид мекунад, воситаҳои барномавии «Идоракунии ҳуқуқҳои рақамӣ» метавонанд бо маркази иттилоотӣ (муассисае, ки ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро идора менамояд) барои ташкили пардохт, рамзкушоии файлҳо ва ба мизоҷ додани «калиди» фардӣ, масалан, рамз барои дидан ва ё шунидани контент, пайваст шавад.

Нисбати чораҳои техникии ҳифз боэҳтиёт бошед

Корчалонҳое, ки контентҳои худро пешниҳод менамоянд, метавонанд ҷорикунии чораҳои техники ҳифзро баррасӣ намоянд, агар зарурияти ҳифзи асарҳои рақамӣ аз асарҳои ғайриқонунӣ ва фурӯш вуҷуд дошта бошад. Аммо истифодабарии чораҳои техникии ҳифз бояд бо дигар андешаҳо дар мувозинат бошад. Масалан, чораҳои техникии ҳифзро набояд бо усулҳое, ки дигар амалҳои қонунгузориро вайрон менамоянд, истифода бурда шавад, масалан, қонунгузорӣ дар бораи махфият, дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон ва ё дар бораи ҳифз аз рақобати бевиҷдонона.

Ба корчалононе, ки контентҳои рақамиашонро дигар шахсон истифода мебаранд, тавсия дода мешавад, ки ҳамаи иҷозатномаҳои барои истифодабарӣ заруриро (аз ҷумла ҳангоми зарурияти иҷозатгирӣ барои рамзкушоии асари ҳифзшаванда) ба даст оранд. Ин бо он вобаста аст, ки муассиса ва ё шахсе, ки берун аз чораҳои техники ҳифз амал менамояд ва баъд асари асари ҳифзшавандаро истифода мебарад, ҳамчун вайронкунандаи қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқии воситаҳои техникии ҳифз, инчунин барои вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

www.wipo.int/sme/

- **Системаи назорати дастрасӣ ва ё шартҳои дастрасӣ** дар шакли оддии худ шахсияти истифодабаранда, файлҳои контент ва имтиёзҳоро (хондан, та ғйир додан, иҷро кардан ва ғайра), ки истифодабаранда дар асари алоҳида дорад, тафтиш менамояд. Дорандаи асари рақамӣ метавонад дастрасиро ба усулҳои зиёд тарҳрезӣ намояд. Масалан, ҳуҷҷат метавонад инъикос гардад, вале чоп нагардад ва ё мумкин асттанҳо барои хондан дар давраи маҳдуди вақт истифода бурда шавад..
- **Нашри матни танҳо сифаташ паст.** Масалан, корчалонҳо метавонанд суратҳо ва ё дигар тасвирро дар веб-сайти худ муфассал ҷойгир намоянд, ки барои муайян намудани истифодабарӣ кифоя бошад, масалан, дар расми рекламавӣ, вале аз ҷиҳати сифат барои таҷдиди он дар маҷалла нокифоя бошад.

Баррасии ҳолати мушаххас – ширкати Memory Computaci□n

Дар ҳамон чорабинӣ, ки дар он Office XP дар Нью-Йорк дар соли 2001 нашр шуда буд, ширкати Microsoft низ таъминоти барномавии худро бо номи Memory Conty муаррифӣ карда буд, ки он барномаи муҳосибӣ ба ҳисоб рафта, дар Office XP якҷоя карда мешавад. Таъминоти барномавиро ширкати начандон калони Memory Computación (дар оянда бо номи «Memory» доир ба коркарди таъминоти компютерӣ аз Уругвай сохта буд:у:

Memory пайваста чораҳои барои ҳифз, идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои худ заруриро барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарини имконпазир аз ҳуқуқҳои худ баҳогузорӣ менамояд. Ҳар як нусхаи барномаи Memory Conty иҷозатномаи истифодабарандаро дар бар мегирад ва он нишон медиҳад ки таъминоти барномавӣ тибқи қонун-гузории ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда мешавад, ва нусхабардории пурра ё қисман ё бо мақсади гуногун аз нав бавуҷудоварӣ манъ карда мешавад, ба ғайр аз нусхаи эҳтиётӣ барои нигоҳ доштани истифодаи он.

Memory таъминоти барномавии худро дар кишварҳои муаллифию ҳуқуқӣ, ки дар онҷо кор мекунад ва он ҷое ки идора бақайдгирии ихтиёрии ҳуқуқи муаллифиро иҷозат медиҳад, ба қайд гирифтааст. Memory дарк менамояд, ки вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла, роҳзании компютерӣ аксар вақт рух медиҳад, бинобар ин стратегияи мутвозии ҳифзи маҳсулоти худро омода сохтааст. Аввалан, Memory дар таъминоти барномавии худ як қатор **механизмҳои технологиро** барои пешгирӣ намудани нусхабардории осони таъминоти барномавӣ дохил намудааст. Дуюм, Memory ба **сифати хизматрасонии** баъдифурӯшии худ ва ба **таҷдиди версияҳои нави** маҳсулоти худ, ки ба мизоҷони дорандаи нусхаҳои қонунии барномаҳо пешкаш менамояд, найрангбозӣ намудааст, бо мақсади он ки онҳо нархи харидории таъминоти қонунии барномавиро ба ҷои барномаҳои роҳзанӣ эътироф ва дарк намоянд.

www.wipo.int/sme/

Кадом ҳифз дар хорифа барои шумо таъмин шудааст?

Аксарияти кишварҳо аъзоёни як ва ё якчанд шартномаҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, чунки, ғайр аз ин, ҳифзи мустақили асари бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифзшаванда ва дар як кишвар **офаридашаванда, дар ҳамаи кишварҳое, ки аъзоёни чунин шартномаҳои байналмилалӣ** ба ҳисоб мераванд, таъмин карда шавад. Шартномаи муҳимтарини байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи муаллифӣ **Конвенсияи Берн дар бораи ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ ба ҳисоб меравад** (ниг. Замимаи III). Агар Шумо шаҳрванд ва ё шахсе бошед, ки дар қаламрави кишварҳо-иштирокчии Конвенсияи Берн умр ба сар баред (ниг. номгӯи иштирокчиён дар Замимаи IV), ва ё асаратонро дар яке аз кишварҳо-иштирокчӣ нашр намудаед, он гоҳ он ихтиёрона дар сатҳи ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ, ки дар Конвенсияи Берн дар ҳамаи дигар кишварҳои иштирокчии ин Конвенсия ҳисобшаванда пешниҳод мешавад, истифода бурда мешавад.

Аммо ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ аз рӯи хусусияти худ **минтақавӣ** боқӣ мемонад. Бинобар ин асари шумо ҳифзи ҳуқуқи муаллифиро танҳо дар ҳолате истифода бурда метавонад, агар он **ба талаботи ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифии кишвари дахлдор** мувофиқат намояд. Ба ҳамин тариқ, вақте ки асари шумо бо ҳуқуқҳои муаллифӣ дар бисёре аз кишварҳо ихтиёрона ҳифз карда мешавад (дар натиҷаи шартномаҳои байналмилалӣ), дар ҳар як кишвар мисли пештара системаи мустақили ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ, ки дар кишварҳои гуногун кулан фарқ мекунанд, нигоҳ дошта мешавад.

Оё там ғаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ дар асар ҳатмӣ аст?

Дар аксарияти кишварҳо **тамғаи ҳифзи ҳуқуқи маллифӣ** барои ҳифз талаб карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда, истифодабарии там ғаи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар асари шумо ва нисбат ба он қатъиян тавсия дода мешавад, чунки он ба одамон ёдрас менамояд, ки асар ҳифз карда мешавад ва ба дорандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ишора менамояд. Чунин ҳаммонандкунӣ ба ҳамаи шахсони хоҳишманд барои гирифтани иҷозати пешакӣ барои истифодабарии асари шумо кӯмак мерасонад. Гузоштани там ғаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ чорачӯии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин сарфи иловагии зиёдро талаб намекунад, вале метавонад воситаҳои иқтисодиро аз ҳисоби нигоҳдории дигар одамон аз нусхабардории асари шумо ба даст орад, инчунин раванди пешниҳоди иҷозати пешакиро бо шарофати ихтисоркунии ҳамонандкунии дорандаи ҳуқуқ осон намояд.

Инчунин дар юрисдиксияҳои муайян, махсусан, дар ИМА, дохилкунии там ғаи ҳақиқии ҳифз фарзияи донишро дар бораи ҳифзи муаллифию ҳуқуқии асари қонунвақронкунанда меофарад. Дар натиҷа суд ӯро барои қасдан вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ, ки оқибати ҷазои сахттаринро нисбат ба надониста вайронкунӣ дорад, ҷавобгар меҳисобад.

Ягон хел раванди расмии пешниҳоди чунин там ға барои асари шумо вуҷуд надорад. Он мумкин аст навишта шавад, чоп карда шавад, мӯҳр гузошта шавад ва ё расмкашӣ карда шавад. Там ғаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ одатан иборат аст аз:

- Калимаҳои «Copyright», «copr.» ва аломати ҳуқуқи муаллифии ©;
- Солҳое, ки асар аввалин маротиба нашр шудааст; ва
- Номи дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ..

Масалан: *Copyright 2011, ММПИ.*

Агар шумо асарро та ғйир медиҳед, тавсия дода мешавад, ки дар он там ғаи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ бо роҳи ҳар сол дохил кардани ҳар як та ғйирот аз нав карда шавад Масалан, «2006, 2008, 2010» маънои онро дорад, ки асар дар соли 2006 офарида шуда дар соли 2008 ва 2010 та ғйир дода шудааст.

Барои асари доимо аз навкардашуда, масалан, контенти веб-сайт, мумкин аст солҳо аз лаҳзаи нашри аввал то замони ҳозира: масалан, © 2006-2011, ММПИ дохил карда шаванд. Инчунин пурра намудани там ға бо амалҳои номбаршуда, ки бе иҷозат амалӣ карда намешавад, тавсия дода мешавад.

Барои сабтҳои овози ҳифзшаванда ҳарфи «P» (барои фонограмма») дар доира ва ё қавсҳо истифода бурда мешавад. Баъзк аз кишварҳо талаб доранд, ки аломат ва соли нашри аввал дар нусхаҳои фонограммаҳо (масалан, дар ихчам-гирдаҳо ва ё ауидиогирдаҳо) барои гирифтани ҳифз дар ин кишвар нишон дода шавад.

Ҳифзи муаллифию ҳуқуқии веб-сайтҳо

Веб-сайтҳо дорои бисёр асарҳои гуногуни эҷодӣ, ба мисли графика, матн, мусиқӣ, асарҳои бадеӣ, суратҳо, базаи маълумот, видеофилмҳо, таъминоти барномавии компютерӣ, рамзи HTML, ки барои коркарди веб-сайт ва ғайра истифода бурда мешавад, мебошанд. Ҳуқуқҳои муаллифӣ мумкин аст ин унсурҳоро алоҳида ҳифз намоянд, масалан, мақола дар веб-сайт мумкин аст ҳифзи шахсии муаллифию ҳуқуқӣ дошта бошад. Ҳуқуқҳои муаллифӣ метавонад инчунин усули хосро ҳифз намояд, ки ин унсурҳои гуногун барои офаридани веб-сайтҳо ба пуррагӣ интихоб ва ташкил шудааند. Барои иттилооти иловагӣ ниг. ба: www.wipo.int/sme/en/documents/business_website.htm

4. СОҲИБИЯТИ ҲУҚУҚҲОИ МУАЛЛИФӢ

Муаллиф ҳамеша дорандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ба асаре, ки бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, буда метавонад?

Моҳияти истилоҳҳо «муаллифӣ» ва «дорандаи ҳуқуқ» аксар вақт ба иштибоҳ меафтанд. **Муаллифи** асар – ин шахсест, ки асарро офаридааст. Агар асарро якчанд шахс офарида бошанд, он гоҳ офарандагон ҳаммуаллиф ба ҳисоб мераванд, ки онҳо якҷоя ва ё алоҳида метавонанд асарро ихтиёрдорӣ намоянд. Масъалаи муаллифӣ нисбати ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ, инчунин барои муайянкунии таърихи рӯз, ки бо фарорасии он ҳифз ба охир мерасад, бениҳоят муҳим аст (ниг. саҳ.23).

Дорандагии ҳуқуқҳои муаллифӣ - ин фаҳмиши дигар аст. **Дорандаи ҳуқуқи** муаллифӣ ба асар (дорандаи ҳуқуқ) – ин шахсест, ки ҳуқуқҳои истисноиро ба истифодабарии асар, масалан, ба истифодабарӣ, нусхабардорӣ, фурӯш ва офаридани асарҳои ҳосилавӣ дорад. Одатан ҳуқуқи муаллифӣ ба асар аз аввал ба шахсе дахл дорад, ки онро дарҳақиқат офаридааст, яъне ба муаллиф. Аммо ин масъала ҳархела дар кишварҳои гуногун ба тартиб дароварда мешавад, аз ҷумла метавонад дар ҳолатҳои зерин амал накунад:

- Агар асарро кормандон ҳамчун қисми вазифаи хидматии худ офарида бошанд;
- Агар асар аз рӯи шартномаи ҳуқуқи муаллифӣ ва ё бо супориши махсус офарида шуда бошад; ва ё
- Агар асарро якчанд шахсон офарида бошанд.

Ба он диққат диҳед, ки дар аксарияти кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ӯҳдадориҳои шарномавӣ метавонанд муқарароти умумӣ, ки қонун нисбати дорандаи ҳуқуқи муаллиф муқаррар намудааст та ғйир ва ё шарҳ диҳанд.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ ба кӣ дахл дорад?

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ ҳамеша ба шахсе, ки асарро офаридааст (ва ё ба меросхӯри он) дахл дорад. Аммо, чӣ тавре, ки дар боло қайд шуд, дар баъзе аз кишварҳо мумкин аст аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ даст кашанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳуқуқи шахсии ғайриамволии муаллиф ба ӯ, сарфи назар аз ҳуқуқи амволӣ, тааллуқ дорад ва дар ҳолати таҳвили ҳуқуқи комили истифодаи асар нигоҳ дошта мешавад.

Ширкатҳо наметавонанд ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ дошта бошанд. Масалан, агар истеҳсолкунандаи филм ширкат ба ҳисоб равад, он гоҳ танҳо ба режисер ва ё муаллифи филмнома ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ барои филм дахл доранд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ба асар, ки корманди кироя офаридааст, ба кӣ тааллуқ дорад?

Дар аксарияти кишварҳо, агар корро корманди кироя дар доираи вазифаҳои хидматии худ офарида бошад, корфармо худ ба худ ҳуқуқи истисноиро ба асар ба даст меорад, агар дигараш гуфта нашуда бошад. Аммо ин на ҳама вақт чунин тарз танзим карда мешавад. Тибқи қонунгузории баъзе аз кишварҳо, гузариш ба кофармо наметавонад худ ба худ бошад ва супориши махсусро дар шартномаи меҳнатӣ талаб менамояд. Дар ҳақиқат, дар баъзе аз кишварҳо ба имзо расидани созишнома дар бораи вогузории ҳуқуқи муаллифӣ мумкин аст барои ҳар як асар, ки бо чунин тарз офарида шудааст, зарур бошад.

Масалан: Ширкат барномасози компютериро киро мекунад. Вазифаҳои хидматии худро иҷро намуда, барномасоз бозиҳои видеоиро дар муддати вақти одии корӣ ва бо истифода аз таҷҳизоте, ки ба ширкат пешниҳод карда мешавад, меофарад. Ҳуқуқҳои истисноӣ ба барнома, дар аксарияти кишварҳо, ба ширкат дахл доранд.

Баҳсҳо мумкин аст дар ҳолате рух диҳанд, ки агар корманди кироя кори муайянеро дар хона ва ё то охири вақти корӣ иҷро намояд ва ё кореро иҷро намояд, ки аз доираи вазифаҳои хизматии одии ӯ берун мебарояд. Ба хотири дурӣ ҷустан аз баҳсҳо бо корманди кироя бастани шартномаи хаттӣ таҷрибаи хуб ба ҳисоб меравад, ки дар он масъалаҳои гуногуни ба ҳуқуқҳои муаллифӣ дахлдор, ки метавонанд ба амал оянд, дақиқ ба тартиб дароварда мешавад.

Асарҳое, ки барои ҳукумат офарида мешаванд.

Дар баъзе аз кишварҳо ҳукумат ҳуқуқи муаллифиро ба дорандаи асар, ки аввалин маротиба таҳти роҳбарии онҳо офарида шудааст дорад, агар дар созишномаи хаттӣ дигар гуфта нашуда бошад. Корхонаҳои хурд, ки асарро барои вазоратҳо ва идораҳои ҳукуматӣ меофаранд, бояд дар бораи ин қоида донианд ва барои фаҳмиши масаъала доир ба соҳибияти ҳуқуқи истисноӣ созишномаи хаттӣ банданд.

Ҳуқуқҳои истисноӣ ба асаре, ки бо супориш офарида шудааст, ба кӣ дахл дорад??

Агар асар офарида шавад, масалан, аз ҷониби маслиҳатчии беруна ва ё ташкилоти эҷодӣ, яъне аз рӯи супориши муаллифӣ, вазъият дигар мешавад. Дар аксарияти кишварҳо муаллиф ҳуқуқи истисноиро ба асари дар доираи шартномаи супориши офаридашуда дорад, шахси супоришдиҳандаи асар бошад, танҳо иҷозатномаро барои истифодабарии асар бо мақсадҳое, ки он дархост шуда буд, дорад. Дар ин асос аксарияти бастакорон, суратгирон, рӯзноманигорони ғайриштатӣ, ороишгарони графикӣ, барномасозони компютерӣ ва ороишгарони веб-сайтҳо кор мекунанд. Масъала дар бораи он ки кӣ дорандаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, аксар вақт бинобар сабаби зиёд истифодабарии маводи дар доираи супориш барои ҳамон ва ё дигар мақсад офаридашуда, пайдо мешавад.

Асаре, ки дар доираи муносибатҳои кироя офарида мешаванд

Дар баъзе аз кишварҳо, ба мисли ИМА, қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ гурӯҳи асареро, ки «асари дар доираи муносибатҳои офарида шудаанд» номида мешавад, муайян менамояд. Асаре, ки дар доираи муносибатҳои кироя офарида шудаанд, кормандони кироя дар доираи вазифаҳои хизматӣ ва ё аз рӯи супориши тибқи шартнома меофаранд. Нисбати асар, ки дар доираи муносибатҳои ки-роя офарида шудаанд, дорандаи ҳуқуқҳои истисноии ҳуқуқи муаллифӣ шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба ҷои ӯ пардохт менамояд, на шахсе, ки онро меофарад. Чунин шахс метавонад ширкат ташкилот ва ё шахси алоҳида бошад.

Масалан: Шумо пудратчии берунаро барои офаридани реклама барои ширкататон киро намудаед. Дар вақти муайян шумо ният доред онро барои фурӯши моли нави худ дар намоишгоҳи тиҷоратӣ истифода баред. Тибқи аксарияти қонунҳои миллӣ агентии рекламавӣ дорандаи ҳуқуқи истисноӣ мебошад, агар дигар махсусан дар шартнома дода нашуда бошад. Баъд аз гузашти якчанд вақт шумо орзӯи истифодабарии қисми рекламаро дар веб-сайти нави худ намудед. Шумо бояд иҷозати агентии рекламавиро барои истифодабарии маводи ҳифзшавандаи ҳуқуқи муаллифӣ бо ин роҳ ба даст оред. Ин бо он вобаста аст, ки истифодабарии чунин мавод дар веб-сайти худ дар шартномаи аввалия пешбинӣ нашуда буд..

Ба ҳар ҳол, як қатор истисно вуҷуд дорад, масалан, дар ҳолати суратҳо, портретҳо ва кандакорӣ, сабти овоз, филмҳои синамогарӣ дар баъзе аз кишварҳо, ки бо мақсадҳои шахсӣ гирифта шудааст,

Дар вазъияти корфармо-корманди кироя, муҳим он аст, ки масъалаҳои дорандагии ҳуқуқҳои истисноӣ дар шакли хаттӣ, ки бояд пеш аз дархости хизматрасонии берунаи эҷодӣ баста мешавад, қайд карда шавад.

Ҳуқуқи истисноӣ ба асар, ки якчанд муаллиф офаридааст ба кӣ тааллуқ дорад?

Талаботи асосии ҳаммуаллифӣ аз он иборат аст, ки саҳми ҳар як ҳаммуаллиф бояд объекти ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ ба ҳисоб равад. Дар ҳолати ҳаммуаллифӣ ҳуқуқҳо одатан дар асоси созишномаи байни ҳаммуаллифон амалӣ карда мешавад. Ҳангоми набудани чунин созишнома одатан қоидаҳои зерин истифода бурда мешавад::

- **Асаре, ки пурра канданашавандаро ташкил медиҳад.** Вақте ки ду ва ё якчанд муаллиф дар бораи муттаҳид намудани саҳми худ ба комбинатсияҳои тақсимнашавандаи ба ҳам алоқаманди саҳмҳои фардӣ ба созиш меоянд, «асаре, ки пурра канданашавандаро ташкил» офарида мешавад Мисоли чунин асар китоби дарсӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он ду ва ё якчанд муаллиф унсурҳои алоҳидаро дохил мекунанд, ки барои муттаҳидкунӣ ба як асар пешбинӣ шудааст. Дар ҳолати асари якҷояи муаллиф, ки онҳо саҳми худро мегузоранд, муаллифони тақсимнашаванда мегарданд. Қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифии аксарияти кишварҳо талабот дорад дар бораи он ки фурӯши ҳуқуқҳои муаллифӣ ба асар, ки тақсимнашавандаи пурраро ташкил медиҳанд, танҳо бо розигии ҳамаи ҳаммуаллифон мумкин аст. Дар дигар кишварҳо ҳар як ҳаммуаллифи тақсимнашванда метавонад бидуни иҷозати дигар ҳаммуаллиф асарро истифода баранд (вале вазифадор аст даромади аз истифодабарӣ ба даст овардаро бо ҳам тақсим намояд). Созишномаи хаттии байни ҳаммуаллифон ва ё доранда-

гони ҳуқуқ одатан чунин амали беҳтарин ба ҳисоб меравад, ки чунин масъалаҳоро ба мисли ҳуқуқҳои истисної ва истифодабарӣ, ҳуқуқҳо ба азнавкоркарди асар, макетинг ва тақсимоти ҳар як даромад, инчунин кафолат аз вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ, муайян менамояд.

- **Асаре, ки аз қисмҳо иборат буда, ҳар як қисми он моҳияти мустақилро дорад.** Агар муаллиф нияти офаридани асари тақсимнашавандаи таркибиро ро надошта бошад, ва хоҳанд, ки саҳми онҳо алоҳида истифода бурда шавад, он гоҳ асар «аз қисмҳо иборатбуда, ки ҳар як қисми он моҳияти мустақилро дорад» ба ҳисоб меравад. Мисоли чунин асар ихчам-гирдаҳо ба ҳисоб меравад, ки онҳо аз компилятсияи сурудҳои бастакорони гуногун ва ё маҷаллаҳои дорои мақолаҳои муаллифони ғайриштатӣ иборат аст. Дар чунин ҳолат ҳар як муаллиф ҳуқуқи истисної ба як қисми асар, ки онро офаридааст, дорад..
- **Асарҳои ҳосилавӣ.** Асарҳои ҳосилавӣ ба як ва ё якчанд асари пештар вуҷуддошта, ба мисли тарҷумаи аранжировкаи мусиқӣ, репролуксияи бадеӣ, инсенировка ва ё версияи кинофилм, асос карда мешавад. Офаридани асарҳои ҳосилавӣ яке аз ваколатҳои истисноии дорандаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. (ниг. саҳ. 15). Аммо худи асарҳои ҳосилавӣ метавонад ҳифзи алоҳидаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ба даст орад, гарчанде ҳуқуқи муаллифӣ танҳо ба ҳамон ҷанбаҳое паҳн карда мешавад, ки барои асарҳои ҳосилавӣ аслӣ ҳастанд. Дар таҷриба на ҳама вақт асари тақсимнашавандаи таркибиро аз асаре, ки аз қисмҳо иборат буда ҳар яки он аҳамияти мустақил дорад ва ё асари ҳосилавӣ, осон фарқ кардан мумкин аст. Муаллифони гуногуни асари тақсимнашавандаи таркибӣ, аксар вақт саҳми дахлдорро новобаста аз якдигар ва дар вақтҳои гуногун меофаранд, дар натиҷа метавонанд асари «барвақт» ва ё «дертар» гарданд. Дар аксарияти кишварҳо ҳаммуаллифон аз рӯи иродаи якҷояи худ будан ва ё набудани ҳаммуаллифони тақсимнашавандаро ҳал мекунанд, ин муайян менамояд, ки оё асар тақсимнашавандаи пурра буда метавонад, оё қисми мустақил дошта ва оё ҳосилавӣ шуда метаванад. Ҳаммуаллифи якҷоя ниятҳоро талаб менамояд. Агар нияти офаридани асари якҷоя вуҷуд надошта бошад, ду ва ё якчанд муаллифи эҷодкунандаи асари тақсимнашаванда ва ё ба ҳам алоқаманд, асари ҳосилавӣ ва ё асаре меофаранд, ки аз қисмҳо иборат буда ҳар яки онҳо аҳамияти мустақил доранд.

Кинофилми «Код Да Винчи» асари ҳосилавӣ нисбати китоб зери ҳамин ном ба ҳисоб меравад. Бинобар ин продюсери филми «Код Да Винчи» иҷозати муаллифи китоби Дэна Браунаро барои офаридан ва иҷораи филм гирифтааст.

5. ГИРИФТАНИ ДАРОМАД АЗ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФИ ВА ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА БА ОН

Шумо чи гуна метавонед аз натиҷаҳои фаъолияти эҷодиёти худ даромад ба даст оред??

Агар ширкати Шумо дорандаи ҳуқуқ ба асар ба ҳисоб равад, шумо худ ба худ фазои пурраи ҳуқуқҳои муаллифиро доред. Ин маънои онро дорад, ки танҳо ширкати Шумо метавонад асари ҳифзшавандаро тақдид намояд, фурӯшад ва ё нусхаҳои асарро ба иҷора диҳад, асарҳои ҳосилавиро омода намояд, асарро расман ичро ва ё намоиш диҳад ва дигар амалҳоро ичро намояд. Агар дигар шахсон хоҳиши истифодабарӣ ва ё фурӯши маводи шуморо, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад дошта бошанд, шумо метавонед иҷозатнома пешниҳод намоед ва ё як қисм, якчанд ва ё ҳамаи ҳуқуқҳои истисноии худро дар ивази пардохт (мабла ғ) фурӯшед. Пардохти мабла ғ метавонанд яквақта ва ё даврӣ бошанд Ин аксар вақт ба муассисаи шумо даромади зиёдтар меорад назар ба истифодабарии мустақими ҳуқуқҳои истисноии муаллиф, офарданда ва ё дорандаи ҳуқуқ.

Ҳуқуқҳои муаллифиро тақсим намудан, дар доираи иҷозатнома пешниҳод намудан ва ё ба дигар шахсон фурӯхтан бо тамоми роҳҳое, мумкин бошад, пешниҳод карда мешавад. Бинобар ин онҳоро фурӯхтан ва дар доираи иҷозатнома бо маҳдудкунии ҳудуд, вақт, сегменти бозор, забон (тарҷума), воситаҳои интиқол ва ё контент пешниҳод намудан мумкин аст. Масалан, муаллифи китоб метавонад ҳуқуқи истисноиро ба асар дар ҳаҷми пурра вогузор намояд ва ё ҳуқуқи нашрро ба ношири китоб, ҳуқуқ ба офаридани филмро ба ширкати синамо, ҳуқуқ ба пахши эфир – радиостансияҳо ва ҳуқуқи мутобиққунии драматикии асар – ба ҷамъияти драматикӣ ва ё ширкати телевизионӣ фурӯшад.

Барои тиҷораткунонии истеҳсоли саноатӣ як чанд усулҳо мавҷуданд:

- Шумо метавонед танҳо асари бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифзшавандаро фурӯшед ва ё нусхаҳоро омода намоед ва фурӯшед; дар ҳарду ҳолат шумо ҳамаи ва ё аксарияти ҳуқуқҳои аз дорандагии ҳуқуқҳои муаллифӣ ба асар барояндаро нигоҳ медоред (ниг. параграфи дигар);
- Шумо метавонед барои ба кесе тақдид ва ё бо дигар роҳ истифодабарии асарро иҷозат диҳед. Инро мумкин аст дар шакли додани иҷозатнома доир ба пешниҳоди ҳуқуқ барои истифодабарии асар амалӣ карда шавад.
- Шумо метавонед ҳуқуқҳои истисноиатонро ба асар чи дар ҳаҷми пурраш ва чи қисман фурӯшед..

Ҳангоми фурӯши асари худ оё шумо ҳуқуқҳои муаллифиатонро ба онҳо гум мекунед??

Ҳуқуқҳои муаллифӣ аз ҳуқуҳои дорандаи объекти физикӣ, ки дар он асар ба қайд гирифта шудааст, фарқ мекунад. Фурӯши оддии асарҳои бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифзшаванда (масалан, барномаҳои компютерӣ ва ё дастнависҳо) ба харидор худ ба худ ҳуқуқҳои истисноиро вогузор намекунад. Одатан ҳуқуқҳои муаллифӣ ба асар барои муаллиф нигоҳ дошта мешавад, агар он ба харидори асар дар шакли созишномаи хаттӣ вогузор накарда шавад.

Аммо, дар баъзе аз кишварҳо, агар шумо нусха ва ё асли асарро фурӯшед (масалан, сурат), шумо

метавонед баъзе аз ҳуқуқҳои истисноии худро аз маҷмӯи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муаллифӣ аз даст диҳед. Масалан, харидори нусха метавонад ҳуқуқи дар оянда ихтиёрдории нусхаҳоро дошта бошад, масалан, фурӯш ва ё вогуории онро (ниг. инчунин «фурӯши аввал» дар саҳ 15). Шартҳои аз даст додан ва ё нигоҳдории ҳуқуқҳо дар ин ва ё он кишвар куллан фарқ мекунад. Тафтиши қонунгузории ҷорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ пеш аз фурӯши нусхаҳои асар дар кишвари худ, инчунин дар бозори содиротӣ тавсия дода мешавад.

Иҷозатнома барои истифодабарии асар чист?

Литсензия – ин иҷозатномаест, ки ба дигар шахс барои амалӣ намудани як ва ё якчанд ҳуқуқҳои истисноии худ ба асар, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад, пешниҳод карда мешавад. Бартарияти пешниҳоди литсензионии ҳуқуқҳо ба истифодабарӣ иборат аз он аст, ки шумо дорандаҳои ҳуқуқ ба асар боқӣ мемонед ва ҳамзамон ба дигарон барои офаридани нусха, паҳнкунӣ, боркунӣ, пахши синхронӣ ва тақсимот тариқи Интернет, таҷдид дар таҷҳизоти мобилӣ ва ё офаридани асарҳои ҳосилавӣ дар ивази пардохт, иҷозат медиҳед. Созишномаи литсензионӣ мумкин аст фардӣ барои мувофиқат бо талаботи мушаххаси тарафҳо тартиб дода шавад. Бинобар ин шумо метавонед дар доираи иҷозатнома танҳо ҳуқуқ, аммо на дигарро пешниҳод намоед. Масалан, вақте ки иҷозатнома барои ҳуқуқи офаридани нусхаҳо ва истифодабарии бозиҳои компютерӣ пешниҳод карда мешавад, шумо метавонед ҳуқуқро барои офаридани асарҳои аз онҳо ҳосилшуда (масалан, филмҳои синамо) нигоҳ доред.

Фарқи байни литсензияи истисноӣ ва ғайриистисноӣ дар чист?

Литсензия метавонад истисноӣ ва ғайриистисноӣ бошад. Агар шумо литсензияи истисноӣ пешниҳод менамоед, танҳо литсензиат ҳуқуқ дорад асарро бо роҳҳои дар иҷозатнома пешбинишуда истифода барад. Дар аксарияти кишварҳо литсензияи истисноӣ бояд шакли хаттиро дошта бошад, то ки қувваи ҳуқуқӣ дошта бошад. Литсензияи истисноӣ инчунин мумкин аст маҳдуд карда шавад, масалан, бо ҳудуди муайян, давраи вақт, бо мақсадҳои маҳдудшаванда ва ё давомнокии экзклюзивӣ мумкин аст бо дигар дараҷаҳои истифодабарии асар шарҳ дода шаванд. Литсензияи истисноӣ аксар вақт стратегияи хуби тиҷоратӣ барои паҳнкунӣ ва дар бозор фурӯши мол, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешаванд ба ҳисоб меравад, агар захираҳои шумо барои ба фурӯш баровардани асар дар бозор кофӣ набошад..

Аз дигар тараф, агар шумо ба ширкат литсензияи ғайриистисноӣ пешниҳод намоед, шумо ба чунин ширкат ҳуқуқи амалӣ намудани як ва ё якчанд ҳуқуқҳои истисноии худро медиҳед, вале ин ба шумо барои ба дигар шахсон иҷозат додани дар як вақт истифодабарии ҳамон ҳуқуқҳоро (аз ҷумла ба худатон) халал намерасонад. Бинобар ин шумо метавонед ба миқдори дилхоҳи шахсони физикӣ ва ё ҳуқуқӣ ҳуқуқи истифодабарӣ, нусхабардорӣ ва ё паҳнкунии асари худро пешниҳод намоед. Чун ҳолати литсензияи истисноӣ, литсензияи ғайриистисноӣ метавонанд маҳдуд ва ё бо роҳҳои гуногун танг бошанд. Дар аксарияти кишварҳо литсензияи ғайриистисноӣ метавонад даҳонӣ ва ё хаттӣ бошад. Аммо созишномаи хаттӣ беҳтар аст.

Чӣ рух медиҳад, вақте ки шумо ҳуқуқи муаллифиро мефурӯшед?

Литсензиякунонии алтернативӣ фурӯши ҳуқуқҳои муаллифии шумо ба ба асар ба дигар шахсон, ки дар натиҷа дорандаи ҳуқуқи нав мегардад, ба ҳисоб меравад. -Истилоҳи техникии чунин вогузорӣ «вогузорӣ ва ё бегонакунии ҳуқуқҳои истисноӣ номида мешавад» Он гоҳ вақте ки литсензия танҳо барои иҷрои кадом як амал, ки ҳангоми набудани он ғайриқонунӣ мебошад, вогузорӣ ҳамаи ҳуқуқҳои истисноии шуморо дар ҳаҷми пурра во мегузорад. Шумо метавонед ё ҳамаи ҳуқуқҳои истисноӣ ё танҳо қисми онро во гузоред. Дар аксарияти кишварҳо барои гирифтани қувваи ҳуқуқӣ вогузории ҳуқуқи истисноӣ бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ ба он имзо гузорад. Дар аксарияти кишварҳо ҳуқуқи истисноӣ наметавонад умуман во гузошта шавад. Бояд қайд намуд, ки танҳо ҳуқуқҳои истисноӣ во гузошта мешаванд, чунки ҳуқуқҳои шахсии ғайримулкӣ ҳамеша барои муаллиф боқӣ мемонанд (ниг. саҳ. 17).

Вогузорӣ ва ё литсензияи истисноӣ бояд дар шакли хаттӣ бошад.

Стратегияи литсензионӣ.

Литсензияро пешниҳод намуда, шумо ба литсензиат иҷозати иҷрои амали муайянро, ки дар созишномаи литсензионӣ гуфта шуда, ки бе набудани он иҷозат дода намешавад, медиҳед. Пас, муҳим он аст ки фаҳмо ва ҳар чи дақиқтар ҳаҷми фаъолияти тибқи созишномаи литсензионӣ иҷозатдодашуда муайян карда шавад. Одатан беҳтар литсензияе, ки бо ҳаҷми талаботи мушаххас ва манфиатҳои литсензиат маҳдуд ҳастанд, пешниҳод карда шавад. Пешниҳоди литсензияи ғайриистисноӣ пешниҳоди миқдори заруриро ба дигар истифодабарандагони манфиатдор ба мақсадҳои ҳаммонандӣ ва гуногун бо шартҳои ҳаммонандӣ ва ё шартномаҳои гуногун имконпазир мегардонад..

Аммо, баъзан назорати мутлақ аз болои асар бехатарии тиҷоратиро барои литсензиат ва ё қисми дахлдори стратегияи тиҷоратии он пешбинӣ менамояд. Дар чунин ҳолатҳо литсензияи истисноӣ ва ё вогузории ҳамаи ҳуқуқҳои шумо дар иваз ба пардохтҳои яквақта мумкин аст гуфтушуниди беҳтарин бошад. Аммо чунин гуфтушунидҳо бояд танҳо баъд аз он ки ҳамаи дигар имкониятҳои алтернативӣ аз байн рафтаанд ва шумо боварӣ ҳосил намудед, ки шумо мукофотӣ мувофиқ мегиред, баррасӣ карда мешавад. Ҳамин ки шумо ҳуқуқи истисноиро ба асар во гузоштед, шумо тамоми неруи ояндаи ба даст овардани даромадро аз даст медиҳед.

www.wipo.int/sme/

Мэрчандайзинг чист?

Мэрчандайзинг шакли маркетинг ба ҳисоб меравад, ки тариқи он ҳуқуқ ба объекти моликияти зеҳнӣ (одатан ба там ғаи молӣ, патент ба намунаи саноатӣ ва ё асар) барои баландбардории диққатҷалбкунии мол дар назари мизоҷон истифода бурда мешавад. Комиксҳо, актерҳо, поп-ситораҳо, шӯҳратҳои варзишӣ, суратҳои машҳур, нимпайкараҳо ва дигар тасвирҳои зиёд дар қатори зиёди молҳо, ба мисли футболкаҳо, бозичаҳо, молҳои дафтардорӣ, кружкаҳои қаҳванӯшӣ ва ё лавҳаҳои рекламавӣ пайдо мешаванд. Мерчандайзинги молҳо, ки дар заминаи ҳуқуқи муаллифӣ асос ёфтаанд, мумкин аст сарчашмаи даромади иловагӣ бошад.

- Ба корчалонҳое, ки соҳиби асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшаванда ҳастанд (ба мисли комиксҳо ва ё суратҳо) додани литсензия ба мерчандзерҳои неруманд барои истифодабарии асар мумкин аст мабла ғҳои манфиатноки литсензионӣ ва ҳаққи муаллифӣ биёрад. Мерчанданзинг инчунин ба муассиса гирифтани даромадро аз бозорҳои молҳои нав бо роҳи самарабахши иқтисодӣ бо сарфи кам имкон медиҳад.
- Ширкатҳое, ки молҳои арзони зиёд истеҳсол менамоянд, ба мисли кружкаҳои қаҳванӯшӣ, кофетҳо ва ё футболкаҳо, метавонанд моли худро бо роҳи ҷойгир намудани тасвири шахси машҳур, асари бадеӣ ва ё дигар унсур диққатҷалбкунанда намоянд. attractive by using a famous.

Мерчанддайзинг ба даст овардани иҷозати пешакиро барои истифодабарии ҳуқуқҳои гуногун ба мол (ба мисли асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшаванда, патент ба намунаи саноатӣ ва ё там ғаи молӣ) талаб менамояд. Ҳангоми истифодабрии тасвири машҳур барои мерчандайзинг эҳтиёти фавқулодда зарур аст, чунки онҳо метавонад бо ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва ҳуқуқҳои рекламавӣ ҳифз карда шаванд.

Мэри Энгельбрейт: Рассомзан ва соҳибкор

Мэри Энгелбрейт дар ҷаҳон бо шарофати расмҳои рангоранг ва пурмаъной худ машҳур гашта дар соҳаи литсензиякунонии бадеӣ пешоҳанг гаштааст. Якчанд ширкати машҳур – истеҳсолкунандагони табрикномаҳо расмҳои ӯро харидаанд ва аксарияти дигар ширкатҳо хоҳиши ба даст овардани литсензияро барои асари фарққунандаи бадеии Мэри барои номг\и васеи молҳо, аз ҷумла таквимҳо, футболкаҳо, кружкаҳо, китобҳои тақдимӣ, мӯҳрҳо, нимпайкараҳои керамикӣ ва ғайра, доранд. Маводҳои доир ба омӯзиши корчалонии ӯро дар суро ғаи www.wipo.int/sme/en/case_studies/engelbreit_licensing.htm. хондан мумкин аст.

Шумо литсензияро барои асари худ чӣ гуна тасаввур менамоед?

Ҳамчун дорандаи ҳуқуқ ба асар ва ё объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он, шумо метавонед дар бораи он қарор қабул намоед, ки оё шумо литсензияро барои истифодабарии асари худ ба кӣ ва чи гуна пешниҳод менамоед. Роҳҳои гуногун вуҷуд доранд, ки бо ёрии онҳо дорандагони ҳуқуқ литсензикунониро идора мекунанд.

Як вариант – **идоракунии мустақили ҳамаи ҷанбаҳои раванди литсензикунонӣ.** Шумо метавонед шартҳои созишномаи литсензиониро фардӣ бо ҳар як литсензиати алоҳида муҳокима намоед ва ё литсензияро дар асоси шартҳои стандартӣ, ки аз ҷониби дигар тараф ҳамон гуна қабул менамояд, пешниҳод намоед, агар ин тараф дар истифодабарии асари шумо, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳифз карда мешавад, рағбат пайдо намоянд.

Идоракунии мустақил бо ҳамаи ҳуқуқҳо аксар вақт ҳаҷми зиёди корҳо ва сарфҳои маъмуриро, ки бо ҷамъоварии иттилоот, ҷустуҷӯи литсензиатҳои неруманд ва муҳокимаи созишномаҳо вобастаанд, дар бар мегиранд. Бинобар ин шумо метавонед варианти додани идоракуниро ба якчанд ва ё ҳамаи ҳуқуқҳоятон ба агенти касбӣ ва ё агентӣ доир ба литсензиякунонӣ, масалан, ноширии китоб ва истеҳсолкунандаи сабт, ки созишномаҳои литсензионӣ аз номи шумо мебандад, Аксар вақт агентиҳо доир ба литсензиякунонӣ метавонанд литсензиатҳои нерумандро пайдо намоянд ва дар бораи нархҳои судманд ва шартҳои литсензионӣ гуфтушунид намоянд, назар ба ҳолатҳои иҷрои ин вазифаҳо, ки шумо мустақилона ба ҷо меоред.

Дар таҷриба дорандаи ҳуқуқ ба асар ва ё объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он ва ҳатто агентиҳо доир ба литсензиякунонӣ аксар вақт барои назорабарӣ аз болои ҳаргуна истифодабарии асари худ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ба чунин истифодабарандагон, ба монанди стансияҳои радио ва ё телевизион низ муносибат намудан бо ҳар як муаллиф ва ё дорандаи ҳуқуқ бо мақсади гирифтани иҷозати зарурӣ бениҳоят мушкил аст. Дар вазъияте, ки литсензиякунонии фардӣ номумкин ва ё нобоб аст, варианти беҳтарин мумкин аст воридшавӣ ба ташкилоти идоракунии коллективӣ бошад, агар ин барои дараҷаҳои мушаххаси асар вуҷуд дошта бошад. Ташкилоти идоракунии коллективӣ барои истифодабарии асар аз номи муаллифони дараҷаҳои муайяни асар мониторингро иҷро менамоянд ва барои бурдани гуфтушунид доир ба додани литсензия ва ҷамъоварии маблағҳо масъул ҳастанд. Шумо метавонед ба ташкилоти идоракунии коллективии дахлдор (дар ҳолати вуҷуд доштанаш) дар кишвари худ ва дигар кишварҳо дохил шавед.

Ташкилоти идоракунии коллективӣ бо ҳуқуқҳо чи гуна фаъолият менамояд?

Ташкилоти идоракунии коллективӣ ҳамчун миёнарав дар байни истифодабарандагон ва дорандагони ҳуқуқҳои зиёд, ки аъзоёни ин ташкилот ба ҳисоб мераванд, амал мекунад. Одатан дар кишвар як ташкилоти идоракунии коллективӣ барои як намудаи асар арзи вуҷуд дорад. Аммо ташкилоти идоракунии коллективӣ танҳо барои баъзе аз намудҳои асарҳо, ба монанди филмҳо, мусиқӣ, муратҳо, репрографияҳо (ҳамаи намудҳои маводҳои чопӣ), телевизион ва видеофилмҳо ва санъати тасвирӣ вуҷуд дорад.

Ба ташкилоти идоракунии коллективӣ (ТИК) дохил шуда, аъзоён ин ташкилотро дар бораи асарҳое, ки онҳо офаридаанд ва ё ҳуқуқҳое, ки онҳо доранд, хабардор менамоянд. Самтҳои муҳими фаъолияти ТИК ба ҳисоб мераванд: 1) ҳуҷҷатгузории асарҳои аъзоёни ташкилот, 2) пешниҳоди литсензия ва ҷамъоварии ҳаққи муаллифӣ аз номи аъзоёни ташкилот, 3) ҷамъоварӣ ва омо-дасозии ҳисобот доир ба итти-лоот дар бораи истифодабарии асар, 4) назорат ва аудит, ва 5) тақсимоти ҳаққи муаллифӣ дар байни аъзоёни ташкилот Барои асарҳое, ки дар репертуари ТИК дохил карда мешаванд, шахсон ва ё ширкатҳои манфиатдор барои гирифтани литсензия ва истифодабарии онҳо муроҷиат менамоянд. Барои таъмини намояндагии байналмилалии дорандагони ҳуқуқ ба асарҳо ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он, ТИК бо дигар ТИК дар тамоми ҷаҳон созишномаҳои дуҷониба мебанданд. Баъд ТИК аз номи аъзоёни худ литсензия медиҳанд, мабла ғҳоро ҷамъоварӣ менамояд ва маблағҳои ҷамъшударо дар асоси шартнома дар байни дорандагони ҳуқуқ тақсим менамояд.

Бартариятҳои ҳақиқии идоракунии коллективӣ::

- Литсензиякунонии коллективӣ барои истифодабарандагон ва дорандагони ҳуқуқ манфиатҳои зиёд дорад. Ба даст овардани ҳамаи иҷозатҳои зарурӣ дар як ташкилот вазнинии маъмурии истифодабарандагон ва дорандагони ҳуқуқро хеле кам менамояд. Идоракунии коллективӣ нисбати маблағҳои маъмурӣ на танҳо сарфакориҳои имконпазир менамояд, балки сармояҳоро низ дар коркардҳои илмӣ барои офаридани системаҳои рақамӣ, ки барои муборизаи самаранок зидди ғоратгарӣ имкон медиҳад, ҷалб менамояд. Баъд, литсензиякунонии коллективӣ ҳуқуқҳоро моҳиятан баробар менамояд. Бидуни системаи коллективии литсензиякунонӣ, ки дар он ҳамаи иштирокчиёни бозор ширкат меварзанд, дорандагони ҳуқуқ ва истифодабарандагони хурду миёна ба осонӣ аз бозор бароварда мешаванд.
- Литсензиякунонии коллективӣ инчунин ба дорандагони ҳуқуқҳо ба асарҳои ҳифзшаванда имконияти истифодабарии мавқеи пурқуввати гуфтушунидҳои коллективиро барои ба даст овардани шартҳои беҳтарини истифодабарии асарҳои онҳо медиҳад, зеро ТИК имконият дорад гуфтушунидҳоро дар заминаи бештар баробар бо гурӯҳҳои зиёдтарин, бонуфузтарин ва аксар вақт пароканда ва дури истифодабаранда ба роҳ монад.
- Корхонаҳое, ки хоҳиши истифодабарии ҳуқуқҳои истисноии дигар шахсонро ба асар ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он доҳта бошанд, метавонанд танҳо бо як ташкилот гуфтушунид намоянд ва литсезияи т.н. бланкетиро ба даст оранд. Литсензияи бланкетӣ ба литсензиат имконияти истифодабарии асарро дар феҳрист ва ё репертуари ТИК дар муддати давраи додашуда, бе зарурияти гузаронидани гуфтушунид доир ба шартҳои истифодабарии ҳуқуқ барои ҳар як асари фардӣ медиҳад..
- Ин литсензия олоти муфидро барои корхонаҳое, ки хоҳиши пешниҳоди литсензияро ба истифодабарии мавод дар шакли рақамӣ доранд, дар бар гирифта, дар як вақт ба даст овардани чунин ҳуқуқҳоро содда мегардонад.

Идоракунии ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он

Идоракунии ҳуқуқҳои истисноӣ ба асар ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он, метавонад амалӣ гардад::

- Дорандаи ҳуқуқ;
- Миёнарав, масалан, ношир, истеҳсолкунанда ва ё дистрибютер; ва ё
- Ташкилоти идоракунии коллективӣ (ТИК). Дар баъзе ҳолатҳо идоракунии ҳуқуқҳои истисноӣ тариқи ТИК мумкин аст ҳатто бо қонун амр дода шавад..
- Ин литсензия олоти муфидро барои корхонаҳое, ки хоҳиши пешниҳоди литсензияро ба истифодабарии мавод дар шакли рақамӣ доранд, дар бар гирифта, дар як вақт ба даст овардани чунин ҳуқуқҳоро содда мегардонад. Аксарияти ТИК инчунин берун аз корчалонии бевосита ҳангоми пешниҳоди литсензия мақоми муҳимро мебозад. Масалан, онҳо ҳангоми ҳифзи ҳуқуқҳо (муборизa зидди ғоратгарӣ) ҷалб карда мешаванд, хизматрасониҳоро дар соҳаи маориф ва паҳнкунии иттилоот пешниҳод менамоянд, бо қонунгузорӣ ҳамкорӣ менамоянд, офаридани асарҳои навро дар фарҳангҳои гуногун тариқи ташаббусҳои фарҳангӣ ҳавасманд мегардонанд ва дар беҳбудии иҷтимоию ҳуқуқии аъзоёни худ мусоидат менамоянд. Дар солҳои охир аксарияти ТИК унсурҳои УЦП –ро барои идоракунии ҳуқуқҳо фаъолона омода месозанд (ниг. сах 26). Аксарияти ТИК инчунин дар форумҳои байналмилалӣ барои ёрӣ расонидан ба рушди стандартҳои умумӣ, байнисоҳавӣ ва бехатарӣ, ки ба талаботи онҳо дар идоракунӣ, роҳбарӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳое, ки онҳо пешниҳод менамоянд, мувофиқат менамояд, фаъолона ширкат меварзанд.
- Иттилоо3ти муфассал доир ба ТИК –и дахлдор дар кишвари муайян мумкин аст дар федератсияи байналмилалии ТИК (ниг. Замимаи I), дар идораи давлатии /дафтардорӣ доир ба ҳуқуқи муаллифӣ (ниг. Замимаи II), дар ассосиатсияи дахлдори саноатӣ ва ё дар яке аз ташкилоти байналмилалии ғайриҳукуматӣ, ки дар Замимаи I номбар шудааст, ба даст оварда шавад.

Идоракунии коллективии ҳуқуқҳо дар индустрияи мусиқӣу

Идоракунии коллективии ҳуқуқҳо дар тиҷорати мусиқӣ дар натиҷаи намудҳои гуногуни ҳуқуқҳо дар силсилаи мусиқии тиҷоратӣ мақоми марказиро мебозад.
Ҳуқуқҳои механикӣ аз номи муаллифон, бастакорон ва ноширон ҷамъ карда мешавад; ҳуқуқ ба иҷро аз номи муаллифон, бастакорон ва ноширон ҷамъоварӣ карда мешавад; ва **ҳуқуқ барои иҷро** аз номи иҷрокунандагон ва истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ҷамъоварӣ карда мешавад (ниг. саҳ.20).
.Табиист, ки ҳазорҳо ширкатҳои хурд ва миёнаи сабткунанда, ноширони мусиқӣ ва артистҳо дар кишварҳои дахлдор ба ташкилотҳои маҳаллӣ ва ё канории литсензиякунонии коллективӣ барои пешниҳоди манфиатҳои худ ва гузаронидани гуфтушунид бо истифодабарандагони асарҳои мусиқӣ (консернҳо бузурги коммуникатсионӣ, корпоратсиони радио-телевизион ва ё операторҳои кабелӣ) барои таъмини мукофоти ҷавобӣ барои фаъолияти эҷодӣ такя мекунанд.
Ҳамзамон ҳамаи литсензиатҳо, новобаста аз андоза, ба ҳамаи репертуарҳо бидуни зарурияти гузаронидани гуфтушунидҳо бо

миқдори зиёди дорандагони ҳуқуқи фардӣ дастрасӣ доранд.

ТИК, ки муаррификунандаи ҳуқуқи иҷрокунанда (мусиқӣ ва аудиовизуолӣ) аст дар аввал ҳуқуқҳоро дар Интернет бештар дар соҳаи пахши синхронӣ ва тақсимотӣ тариқи Интернет идора менамуданд, дар айни замон инчунин «ҳуқуқи расонидани асарро то маълумоти умум ба чунин тарзе, ки ҳар як шахс метавонад ба асар аз ҳар ҷо ва дар ҳар вақт аз рӯи интихоби худ» дастрас намояд, пешниҳод менамояд (см. стр. 16).

Дар аксарияти кишварҳо корпорасиони пахш ӯҳдадор аст барои ҳуқуқи пахши мусиқӣ дар эфир пардохт намояд. Мукофот ба бастакор дода мешавад, вале одатан тариқи ғайримустақим. Дар таҷриба бастакор ҳуқуқҳои худро ба ташкилоте (ТИК) медиҳад, ки он бо ҳамаи шахсони манфиатдор дар иҷрои расмии мусиқӣ гуфтушунид мегузаронад. ТИК, ки ҷамъияти бастакорони зиёдро муаррифӣ мекунад, ба аъзоёни худ мувофиқи миқдори иҷрои расмии асари алоҳида ҳаққи муаллифӣ пардохт менамояд. Ташкилоти пахши эфирӣ доир ба мабла ғи умумии пардохти ҳарсола дар ТИК гуфтушунид мегузаронад ва ба ТИК ҳисоботи интихобиро аз стансияҳои алоҳида пешниҳод менамояд, ки ин ҳисобот баҳисобгирии миқдори иҷрои сабтҳои овозро бо мақсади пардохти мукофотпулиҳо ба бастакорон имкон медиҳад. Чунин ТИК метавонад ҳар як ҷамъият доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои иҷрокунандагон бошад. Масалан, барои ташкили пахши эфирии Иттиҳоди британиёӣ ассосиатсияи ҳуқуқи иҷрокунандагон ва ё Ҷамъияти ҳуқуқи иҷрокунандагон, ки дар Шоҳигарии Муттаҳида ҷойгир аст, бештар рост меояд. Ҳар ду ҷамъият ваколатдор аст ба ташкилотҳои пахши эфирӣ ба асарҳои мусиқӣ, ки ҷариб дар ҳар як нуқтаи ҷаҳон офарида шудаанд, иҷозатнома диҳад. Масалан, ассосиатсияи Австралия-осиёии ҳуқуқи иҷрокунандагон (APRA) на танҳо асарҳои мусиқӣ, ки ҳуқуқи онҳоро худи аъзоён дар ҳудуди Австралия, Зеландияи нав ва минтақаҳои Ҷануби уқёнуси ором ба он дода буд, балки инчунин мусиқиеро, бастакорон ва ноширони Шоҳигарии Муттаҳида, ки аъзоёни Ҷамъияти ҳуқуқи иҷрокунандагон ба ҳисоб мераванд, назорат менамояд. Чунин созишномаҳоро APRA дар Австралия ва Зеландияи нав аз болои асарҳои мусиқе, ки бастакорон-аъзоёни гуногуни ҷамъияти Штатҳои Муттаҳида, инчунин ҷамъияти чунин кишварҳо, ба монанди Франсия, Олмон, Италия, Испания, Голландия, Юнон ва ғайра офаридаанд, назорат мебарад.

Иҷозатнома барои иҷрои расмӣ барои ҳар як пахши барномаҳои телевизионӣ дар эфир, ки мусиқӣ дорад, зарур аст. Иҷозатномае, ки ҳуқуқро ба иҷро нишон медиҳад, бояд аз дорандаи ҳуқуқ ва ё ноширі композитсия ва сабти овози истифодабаранда ба даст оварда шавад. Иҷозатномаи бланкетӣ одатан аз тарафи ҷамъияти ҳуқуқи иҷрокунандагон бо тантана дода мешавад.

Идоракунии коллективии ҳуқуқҳо дар соҳаи репрография

Соҳибкорон ҳамаи намудҳои маводҳои чопиро, ки бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, пуршиддат истифода мебаранд. Масалан, ба онҳо мумкин аст нусхабардории мақолаҳо аз рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои даврӣ ва паҳнкунии онҳо ба кормандони худ бо мақсадҳои иттилоотӣ ва тадқиқотӣ даркор мешавад. Барои ширкат бетаҷрибагӣ ва ё ҳатто гирифтани иҷозатнома барои чунин истифодабарӣ бевосита аз муаллифон ва ноширони тамоми дунё номумкин мебуд.

Ба талаботи литсензиякунонии нусхабардории калонҳаҷм ҷавобгӯ буда, муаллифон ва ноширон дар аксарияти кишварҳо Ташкилот доир ба ҳуқуқ ба репродуксия, ТИК ҳархела, барои фаъолияти миёнарвӣ ва осон ба даст овардани иҷозатномаи зарурӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар ҳамаи ҳолатҳо, вақте ки ба дорандагони ҳуқуқ фардӣ кор кардан бетаҷрибагӣ аст,

Аз номи аъзоёни Ташкилот доир ба ҳуқуқ ба репродуксия (ТҲР), ки тариқи онҳо иҷозат барои иҷрои нусхаҳои репрографӣ ва ё бардошташудаи қисмҳои асарҳои нашршуда (аз ҷумла китобҳо, маҷаллаҳо, нашрияҳои даврӣ ва ғайра) дар миқдори маҳдуди нусхаҳо барои истифодаи кормандони муассисаҳо ва ташкилотҳо (аз ҷумла китобхонаҳо, маъмурияти давлатӣ, устохонаҳои нусхабардорӣ, муассисаҳои таълимӣ ва як қатор муассисаҳои гуногуни тиҷоратӣ ва саноатӣ, пешниҳод карда мешавад. Ба баъзе (ТҲР) инчунин додани литсензия барои истифодабарии дигар ҳуқуқҳои истисноӣ, масалан, вобаста ба паҳнкунии электронӣ дар шабакаҳо иҷозат дода шудааст.

6. ИСТИФОДАБАРИИ АСАРҲОЕ, КИ ҲУҚУҚИ ОНҲО БА ДИГАР ШАХСОН ДАХЛ ДОРАНД

Вақте ки ба Шумо зарурати гирифтани иҷозатнома барои истифодабарии асари дигар шахсон пеш меояд?

Соҳибкорон аксар вақт ба истифодабарии асарҳои бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳифзшаванда барои нигоҳдории фаъолияти тиҷоратии худ эҳтиёҷ доранд. Ҳангоми истифодабарии асари дигар шахсон шумо бояд аввал муайян намоед, оё иҷозати дорандаи ҳуқуқ талаб карда мешавад. Аслан, иҷозати дорандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ба Шумо дар ҳолатҳои зерин заруранд:

- Агар асар дараҷаи ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ ва ё ҳифзро дар доираи ҳуқуқҳои вобаста ба он қаноатманд намояд(см. стр. 2);
- асар асар дастоварди ҷамъиятӣ ба ҳисоб наравад(см. стр. 46);
- агар истифодабарии ба нақшагирифтаи Шумо истифодабарии ҳамаи ҳуқуқҳо ва ё қисми ҳуқуқҳои истисноии дорандагони ҳуқуқро ба асар ва ё объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он дар назар дошта бошад.
- агар мақсади истифодабарӣ «истифодабарии бовиҷдонона», рафтори бовиҷдонона», бо маҳдудият ва ё истиснои махсусан ба қонунгузории миллӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дохилкардашударо фаро нагирад(ниг. саҳ. 47).

Бояд дар назар дошт, ки ба шумо мумкин аст махсусан барои истифодабарии контенти дигар шахсон берун аз ҷойҳои кориатон («бизне-тур» барои сармоягузорон, веб-сайтҳои ширкат, ҳисоботи ҳарсола, хабарномаи расмии ширкат ва ғайра) ва дар дохили ҷойҳои кориатон (паҳнкунии тадқиқоти маркетингӣ ва тренинг ва ғайра дар байни кормандон) иҷозатнома талаб карда шавад. Ҳатто агар шумо танҳо як қисми асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшавандаро истифода баред, ба шумо, чун коида, иҷозатномаи пешакӣ зарур аст (ниг. саҳ.52).

Оё ба шумо инчунин барои истифодабарии асари электронӣ ва е рақами, ки ҳуқуқҳои онҳо ба дигарон дахл доранд, зарур аст?

Ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ ба истифодабарӣ ва нигоҳдорӣ бо чунин тарз, ба мисли дигар намудҳои истифодабарии асар истифода бурда мешавад. Пас, ба шумо мумкин аст иҷозати пешакӣ аз дорандаи ҳуқуқ барои сканер кардани асари онҳо, рекламакунии асари онҳо дар лавҳаи электронии эълонҳо ва ё веб-сайтҳо, нигоҳдории контенти рақамии онҳо дар базаи маълумотии муассисаи шумо ва ё нашри асари онҳо дар веб-сайти шумо даркор мешавад. Аксарияти веб-сайтҳо суро ғаи почтаи электронии шахсони алоқамандро нишон дода, дархости муқоисавии осони иҷозатро ба таҷдиди тасвир ва ё матн таъмин менамоянд.

Технологияи муосир истифодабариро дар маводҳои веб-сайтҳои шумо, ки дигар шахсон офаридааанд (филмҳо ва клипҳои телевизионӣ, мусиқӣ, графика, суратгирӣ, таъминоти барномавӣ, матн ва ғайра) осон мегардонад. Соддагии техникии истифодабарӣ ва нусхабардории асар ба шумо ҳуқуқи юридикиро барои иҷрои чунин амал медиҳад.

Агар шумо асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшавандаро ба даст овардед, метавонед онро бо хоҳиши худ истифода баред?

Чи тавре ки дар боло шарҳ дода шуд, ҳуқуқи истисноии ба асар аз ҳуқуқи дорандагии асари аслӣ ва ё нусхат он алоҳида аст (ниг. ба саҳ 35). Худи хариди нусхаи китоб, ихчам гирдаҳо, видеофилмҳо ва ё барномаҳои компютерӣ ба харидор ҳуқуқи сохтани нусхаҳои оянда, иҷро ва ё намоиши онҳоро расман ҳатман намедиҳад.

Ҳуқуқ ба иҷрои чунин амал одатан дар дорандаи ҳуқуқ нигоҳ дошта мешавад, ки иҷозати онро барои иҷрои ин амалҳо барои шумо зарур аст. Бояд ба он дидҳқат дода шавад, ки инчунин ба мисли ҳолати нусхабардории асар, санеркунӣ барои сохтани нусхаи электронӣ ва навиштани нусхаи асар, ки дар шакли электронӣ қарор дорад, инчунин нусхабардории асар ба ҳисоб меравад. Пеш аз иҷрои ҳар як амал одатан ба даст овардани иҷозати пешакӣ талаб карда мешавад.

Пешниҳоди иҷозатнома барои таъминоти барномавӣ

Литсензия барои таъминоти стандартии барномавӣ дар шакли нусхаҳои алоҳидаи баснду бастшуда аксар вақт ҳангоми фурӯши он пешниҳод карда мешавад. Шумо объекти физикии банду бастшударо ба даст меоред, аммо танҳо литсензия барои намуди муайяни истифодабарии таъминоти барномавӣ барои он пешниҳод-шударо мегиред. Шартҳои литсензия (бо номи **литсензияи басташуда**» (shrink-wrap license)) аксар вақт дар борҷома, ки онро баргардонидан мумкин аст нишон дода шудааст, агар шум обо шартҳои додашуда розӣ набошед. Кушодани борҷома пешбинӣ менамояд, ки шумо шартҳои созишномаро қабул намудед. Ҳамчунин **созишномаи литсензионӣ** метавонад дар дохили борҷома бо таъминоти барномавӣ.

Аксар вақт пешниҳоди таъминоти барномавӣ дар низоми онлайн бо ёрии т.н. иҷозатнома «**б озер кардани мушак**» (click-wrap licenses) ба амал меояд. Дар чунин литсензияҳо шумо шартҳои созишномаро бо зер кардан ба иконкаи дахлдор ба веб-саҳифа қабул менамоед. Агар ба шумо таъминоти барномавии махсус барои як қатор компютерҳои ширкататон зарур бошад, имконияти ба даст **овардани литсензияҳои** корпоративӣ, ки ҳангоми ба даст овардани литсензия барои миқдори зиёди таъминоти барномавӣ нархро арзонтар мекунанд, вуҷуд дорад.

Дар солҳои охир нисбати эътибори юридикии литсензияҳо барои таъминоти барномавӣ баҳсҳо ба вуҷуд омаданд, чунки аксарияти истеҳсолкунандагон кӯшиш менамоянд сарҳади ҳуқуқҳои худро бо ёрии муқаррароти иловагии шартномаҳо, ки қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он имкон медиҳад, васеъ намоянд.

Дар ҳамаи чунин ҳолатҳо шумо бояд созишномаҳои литсензионириро барои муайян намудани он, ки дар баробари харидани таъминоти барномавӣ шумо бояд чи корро анҷом диҳед ва чи корро анҷом надиҳед, бодиққат омӯзед. Ғайр аз ин, дар қонунгузории миллӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ мумкин аст истисно бошад, ки онҳо ба шумо намудҳои муайяни истифодабарии барномаҳои компютериро бе зарурияти гирифтани иҷозатнома, ба мисли сохтани маҳсулоти аз ҷиҳати техникӣ мувофиқ, ислоҳоти хатоҳо, санҷиши бехатарӣ ва сохтани нусхаҳои эҳтиётӣ, иҷозат медиҳад.

Кадом контент ва ё маводҳоро шумо бидуни иҷозат ҳуқуқ доред истифода баред?

Иҷозати дорандаи ҳуқуқҳо талаб карда намешавад:

- Агар шумо ҷанбаи асареро, ки ба он ҳуқуқи муаллифӣ дода намешавад, истифода баред. Ма=салан, агар шумо омилҳо ва ё андешаҳоро аз асарҳои ба усулҳои худатон ҳифзшавандаро, бидуни нусхабардории ифодаҳои муаллифӣ, баён намоед (см стр.13);
- Агар асар дастрасии умум ба ҳисоб равад; ва
- Агар истифодабарии шумо бо консепсияи «истифодабарии бовиҷдонона», рафтори бовиҷдонона, маҳдудият ва ё истиснои махсусан дар қонунгузории миллӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он дохилкардашуда, фаро гирифта шавад.

Кадом вақт асар дастрасии умум ба ҳисоб меравад?

Агар ягон кас ҳуқуқи истисноӣ ба асар надошта бошад, чунин асар дастрасии умум ба ҳисоб меравад ва ҳама метавонанд онро бо ҳар мақсад истифода баранд. Дастрасии умум намудҳои зерини асар ба ҳисоб мераванд:

Масалан: Фредерик Шопен соли 1849 вафот кардааст. Мусиқӣ ва сатрҳое, ки ӯ навиштааст, дастрасии умум ба ҳисоб меравад. Пас, мусиқии Шопенро ҳама метавонанд иҷро кунанд. Ба ҳар ҳол, азбаски сабти овоз алоҳида аз асари мусиқӣ ҳифз карда мешавад, сабтҳои мусиқии Шопен метавонанд таҳти ҳифзи муаллифию ҳуқуқӣ бошад.

- Асаре, ки мӯҳлати ҳифзи муаллифию ҳуқуқии он ба охир расидааст (ниг. саҳ. 23);
- асаре, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда намешаванд (масалан, номи китобҳо) (ниг. саҳ. 13); ва
- асаре, ки дорандаи ҳуқуқ аз ҳуқуқҳои худ даст кашидааст, масалан, ишора ба дахлдории асар ба дараҷаи дастрасии умумии он.

Вуҷуд надоштани там ғаи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ дар назар надорад, ки асар дастрасии умум ба ҳисоб меравад, ҳатто агар чунин асар дар Интернет ҷой дода шуда бошад.

Шумо чи гуна метавонед фаҳмед, ки ҳифзи асар бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он давом дорад?

Бо назардошти ҳуқуқҳои ғайримулкӣ ба асар одатан номи муаллиф нишон дода мешавад, соли вафоти муаллифро бошад аз корҳои библиографӣ ва ё феҳристҳои давлатӣ фаҳмидан мумкин аст. Агар чунин ҷустуҷӯ натиҷаҳои равшан надиҳад, шумо метавонед дар феҳристи ҳуқуқҳои муаллифии идораи муаллифию ҳуқуқии кишвари худ (ҳангоми мавҷудияти он) барои тафтиши ҳар як иттилооти дахлдор маслиҳат ба даст оред ва ё бо ташкилоти дахлдори идоракунии коллективӣ ва ё ношири асар дар алоқа бошед. Бояд қайд намуд, ки барои ҳар як маҳсул мумкин аст якчанд ҳуқуқи муаллифӣ бо мӯҳлатҳои гуногун вуҷуд дошта бошад ва ин ҳуқуқҳо метавонанд ба дорандагони ҳуқуқҳои гуногун дахл дошта бошанд. Масалан, китоб мумкин аст матн ва тасвир дошта бошад, ки бо якчанд ва ҳуқуқҳои алоҳидаи муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, ки ҳар яки онҳо бо ба охир расидани мӯҳлатҳои гуногун қатъ мешаванд.

Кай шумо метавонед асарро мувофиқи маҳдудият ва ё истисно аз ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё тибқи консепсияи «истифодабарии бовиҷдонона» ва ё «рафтори бовиҷдонона» истифода баред?

Ҳамаи қонунҳои миллӣ дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ маҳдудиятҳо ва истисноҳои зиёдро дар бар мегиранд, ки онҳо ҳаҷми ҳифзи муаллифию ҳуқуқиро танг менамоянд ва озодона истифодабарии асарро ҳангоми шароитҳои муайян ва ё истифодабрии онҳоро бидуни иҷозат, вале бо пардохти мукофот, имконият медиҳанд. Муқаррароти дақиқ дар қонунгузории миллӣ фарқ мекунанд, аммо одатан истисно ва маҳдудият истифодабарии **иқтибосро** аз асари нашршуда (яъне истифодабарии иқтибосҳои кӯтоҳ новобаста аз кори эҷодшуда), нусхабардорӣ барои **истифодабарии хусусӣ ва шахсӣ** (масалан, бо мақсадҳои тадқиқотӣ ва таълимӣ), таҷдид дар **китобхонаҳо ва бойгониҳо** (масалан, асарҳои фурӯхташуда, вақте ки нусхаҳо аз ҳад нозук бошанд ва онҳоро ба дасти омма додан имкон надошта бошад), таҷдиди порчаҳо аз асарҳо ба **муаллимон** барои истифодабарии донишҷӯён дар маш ғулиятҳо ва ё сохтани нусхаҳои махсус барои истифодабарони шахсоне, **ки ноқисии биноӣ доранд**, дар бар мегирад.

Дар кишварҳои гуногун дигар маҳдудиятҳои зиёде ва ё истисноҳо ба фоидаи гурӯҳҳои гуногун вуҷуд доранд. Дар бисёр ҳолатҳо бояд маҳдудиятҳо ва истисноҳои дар қонунгузории миллӣ пурра навишташуда омӯхта шавад. Дар дигар ҳолатҳо бояд ба маслиҳати коршинос муроҷиат карда шавад.

Дар «ҳуқуқи умумӣ» чунин кишварҳо, ба мисли Австралия, Канада, Ҳиндустон, Британиёи Кабир ва Штатҳои муттаҳидаи Америка, асарҳо бо косепсияи «**истифодабарии бовиҷдонона**» ва ё «**рафтори бовиҷдонона**» танзим карда мешавад. Тавсифи он дар қонунгузорӣ аз рӯи ҳуқуқи муаллифӣ мушаххастар аст. «Истифодабарии бовиҷдонона» эътироф менамояд, ки намудҳои муайяни истифодабарии асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшавандаи дигар одамон иҷозати дорандаи ҳуқуқро талаб намекунад. Тахмин меравад, ки чунин истифодабарӣ камтарин ба ҳисоб меравад ва ба ҳуқуқҳои истисноии дорандагони ҳуқуқ ба таҷдид ва дигар истифодабарии асар зарари беасос расонида наметавонад. Тавсифи кадом як қоидаҳои умумӣ доир ба «истифодабарии бовиҷдонона» мушкил аст, барои он ки он ҳамеша ба ҳолати конкретии ҳақиқӣ дахл дорад. Аммо шахсоне, ки асарро барои истифодаи шахсии худ нусхабардорӣ менамоянд, одатан ҳуқуқҳои бештари **«истифодабарии бовиҷдонона»** доранд, назар ба он касоне, ки барои истифодаи тиҷоратӣ нусхабаордорӣ менамоянд. Мисолҳои фаъолият, ки метавонанд ҳамчун «истифодабарии бовиҷдонона» ҳал карда шаванд, аз паҳнкунии нусхаҳои суратҳо аз рӯзномаҳо ба мақсадҳои таълимӣ, сохтакории асар бо мақсади тақлидкорӣ ва ё шарҳи ҷамъиятӣ, гирифтани иқтибос аз асари нашршуда ва ё барномаи компютерӣ, ки дар натиҷаи рӯбардоркунӣ барои дастовардҳои техникӣ офарида шудааст, иборат аст. Ҳаҷми «истифодабарии бовиҷдонона» дар кишварҳои гуногун фарқ мекунад.

Бояд ба он диққат дод, ки ҳатто агар шумо асарҳои дигар шахсонро мувофиқи ин муқаррарот истифода бурдед, тибқи қоидаҳои аксарияти кишварҳо шумо ҳатман бояд номи муаллифро нишон диҳед.

Низоми ситонидани андоз барои таҷдиди шахсӣ чӣ гуна аст?

Шахсони физикӣ ҳаҷми калони маводҳои бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифзшавандаро барои истифодабарии шахсии худ нусхабардорӣ менамоянд. Чунин нусхабардорӣ бозори даромадро барои истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони таҷҳизот ва воситаҳои сабт месозад. Аммо таҷдиди хусусӣ аз рӯи моҳияти худ наметавонад бо созишнома танзим шавад: нусхаҳои хусусӣ бе ояндабинӣ аз ҷониби одамон дар доираи самти хусусиашон дар хона иҷро карда мешаванд. Бинобар ин, дар баъзе аз кишварҳо таҷдид барои истифодабарии хусусӣ танҳо ҳамчун истисно ҳал карда мешавад, барои ин гирифтани ягон хел иҷозати пешакӣ талаб карда намешавад. Аммо дар ивази он дар аксарияти чунин кишварҳо системаи ҷамъоварӣ барои ҷуброни мукофотпулӣ ба рассомон, нависандагон ва мусиқичиён барои чунин нусхабардории асарашон муқаррар карда шудааст. Системаи ҷамъоварӣ мумкин аст аз ду унсур иборат бошад.

- **Ҷамъоварӣ аз таҷҳизот ва баррандаҳо:** мабла ғи начандон калони мукофотпулии муаллифию ҳуқуқӣ ба нархи ҳамаи намудҳои таҷҳизоти сабткунанда, аз дастгоҳҳои нусхабардорӣ ва факсималӣ сар то таҷҳизот барои сабти ихчам-гирдаҳо ва DVD, видеомагнитофонҳои кассетавӣ ва сканерҳо илова карда мешавад. Баъзе аз кишварҳо инчунин барои баррандаҳои тозаи сабт, ба мисли қ ғаз барои нусхабардорӣ, фиттаҳои тоза, ихчам-гирдаҳо ва ё флэш-кортҳо мабла ғ муайян намудаанд.
- **Ҷамъоварии мабла ғҳо аз операторҳо:** «ҷамъоварии мабла ғҳо аз истифодабарандагон» ба мактабҳо, коллеҷҳо, муассисаҳои ҳукуматӣ ва тадқиқотӣ, донишгоҳҳо, китобхонаҳо ва корхонаҳо, ки нусхабардориро дар ҳаҷмҳои калон ба анҷом мерасонанд.

Мабла ғ одатан аз ташкилоти идоракунии коллективӣ бо истеҳсолкунандагон, воридкунандагон, операторҳо ва ё истифодабарандагон ҷамъоварӣ карда мешавад баъд дар байни соҳибони ҳуқуқҳои дахлдор тақсим карда мешавад.



Мисол Белгия

Дар Белгия муассисаҳое, ки асарҳои ҳифзшавандаро дар таҷҳизоти ба онҳо дахлдор (аз рӯи ҳуқуқи моликият, иҷора ва ё лизинг) аз нав нусхабардорӣ менамоянд, бояд мукофотпулӣ пардохт намоянд. Чунин ҳавасмандкунӣ бояд ба миқдори нусхаҳои бардошташудаи асари ҳифзшаванда мувофиқат намояд. REPROBEL (Ташкилоти Белгия доир ба ҳуқуқҳо барои нусхабардорӣ) маблаҳоро ҷамъоварӣ намуда ба тарзи дахлдор мукофотпулиҳоро тақсим менамояд.

Оё шумо метавонед асари бо ёрии ҷорабҳои техникӣ ҳифзшавандаро (ЧТҲ) истифода баред?

Корхонаҳо бояд ҳангоми истифодабарии тиҷоратии асари бо ёрии ЧТҲ ҳифзшаванда боэҳтиёт бошанд, агар барои ин риоя накардани ЧТҲ амале, ки дар айни замон қонунгузории аксарияти кишварҳо манъ кардааст, талаб карда шавад. Дар аксарияти кишварҳо ҷавобгарӣ барои ин вайронкуниҳо аз ҷавобгарӣ барои вайронкунии ҳуқуқи муаллифии асари ҳифзшаванда фарқ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳатто агар риоя накардани ЧТҲ иҷозат бошад, ҳама қоидаҳои оддиро нисбати вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ истифода мебаранд. Пас, ҳар як истифодабарии асар метавонад гирифтани иҷозати дорандаи ҳуқуқро талаб намояд.

Риоя накардани ТЧҲ масалан, дар ҳолате ба амал меояд, ки агар шумо системаи идоракуниро бо ҳуқуқҳои рақамии дигар шахс бо мақсади истифодабарии контенти ҳифзшаванда бидуни иҷозат мешиканед ва ё асари бо ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифзшавандаро бидуни иҷозат мекушоед. Қонунгузории миллии баъзе аз кишварҳо на танҳо риоя накардани ТЧҲ-ро ҳамчун амали ғайриқонунӣ баррасӣ менамояд, балки ҳар як **амали омодасозӣ** ва ё **пешниҳоди таҷҳизотро барои рио накардани ЧТҲ** вайронкунӣ меҳисобад.

Чи тавр шумо метавонед барои истифодабарии асари ҳифзшаванда, ки ҳуқуқҳои онҳо ба дигар шахсон тааллуқ доранд, иҷозат гиред?

Ду усули асосии гирифтани иҷозат барои истифодабарии асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ва ё ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳифзшаванда вуҷуд доранд: истифодабарии хизматрасонии ТИК ва ё барқароркунии алоқаи мустақим бо дорандаи ҳуқуқ, агар иттиллоти алоқамандӣ вуҷуд дошта бошад.

Усули беҳтарини имконпазир тафтиши аввалия, оё асар дар рӯйхати асарҳои дахлдор ба ТЧҲ, ки раванди гирифтани литсензияро ихтисор менамояд, ба қайд гирифта шудааст, ба ҳисоб меравад. Одатан ТИК навъҳои гуногуни литсензияро барои намудҳои гуногун ва мақсадҳои истифодабарӣ пешниҳод менамоянд. Баъзе аз ТИК инчунин литсензияҳои рақамиро пешниҳод менамоянд (ниг. инчунин ба саҳ. 40-43).

Агар ҳуқуқҳои истисноӣ ба аса рва ё объекти ҳуқуҳои вобаста ба он таҳти идоракунии кадом як ТИК қарор надошта бошанд, аз шумо барқароркунии алоқаи бевосита бо дорандагони ҳуқуқ ва ё агенти он талаб карда мешавад. Шахсе, ки дар там ғаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ нишон дода шудааст, мумкин аст, шахсе бошад, ки аввал дорандаи ҳуқуқ буд, аммо бо гузашти айём ҳуқуқи истисноӣ мумкин аст ба дигар шахс дода шуда бошад. Ҷустуҷӯйро дар феҳристи миллии ҳуқуқи муаллифӣ гузаронида, шумо метавонед дорандаи ҳуқуқи ҳозираро дар чунин кишварҳо, ба монанди Ҳиндустон ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ки системаи ихтиёрии бақайдгирии ҳуқуқҳои муаллифиро таъмин менамоянд, муайян намоед.

Нисбати асарҳои хаттӣ ва ё мусиқӣ шумо метавонед алоқаро бо ноширі асар ва ё истеҳсолкунандаи сабти овоз, ки аксар вақт, ҳуқуқро ба нусхабардории чопии ин мавод дорад, барқарор намоед.

Азбаски мумкин аст якчанд «дараҷаҳо»-и ҳуқуқ вуҷуд дошта бошад, мумкин аст якчанд дорандаи гуногуни ҳуқуқ, аз ҳар яке, ки аз онҳо литсензия талаб карда мешавад, вуҷуд дошта бошад. Масалан, ноширі мусиқӣ - барои композитсия, ширкати сабткунанда – барои сабти мусиқӣ ва аксар вақт инчунин иҷрокунанда.

Барои литсензияҳои муҳим гирифтани маслиҳати коршинос пеш аз гузаронидани гуфтушунидҳо дар бораи шартҳои созишномаи литсензионии шумо тавсия дода мешавад, ҳатто агар литсензия дар аввал ба шартҳои бо ном стандартӣ пешниҳод карда шавад. Коршиноси салозиятдор доир ба литсензиякунонӣ метавонад бо мақсади қарори беҳтарини литсензионӣ барои қаноатманд намудани манфиатҳои тиҷоратии шумо дар гузаронидани гуфтушунид кӯмак расонад.

Шумо бояд аз дорандаи ҳуқуқ, ки асари онро шумо хоҳиши истифодабарї доред, иҷозат гиред. Муаллифон аксар вақт ҳуқуқҳои худро ба ноширі ва ё ТИК барои истифодабарии иктисодии асари худ вогузор менамоянд.

Корхонаи тиҷоратии шумо чи тавр метавонад хатари вайронкунии ҳуқуқро паст намояд?

Баҳси судӣ дар бораи вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ мумкин аст воқеаи гаронбаҳо бошад. Пас, чунин сиёсати боандешонаеро амалӣ намуд, ки дар пешгирии вайронкунӣ кӯмак расонад. Мумкин аст чорабиниҳои зерин тавсия дода шавад:

- Кормандони ширкататонро чунон таълим диҳед, то ки онҳо аз натиҷаҳои хатарноки имконпазири корҳояшон, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ вобаста аст, огоҳ бошанд;
- Дар ҳолатҳои зарурӣ, литсензия ва ҳуҷҷатҳои хаттӣ доир ба вогузории ҳуқуқҳои истисноӣ ба даст оред ва коллективро бо чунин литсензияҳо ва вогузориҳо шинос намоед;
- Дар ҳамаи дастгоҳҳое, ки метавонанд барои вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ истифода баранд (масалан, ксероксҳо, компютерҳо, дастгоҳҳо барои сабти ихчам-гирдаҳо ва DVD) равшан нависед, ки ин дастгоҳҳо на бояд барои вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ истифода бурда шаванд;
- Ба кормандони худ ворид намудани кадом як маводи бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшавандаро аз Интернет ба компютерҳои дафтардорӣ бидуни гирифтани иҷозат, қатъиян манъ намоед; ва
- Агар муассисаи шумо аксар вақт маҳсулоти бо ЧТҲ ҳифзшавандаро истифода мебарад, барои таъмини он сиёсате омода созед, ки кормандон ЧТҲ-ро бе иҷозати дорандаи ҳуқуқ вайрон накунанд ва ё аз ҳудуди он набароянд..

Ҳар як муассиса бояд барои риояи ҳуқуқҳои муаллифӣ сиёсати маҷмӯӣ дошта бошад, ки аз раванди ботартиби гирифтани иҷозатнома аз дорандаи ҳуқуқ, бо назардошти хусусияти талаботи тиҷоратӣ ва истифодабарандагии ин муассисаро дар бар мегирад. Тарбияи маданияти риоя намудани ҳуқуқҳои муаллифӣ дар муассисаи шумо хатари вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифиро ихтисор менамояд.

Номгӯи яқҷояи саволҳои назоратӣ

- Ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифиро қавитар намоед. Асари худро дар идораи миллии муаллифию ҳуқуқӣ ба қайд гиред, агар чунин бақайдгирии ихтиёрии ҳуқуқҳои муаллифӣ имкон дошта бошад. Там ғаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифиро дар асари худ гузоред. Унсурҳои идоракуниро бо ҳуқуқҳои рақамӣ барои ҳифзи асарҳои рақамӣ истифода баред.
- Дорандаи ҳуқуқро муқаррар намоед. Созишномаро бо ҳамаи кормандон, пудратчиён ва дигар шахсон барои ҳалли масъалаҳо доир ба дорандагии ҳуқуқҳои истисноӣ ба ҳар яе асар, ки барои ширкати шумо офарида шудааст, имзо гузоред.
- Аз вайронкорӣ даст кашед. Агар маҳсулот ва ё хизматрасонии шумо аз кадом як маводҳое иборатанд, ки на ба пуррагӣ барои ширкати шумо офарида шудаанд, зарурияти гирифтани иҷозатро барои истифодабарии чунин мавод муайян намоед ва агар зарур бошад, иҷозати пешакӣ ба даст оред..
- Қоидаҳои амалӣ: аз ҳуқуқи муаллифии худ фоидаи зиёдтарин ба даст оред.Ҳуқуқҳои худро беҳтар он аст ки литсензия кунонед, назар ба оне, ки мефурӯшед. Иҷозатномаи махсус ва маҳдудро барои тартиб додани ҳар як иҷозатнома бо дарназардошти талаботҳои хоси иҷозатномадеҳ пешниҳод намоед.

7. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

Дар кадом ҳолатҳо ҳуқуқи муаллифии шумо вайроншуда ҳисобида мешавад?

Ҳар як шахс, ки бе иҷозати пешакии дорандаи ҳуқуқ ба фаъолияте маш ғул мегардад, ки иҷозат ва ё манъ намудани онро танҳо дорандаи ҳуқуқ ваколатдор аст, вайронкунии ҳуқуқи муаллифии доранда ба ҳисоб рафта ба сифати «вайронкунанда» - ҳуқуқи муаллифӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҳуқуқи истисноӣ мумкин аст вайрошуда ҳисобида шавад, агар ҳар як шахч бе иҷозат:

- Амалеро иҷро менамоянд, ки ҳуқуқи истисноии онро танҳо шумо доред;
- Дар баъзе кишварҳо дар асоси тиҷорат, аз болои офаридани асари қалбакӣ кор мекунанд ва ё барои он воситаҳоро (масалан, фурӯши ихчам-гирдаи ғоратгарӣ) таъмин мекунад; ва ёr
- Дар баъзе кишварҳо асарҳои қалабакиро ворид мекунад ва ё дорад, агар он таҳти истисноии ҳуқуқӣ наафтад ва ё бо дигар роҳ аз амали ғайриқонунӣ ихтисор нагардад.

Вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ мумкин аст ҷой дошта бошад, ҳатто агар танҳо як қисми асар истифода бурда шуда бошад. Вайронкунӣ одатан ба амал меояд, вақте ки «қисми дахлдор» (яъне қисми аҳамиятнок, ҷудонашаванда ва ё фарққунанда) Ба ҳамин тариқ, ҳам миқдор ва ҳам сифат аҳамияти калон дорад. Аммо қоидаи умумӣ нисбати он ки кадом ҳаҷми асар мумкин аст бе вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ истифода бурда мешавад, вуҷуд надорад. Ҷавоб ба ин савол барои ҳар ҳолати мушаххас вобаста аз далелҳои ҳақиқӣ ва шароити ҳар як кор муайян карда мешавад.

Ҳуқуқҳои ғайримулкии шахсӣ мумкин аст вайроншуда ҳисобида шаванд:

- Агар шумо саҳми худро ҳамчун муаллифи асар эътироф намекунед; ва ё
- Агар кори шумо зери таҳҳир мемонад ва ё бо тарзе та ғйир меёбад, ки ба обрӯ ва шӯҳрати шумо зарар мерасонад.

Агар кори шумо зери таҳҳир мемонад ва ё бо тарзе та ғйир меёбад, ки ба обрӯ ва шӯҳрати шумо зарар мерасонад. Инчунин вайронкуниҳое во мехӯранд (ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё мустақил), ки бо истеҳсол, ворид кардан ва ё бастани шартномаҳои тиҷоратӣ ба таҷҳизоте, ки чораҳои техникии ҳифзи барои ҳимояи контентатон аз истифодабарии ғайриқонуниро риоя намекунанд, вобастаанд. Илова бар ин, вайронкунӣ инчунин дар ҳолате ба амал меояд вақте ки ягон шахс иттилоотро дар бораи идоракунии ҳуқуқҳо, ки шумо ба асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзшаванда гузоштаед, аз байн мебарад ва ё та ғйир медиҳад (см. стр. 26).

Амали яккарата метавонад ҳуқуқи аксарияти дорандагони ҳуқуқро вайрон намояд. Масалан, фурӯши фиттаҳо бо барномаҳои телевизионӣ вайронкунии ҳуқуқ ба пахш дар эфир ба ҳисоб меравад. Албатта, ин амал низ ҳуқуқи муаллифии бастакори мусиқӣ ва ширкати сабткунандаро, ки сабти аслӣ баровардаанд, вайрон мекунад. Ҳар як дорандаи ҳуқуқ метавонад чораҳои мустақилонаи ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои худ андешад.

Дар ҳолати вайронкунии ҳақиқӣ ва ё тахмини шумо чи бояд кунед?

Бори ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, пеш аз ҳама бар дӯши дорандаи ҳуқуқ аст. Шумо худатон ҳар як вайронкунии ҳуқуқҳоятонро муайян намоед ва дар бораи он ки кадом чораҳоро барои ҳифзи ҳуқуқҳоятон андешидан зарур аст, қабул намоед.

Ҳуқуқшинос дар соҳаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ё ширкати ҳуқуқӣ иттилоотро доир ба вариантҳои мавҷуда пешниҳод менамоянд ва барои кай ва чигуна пешниҳоди даъвои судӣ, инчунин чигуна танзими чунин баҳсҳо тариқи мурофиаҳои судӣ ва ё бо дигар роҳ пешниҳод менамоянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳар як қарор бо стратегияи умумии тиҷоратии шумо ва мақсадҳоятон мувофиқат мекунад..

Агар ҳуқуқи муаллифии шумо вайрон шуда бошад, шумо метавонед аввал ба **вайронкунандаи тахминӣ мактуб** (бо номи «мактуб бо талаби пешгирии вайронкунӣ) фиристода ӯро доир ба вуҷуд доштани баҳсҳои имконпазир хабардор намоед. Тавсия дода мешавад, ки барои навиштани чунин мактуб ба ҳуқуқшинос муроҷиат карда шавад. Дар баъзе кишварҳо, агар касе ҳуқуқи муаллифии шуморо дар Интеренет вайрон намуд, шумо метавонед интихоб намоед:

- Ба провайдери Интернет (ISP) мактуби махсус фиристода талаб карда мешавад, ки пешри роҳи вайронкорӣ гирифта шавад ва контенти қалбакӣ аз веб-сайт гирифта шавад ва ё дастрасӣ ба он банд карда шавад (хабар дода ва гирифта шавад»); ва ё
- Провайдери хизматрасонии Интернет хабардор карда шавад, ки он дар навбати худ, мизоҷони худро доир ба вайронкуниҳои тахминӣ огоҳ мекунад ва бо ҳамин ҳалли масъаларо осон мегардонад (роҳаш «огоҳонидан ва огоҳонидан»).

Баъзан ногаҳонӣ амалӣ беҳтарин аст. Фиристодани хабарнома ба вайронкунанда бо талаби пешгирии амали ғайриқонунӣ метавонад ба пинҳон ва ё нобуд кардани далелҳо оварда расонад. Агар шумо вайронкуниро қасдан мешуморед ва ҷойгиршавии фаъолияти қалбакиро медонед, он гоҳ шумо метавонед ба суд бе ягон огоҳ намудани вайронкунанда муроҷиат намоед ва дар бораи супориши яктарафи судӣ, ки ба ногаҳон гузаронидани тафтиши макони вайронкунанда ва мусодираи далелҳои дахлдор имкон медиҳад, дархост намоед.

Court proceedings may take a considerable period of time. In order to prevent further damage during this period, you may take immediate action to stop the allegedly infringing action and to prevent infringing goods from entering into the channels of commerce. The law in most countries allows the court to issue an interim injunction by which the court may order, pending the final outcome of the court case, the alleged infringer to stop his infringing action and to preserve relevant evidence.

Баҳсҳои судӣ мумкин аст дуру дароз давом кунад. Бо мақсади пешгирии дар оянда зараровари дар ин муддат, шумо метавонед барои пешгирии вайронкуниҳои тахминӣ ва пешгирии воридшавии молҳои қалбакӣ дар каналҳои тиҷоратии фурӯш амалҳои фаврӣ анҷом диҳед. Қонунгузории аксарияти кишварҳо ба судҳо имкони баровардани манъи муваққатии судиро медиҳад, ки тариқи он суд дар оянда то баохиррасии натиҷаи кори судӣ метавонад ба вайронкунандаи эҳтимолӣ дар бораи манъи фаъолияти қалбакӣ ва нигоҳдории далели дахлдор фармон барорад.

Оғоз намудани **парвандаи судӣ** зидди вайронкунанда танҳо дар ҳолате тавсия дода мешавад, ки агар: (i) шумо метавонед исбот намоед, ки дорандаи ҳуқуқи муаллифии асар ҳастед; (ii) шумо метавонед вайронкунии ҳуқуқҳоятонро исбот намоед; ва (iii) арзиши бурд дар мурофиаи судӣ аз мабла ғи гузаронидани он зиёдтар аст. Воситаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, ки судҳо метавонанд барои ҷуброни вайронкунӣ пешниҳод намоянд, аз ҷуброни зарар, манъи судӣ, фармонҳо доир ба ҳисоботдиҳӣ барои даромадҳо ва фармонҳо доир ба додани молҳои қалбакӣ ба дорандагони ҳуқуқ, иборат аст. Вайронкунандаро низ маҷбур намудан мумкин аст, ки шахсияти тарафи сеюмро, ки дар истеҳсол ва паҳнкунии маводи қалбакӣ ва каналҳои фурӯши он ширкат меварзад, фош намояд. Ғайр аз ин, суд метавонад фармон диҳад – агар дархости дахлдорро ба даст орад то ки молҳои қалбакӣ бе ҷуброн нобуд карда шаванд.

Қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ низ **ҷавобгарии ҷиноиро** барои истеҳсол ва ё гуфтушунидҳои тиҷоратӣ бо нусхаҳои асарҳои қалбакӣ пешбинӣ менамояд. Ҷазо барои вайронкунӣ метавонад ҷарима ва ё ҳатто маҳрум намудан аз озодӣ бошад. Барои пешгирии воридкунии асарҳои ғоратгарона шумо бояд ба мақомоти миллии гумрукӣ муроҷиат намоед. Аксарияти кишварҳо дар сарҳад доир ба ҳифзи ҳуқуқҳо, ки ба дорандагони ҳуқуқҳои муаллифӣ ва литсензиат имкон медиҳад дастгир кардани гумонбарони молҳои ғоратгарӣ ва қалбакиро талаб намоянд.

Шумо доир ба ҳалли баҳсҳои берун аз судӣ, ки ба ҳуқуқи муаллифӣ дахл доранд, кадом имкониятҳоро доред?

Дар аксарияти ҳолатҳо усули самарабахши мубориза бо вайронкунӣ тартиби арбитражӣ ва ё миёнаравӣ ба ҳисоб меравад. Арбитраж одатан аз сабаби назар ба баҳсҳои судӣ хусусияти камтарини расмӣ, тартиби мухтасар ва арзонтар доштанаш бартарӣ дорад, ғайр аз ин ҳалли арбитражиро дар вақти баҳсҳои байналмилалӣ ҳал кардан осонтар аст. Бартарияти ҳам арбитраж, ҳам миёнаравӣ аз он иборат аст, ки тарафҳо назоратро аз болои раванди ҳалли баҳсҳо нигоҳ медоранд. Ин метавонад ба нигоҳдории муносибатҳои хуби корӣ бо дигар корхонаҳо, ки ширкати шумо бо онҳо метавонад ҳамкориҳоро давом диҳад ва ё гуфтушуниди нави литсензионӣ ва ё қарордодро доир ба литсензиякунонии чандтарафаро дар оянда ба имзо расонад. Чун қоида, таҷрибаи хуб дохилкунии низомнома доир ба ҳамкориҳо ва ё арбитражӣ дар созишномаи литсензионӣ ба ҳисоб меравад. Барои иттилооти иловагӣ ниг. ба веб-сайти Марказ доир ба арбитраж ва миёнаравии СУМЗ бо суро ғаи arbiter.wipo.int/center/index.html.

ЗАМИМАИ I

Истинодҳои муфиди Интернет

Созмонии умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ):
www.wipo.int

Шӯъбаи СУМЗ –и корхонаҳои хурд ва миёна:
www.wipo.int/sme/en/

Веб-сайтҳои ВОИС доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он:
www.wipo.int/copyright/en/index.html

Веб-сайтҳои СУМЗ доир ба ҳифзи ҳуқуқҳо:
www.wipo.int/enforcement/en/index.html

Хариди нашрия дар ма ғозаи электронии китобҳои СУМЗ:
www.wipo.int/ebookshop.

Онҳо дар бар мегиранд:

- Дастурамал доир ба литсензиякунонии ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, нашри №897;
- Идоракунии коллективии ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, нашри №855

Воридкунии нашрияҳои ройгон:
www.wipo.int/publications.

Онҳо дар бар мегиранд:

- Моҳияти ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, нашри №909;
- Аз артист то тамошобин: Муаллифон ва истеъмолкунандагон аз ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ва системаи идоракунии коллективии ҳуқуқҳои муаллифӣ чи тавр даромад мегиранд, нашри №922;
- Идоракунии коллективӣ дар соҳаи репрография, нашри №924;

Феҳристи маъмурияти миллӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ:
www.wipo.int/news/en/links/addresses/cr/index.htm

Ташкилоти байналмилалии ғайриҳукуматӣ

Бюрои байналмилалии ҷамъияти идоракунии ҳуқуқҳо дар сабти механикӣ ва таҷдид (BIEM; акроним аз забони аслии франсавӣ гирифта шудааст):
www.biem.org

Алянси таъминоти барномавӣ барои корчалонӣ (BSA):
www.bsa.org

Конфедератсияи байналмилалии ҷамъияти муаллифон ва бастакорон (CISAC; акроним аз забони аслии франсавӣ гирифта шудааст):
www.cisac.org

Федератсияи байналмилалии ассосиатсияи кинопродюсерҳо (FIAPF; акроним аз забони аслии франсавӣ гирифта шудааст):
www.fiapf.org

Федератсияи байналмилалии ташкилотҳо доир ба ҳуқуқҳо барои таҷдид (IFRRO):
www.ifrro.org

Федератсияи байналмилалии саноати фонографӣ (IFPI):
www.ifpi.org

Ассосиатсияи мустақили ширкатҳои мусиқӣ (IMPALA):
www.impalasite.org

Ассосиатсияи байналмилалии ноширон (IPA):
www.ipa-uie.org
Ассосиатсияи соҳаи таъминоти барномавӣ ва иттилоот (SIIA): www.siia.net

International Publishers Association (IPA):
www.ipa-uie.org

oftware & Information Industry Association (SIIA):
www.siia.net

Замимаи IV

Суро ғаи веб-сайтҳои маъмурияти миллии ҳуқуқҳои муаллифӣ

Австралия	www.ag.gov.au
Алҷазоир	www.onda@wissal.dz
Андорра	www.ompa.ad
Аргентина	www2.jus.gov.ar/minjus/ssjyal/autor
Барбадос	www.caipo.gov.bb
Беларус	ncip@belpatent.gin.by
Белиз	www.belipo/bz
Босния и Ҳерсеговина	www.bih.nat.ba/zsmp
Бразилия	www.minc.gov.br
Британияи кабир	www.patent.gov.uk
Венгрия	www.hpo.hu
Гурҷистон	www.global-erty.net/saqpatenti
Дания	www.kum.dk
Зеландияи нав	www.med.govt.nz
Индонезия	www.dgip.go.id
Ирландия	www.entemp.ie
Исландия	www.ministryofeducation.is
Испания	www.mcu.es/Propiedad_Intelectual/indice.htm
Канада	cipo.gc.ca
Колумбия	www.derautor.gov.co
Қирғизистон	www.kyrgyzpatent.kg
Латвия	www.km.gov.lv
Лубнон	www.economy.gov.lb

Литва	www.muza.lt
Люксембург	www.etat.lu/EC
Малайзия	mipc.gov.my
Маҷористон	www.dziv.hr
Мексика	www.sep.gob.mx/wb2/sep/sep_459_indautor
Монако	www.european-patent-office.org/patlib/country/monaco/
Монголия	www.ipom.mn
Нигер	www.bnda.ne.wipo.net
Норвегия	www.dep.no/kd/
Олмон	www.bmj.bund.de
Перу	www.indecopi.gob.pe
Салвадор	www.cnr.gob.sv
Сингапур	www.gov.sg/minlaw/ipos www.ipos.gov.sg/
Словакия	www.culture.gov.sk
Словения	www.sipo.mzt.si/
Таиланд	www.ipthailand.org
Туркия	www.kultur.gov.tr
Украина	www.sdip.gov.ua www.uacrr.kiev.ua
Федератсияи Русия	www.rupto.ru
Филиппин	ipophil.gov.ph
Финландия	www.minedu.fi
Ҳиндустон	copyright.gov.in
ЧИН (Гонконг - САР)	www.info.gov.hk/ipd
Ҷумҳурии Корея	www.mct.go.kr/english
Ҷумҳурии Чехия	www.mkcr.cz
Штатҳои Муттаҳидаи Америка	www.loc.gov/copyright
Швейсария	www.ige.ch
United States of America	*www.loc.gov/copyright*

Эзоҳ: Барои таҷдиди иттилоот ба веб-сайт бо суро ғаи URL-зерин дароед: www.wipo.int/directory

ЗАМИМАИ III

Мундариҷаи мухтасари шартномаҳои асосии байналмилалӣ, ки ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро танзим менамояд

Конвенсияи Берн доир ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ (Конвенсияи Берн соли 1886).

Конвенсияи Берн – шартномаи асосии байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ. Конвенсияи Берн дар байни дигарон қоидаи «низоми миллӣ»-ро муқаррар менамояд. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳар як кишвар муаллифони хориҷӣ ва миллӣ ҳамон ҳуқуқҳоро истифода мебаранд. Дар айни замон Конвенсия дар 164 кишвар амал мекунад. Номгӯи тарафҳои аҳдкунанда ва матни пурраи Конвенсия бо суро ғаи www.wipo.int/treaties/en/ip/berne/index.html. дастрас аст.

Конвенсияи байналмилалӣ доир ба ҳифзи манфиатҳои иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонграммаҳо ва ташкили пахши эфирӣ (Конвенсияи Рим) (с.1961)

Конвенсияи Рим ҳифзро ба ҳуқуқҳои вобаста ба он паҳн менамояд: иҷрокунандагон ҳуқуқҳои худро барои баромадҳои худ, истеҳсолкунандагони фонграммаҳо – барои сабти овозӣ худ, таҳкилоти радио ва телевизион бошад – барои барномаҳои телевизионии худ истифода мебаранд.
То имрӯз тарафдорони Конвенсия 91 давлат мебошад. Номгӯи тарафҳои аҳдкунанда ва матни пурраи Конвенсия ниг. бо суро ғаи **www.wipo.int/treaties/en/ip/rome/index.html.**

Конвенсия доир ба истеҳсолкунандагони фонограмма аз нусхабардории ғайриқонунии фонограммаҳои онҳо (Конвенсия доир ба фонограммаҳо) (с. 1971).

Конвенсия доир ба фонограммаҳо ӯҳдадории ҳар як давлати аҳдкунандаро барои ҳимояи истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ки резиденти дигар давлати аҳдкунанда ба ҳисоб меравад, аз сохтани нусха бидуни розигии истеҳсолкунанда, аз воридкунии чунин нусхаҳо, агар сохтан ва ё воридкунӣ барои паҳнкунии расмӣ пешбинӣ шуда бошад ва аз паҳнкунии расмии чунин нусхаҳо, муайян менамояд. «Фонограмма» маънои танҳо бақайдгирии овозро (яъне, он масалан, роҳчаҳои овозии филмҳо ва ё видеокассетаҳоро дар бар намегирад), новобаста аз шакли он (гирдаҳо, фиттаҳо ва ё дигар баррандаҳо) дорад. Дар айни замон Конвенсия дар 77 кишвар амал мекунад.

Созишнома доир ба ҷанбаҳои тиҷорати ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ (Созишномаи ТРИПС) (соли 1994)

Созишномаи ТРИПС бо мақсади танзими савдои байналмилалӣ бо ҳифзи самарабахш ва мувофиқи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, инчунин барои таъмини стандартҳои дахлдор ва принсипҳое, ки ба дараҷаи ҳифз, ҳаҷм ва истифодабарии ҷанбаҳои тиҷорати ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дахл доранд, баста шуда буд. Ҳамзамон Созишнома воситаҳои ҳифзи чунин ҳуқуқҳоро пешбинӣ менамояд. Созишномаи ТРИПС барои ҳамаи 153 аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Матни онро дар веб-сайти СУС: **www.wto.org/english/docs_e/legal_e/27-trips.doc**. хонандан мумкин аст.

Шартномаи СУМЗ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ва Шартномаи СУМЗ доир ба иҷрокунандагон ва фонограммаҳо (1996)

Шартномаи СУМЗ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ (ШҲМ) ва Шартномаи СУМЗ доир ба иҷрокунӣ ва фонограммаҳо соли 1996 бо мақсади мувофиқгардонии ҳифзи ҳуқуқии муаллифон, иҷрокунандагон ва истеҳсолкунандагони фонограммаҳо бо масъалаҳое, ки пайдоиши технологияҳои рақамӣ алоқаманданд, баста шуда буданд. Шартномаи СУМЗ Конвенсияи Бернро доир ба ҳимояи асарҳои адабӣ ва бадеӣ пурра намуда, шартҳои онро бо талаботи нави ҷамъияти иттилоотӣ мувофиқ менамояд. Аввал, ин маънои онро дорад, ки ҳамаи меъёрҳои Конвенсияи Берн бо ислоҳоти зарурӣ ба муҳити рақамӣ истифода бурда мешавад. Ин инчунин маънои онро дорад, ки ҳамаи тарафҳои аҳдкунанда бояд муқаррароти дахлдори Конвенсияи Бернро новобаста аз он ки онҳо тарафи худи Конвенсияи Берн ба ҳисоб мераванд ё не, рио намоянд. ШМҲ ҳуқуқҳои муаллифиро нисбати асари онҳо бо роҳи пешниҳоди се ҳуқуқи истисноӣ ба онҳо, яъне ҳуқуқ ба:

– иҷозат ва ё манъи расман паҳнкунии асари аслӣ ва ё нусхаи он бо роҳи фурӯш ва ё дигар роҳ (ҳуқуқ ба паҳнкунӣ);

– иҷозат ва ё манъи кирои тиҷоратии барномаҳои компютерӣ, асарҳои синамогарӣ (агар чунин кирои тиҷоратӣ ба нусхабардории васеъи чунин асарҳо, ки ба ҳуқуқи истисноии асар зарар мерасонад, оварда расонад) ва ё асарҳои ба фонограммаҳо дохилкардашуда (ҳуқуқи киро); ва

– иҷозат ва ё манъи хабар додани асл ва ё нусхаҳои асар доир ба ноқилҳо ва ё воситаҳои алоқаи бесим, аз ҷумла расонидани асар то ба маълумоти омма бо роҳе, ки намояндагони омма ба чунин асар аз ҳар ҷо ва ҳар вақт аз рӯи интихоби худ дастрас шуда метавонанд (ҳуқуқ ба хабар барои маълумоти омма), пешниҳод менамояд.

ШҲМ 6 марти соли 2002 эътибор пайдо намудааст ва то имрӯз 89 давлат иштирокчии он ба ҳисоб меравад (ниг. **www.wipo.int/treaties/en/ip/wct/index.html)**.

Нисбати ШҲМ, ШИФ ба дорандагони ҳуқуқҳои вобаста ба он тааллуқ дорад ва мақсади он ҳамоҳангсозии байналмилалии ҳимояи иҷрокунандагон ва истеҳсолкунандагони фонограммаҳо дар ҷамъияти иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Аммо он ба иҷрои аудиовизуалӣ истифода бурда намешавад. ШИФ, асосан, манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ҳуқуқҳои иҷрокунандагонро (актерҳо, сарояндагон, мусиқанавозон ва ғайра) нисбати асарҳояшон, новобаста аз он, ки онҳо дар фонограмма сабт шудаанд ё не, ҳимоя менамояд. ШИФ инчунин ба шахсони физикӣ ва ё ҳуқуқӣ, ки бо ташаббус баромад менамоянд ва барои сабти овоз ҷавобгаранд, кӯмак мерасонад. ШИФ ба дорандагони ҳуқуқ ҳуқуқи истисноиро ба:

– иҷозат ва ё манъи таҷдиди мустақим ва ё ба воситаи фонограммаҳо (ҳуқуқ ба таҷдид);

– иҷозат ва ё манъи расонидани фонограммаҳои аслӣ ва ё нусхаи онҳо ба маълумоти омма бо роҳи фурӯш ва ё дигар вогузории ҳуқуқи соҳибмулкӣ (ҳуқуқ ба паҳнкунӣ);

– иҷозат ва ё манъи кирои расмии тиҷорати фонограммаҳои аслӣ ва ё нусхаҳои онҳо (ҳуқуқ ба киро); ва

– иҷозат ва ё манъи расонидан то ба маълумоти омма тариқи ноқилҳо ва ё воситаҳои алоқаи бесим ба тарзе, ки намояндагони омма метавонанд аз ҳар ҷо ва ҳар вақт аз рӯи интихоби худ (ҳуқуқи дастрас намудани иҷроҳои сабтшуда) дастрас намоянд.

Нисбати иҷроҳои зинда, яъне бе сабт дар фонограммаҳо, ШИФ инчунин ба иҷрокунандагон ҳуқуқи истисноиро медиҳанд ба:

– пахши эфирӣ;

– хабар барои маълумоти омма; ва

– сабт (танҳо овоз)..

ШИФ 20 маи соли 2002 эътибор пайдо намудааст ва то имрӯз иштирокчии ШИФ 89 давлат ба ҳисоб мераванд (ниг. **www.wipo.int/treaties/en/ip/wppt/index.html)**

Конвенсияи мубориза зидди киберҷиноят (с. 2001)

Конвенсияи омодасохтаи Шӯрои Европа доир ба мубориза зидди киберҷиноят сиёсати умумии ҷиноиро, ки барои ҳимояи ҷамъият аз киберҷиноят равона шудааст, муақаррар менамояд. Ин шартномаи аввалини байналмилалӣ оид ба ҷиноятҳои тариқи Интернет ва дигар шабакаҳои компютерӣ содиршуда мебошанд, ки махсусан вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ, қаллобии компютерӣ, беҳаёиҳои кӯдакона ва вайронкунии бехатарии шабакаро ба миён меорад. Ин шартнома инчунин як қатор чораҳобиниҳоро ба мисли ҷустуҷӯи шабакаҳои компютерӣ ва пешгирӣ намудан дар бар мегирад. Матни пурраро аз рӯи суро ғаи: conventions.coe.int/Treaty/en/Treaties/Html/185.htm. хондан мумкин аст.

Директива доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ (с. 2001)

Директиваи Ҷамъияти Европоӣ доир ба ҳамоҳангсозии баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар ҷамъияти иттилоотӣ ҳуқуқро дар соҳаҳои асосии муайян, асосан, барои ҳалли масъалаҳои Интернет ва савдои электронӣ, инчунин технологияи рақамӣ ба пуррагӣ мувофиқ мегардонад. Директива инчунин истиснои ҷанбаҳои техникии системаҳои идоракунии ҳуқуқҳоро аз иҳ ҳуқуқҳо баррасӣ менамояд.

Замимаи IV

Номгӯи давлаҳо-иштирокчии Конвенсияи Берн доир ба ҳимояи асарҳои адабӣ ва бадеӣ (ҳолати то сентябри соли 2011)

Австралия
Австрия
Албания
Алҷазоир
Андорра
Аморати муттаҳидаи Араб
Антигуа ва Барбуда
Арабистони Сауди
Армения
Аргентин
Африқои ҷанубӣ
Бангладеш
Барбадос
Баҳраин
Баҳам
Беларус
Белгия
Белиз
Бенин
Боливиё
Босния ва Ҳертсоговина
Ботсван
Бразилиё
Бруней
Булғория
Буркина-Фасо
Бутан
Ветнам
Венгрия
Венесуэла
Габон
Гаити
Гайана
Гамбия
Гана
Гондурас
Гурҷистон
Гвинея-Бисау
Гвинея
Гватемала
Гвинеяи Экваториалӣ
Гренада
Дания
Доминика
Замбия
Зеландияи Нав
Зимбабве
Иёлоти муттаҳидаи Америко
Изроил
Индонезия
Ирландия
Исландия
Испания
Итолиё
Кабо-Верде
Камерун
Канада
Катар
Кения
Кипр
Конго
Колумбия
Кот-д'Ивуар
Коста-Рика
Куба
Қазоқистон
Қирғизистон
Латвия
Либерия
Лесото
Лихтенштейн
Литвия
Литва
Лубнон
Люксембург
Мадагаскар
Мавритания
Малави
Малайзия
Мали
Малта
Марокаш
Македония
Мексико

Миср
Микронезия (штати федеративии Монако)
Монако
Монголия
Намибия
Никарагуа
Нигер
Нигерия
Норвегия
Непал
Озарбойҷон
Олмон
Панама
Парагвай
Перу
Полша
Парагвай
Португалия
Покистон
Руминия
Руанда
Салвадор
Самоа
Свазиленд
Сент-Ките ва Невис
Сент-Люсия
Сент-Винсент ва Гренадио
Сенегал
Сербия
Сингапур
Словакия
Словения
Судон
Суринам
Таиланд
Танзия
Того
Тоҷикистон
Тринидад ва Тобаго
Тунис
Туркия
Узбекистон
Украина
Умон
Ӯрдун
Уругвай
Фаронса
Филиппин
Финляндия
Фиҷи
Федератсияи Руссия
Хорватия
Ҳиндустон
Ҳолий Сий
Чад
Ченогория
Чили
Чин
Ҷазираи Маврико
Ҷазираҳои Комор
Ҷопон
Ҷибути
Ҷумҳурии Африқои марказӣ
Ҷумҳурии Сурияи Араб
Ҷумҳурии Доминика
Ҷумҳурии Демократии Конго
Ҷумҳурии Чехия
Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея
Ҷумҳурии Корея
Ҷумҳурии Молдова
Ҷумҳурии муттаҳидаи Танзания
Шветсия
Швейтсария
Шоҳигарии муттаҳид
Шри-Ланка
Эстония
Эквадор
Юнон
Ямайка
Яман

(Ҷамъ: 164 давлат)

Эзоҳ: Барои таҷдиди иттилоот веб-сайтро аз рӯи суро ғаи URL зерин назар андозед: www.wipo.int/treaties/en/ip/berne

Дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии конвенсияҳои байналмилалӣ, Созишномаҳои бисёртарафа ва дутарафаи зерин ба ҳисоб меравад:

- Конвенсияи умумиҷаҳонӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ (иштирок соли 1992 тасдиқ шудааст);
- Созишнома доир ба ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуҳои вобаста ба они кишварҳои ИДМ;
- Созишнома доир ба ҳамкориҳо оиди пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнии ИДМ (с.1998);
- аъзлгӣ дар Комиссияи якҷояи кории давлатҳо-иштирокчии Созишнома доир ба ҳамкориҳо оиди пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнии кишварҳои ИДМ (20 июни соли 2000);

Инчунин шартномаҳои дутарафа дар байни Агентӣ ва ташкилотҳои муаллифию ҳуқуқии кишварҳои ИДМ (Русия, Молдова, Қазоқистон, Қир ғизистон, Узбекистон).

Тоҷикистон дар соли 2009 ба шартномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ доир ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳамроҳ гардид.

Шартномаи ВОИС соли 1996 аз ҷониби Коференсияи дипломатӣ доир ба баъзе масъалаҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Женева қабул шуда соли 2001 баъд аз ҳамроҳшавии 30 давлат ба он қувваи қонунӣ пайдо намуд.

Китобчаи мазкур мумкин аст бо миқдори нусхаи зарурӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи

734042, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, д.14-а.
Телефон: 8 (99237) 221-47-60,
телефон/факс 8 (99237) 221-71-54,
почтаи электронӣ: info@ncpi.tj

дархост карда шавад.

Барои иттилооти оянда ба **Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ** муроҷиат намоед:

Суроғаи:
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Телефон:
+41 22 338 91 11

Факс:
+41 22 733 54 28

Почтаи электронӣ:
wipo.mail@wipo.int

Ва ё Бюро доир ба ҳамоҳангсозӣ дар Ню-Йорк:

Суроғаи:
2, United Nations Plaza
Suite 2525
New York, N.Y. 10017
United States of America

Телефон:
+1 212 963 6813

Факс:
+1 212 963 4801

Почтаи электронӣ:
wipo@un.org

Нигаред ба веб-саҳифаи СУМЗ:
www.wipo.int

инчунин мағозаи электронии Сумз: :
www.wipo.int/ebookshop

Ва ё дар Шӯъбаи МСП:

Суроғаи:
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Факс:
+41 22 338 87 60

Почтаи электронӣ:
sme@wipo.int

Web page:
www.wipo.int/sme

Рақами нашри ММПИ 257
Ноябри с. 2011